Н А Ш Р И Ё Т И  « А Д И Б »



**ЛАЪЛҶУБАИ МИРЗОҲАСАН**

# САФИРИ МУРҒИ ШАБОҲАНГ

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-63

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

М-63 **Лаълҷубаи Мирзоҳасан. Сафири мурғи шабоҳанг** *(маҷмӯаи шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2015. 176 саҳ.

Дар ин китоб шеърҳои тозаэҷоди шоири хушзавқ Лаълҷубаи Мирзоҳасан гирдоварӣ шудаанд. Шеърҳо аз нигоҳи мавзӯъ гуногун буда, бештар васфи Ватану зебоиҳои он, Ваҳдату Истиқлолият, ободии рӯзгори мардуми тоҷикро дар бар мегиранд. Аз нигоҳи шакл низ шеърҳои шоир гуногун буда, маъниҳои тоза ва андешаҳои ҷолиб дар қолабҳои мухталифи шеър – ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва шеъри озод ҷойгузин шудаанд.

ISBN 978-99947-2-454-3

© Нашриёти «Адиб», 2015

# ВАТАН, БИНОИ ТАН ЗИ САНГУ ХОКИ ТУСТ

## ТУ МОДАРӢ БАРОИ МАН, ВАТАН!

Ту, ай Ватан, чу модари манӣ,
Ту модарам, маро нахустмеҳанӣ.
Зи домани ту, модарам, чу раҳравон шудам,
Ба хокдомани Ватан чу тифли он калон шудам.

Аё биҳиштӣ модарам,
Аё зи баъди шаҳсутуни хона сарварам.
Маро биҳиштӣ офаридаӣ,
Маро ба дасти худ ба дасти Модарам-Замин ту додаӣ
Ва олами аҷоибе барои ман кушодаӣ.

Ватан кунун маро гирифта дар канор,
Гузашту бигзарад ба домани Ватан маро
Шунидаю надидаҳои рӯзгор
Ва ин Ватан, ки ҳамчу модарам кунад навозишам,
Чу як гиреҳкушо бувад ба маркази чакомаи ситоишам.

Ватан, Ватан,
Ба гоҳи тифлӣ монда сар ба домаду ба шонаҳои модарам
Ва хоби тифлӣ мекашид дар барам.
Кунун ба домани чу бӯстонат, эй Ватан,
Гулам, ки парваридааст ин чаман.
Ватан, Ватан,
Зи ту ҳазор бор розиам,
Ва пеши ту хушам зи сарфарозиям,
Ки лаҳзае надидаӣ ту гургбозиям,
Агарчи дар ҷаҳони бозиҳо ба бозиям.

Ватан, Ватан,
Ҳазор бор шукри хоки ту кунам,
ки беҳтар аст аз дурри Адан
Ва хуни ишқи ту маросг дар бадан.

Ватан, Ватан, бинои тан зи сангу хоки туст,
Гули умеди ман шукуфта
дар баҳори ҷовидони поки туст.
Қасам ба субҳу шому рӯзу шаб, ба шашдарат, Ватан,
Ту модарӣ барои ман!

## ПОРА-ПОРА АЗ ТУЯМ МАН, ЭЙ ВАТАН!

Эй ватан, ман аз тани ту пораи нокандаам,
Бо ту ман андар канори хулдосо зиндаам.
Пораам аз пайкари ту,
Пораам андар бари ту.

Бо лабони хандаборат, эй ватан, хандидаам,
Дар ҷаҳони сабзазорат ҳамчу гул сабзидаам.

Аз тани ман мешавад сар сарҳади асли ватан,
Ҳастии ман мешавад сар аз кафи хоки ватан.

Ман ғуборатро диҳам ҷо дар фарози шонаам,
Чанги роҳатро зи тори мӯйҳои хештан,
Эй ватан,
Мефишонам дур не, дар остони хонаам.

Эй ватан, дар ҳастиям сабз аст меҳрат солҳо,
Ёфтам бо меҳри ту дар зиндагӣ иқболҳо.

Ин тани ман санги ҳофиз дар дили девори туст,
Сангаре дар роҳи афсункории ағёри туст.

Пораи хокат маро бигрифт гоҳи тифлиам
дар домани худ, эй ватан,
Пораи хокат, ватан, рӯзе маро гардад кафан.
Пора-пора гар шавад рӯзе тани ман,
Пора-пора аз туям ман, эй ватан!

## НИДОИ ТОҶИКИСТОН

Маро аз ҳафт нима офариданд,
Зи беҳин хоки дунё баргузиданд.
Маро з-ин ҳафт як пайкар падид аст,
Зи ҳафт андоми ман зиштӣ буриданд.

Зарафшон порае аз нимаи он,
Худоро, кош, бошад зарфишон он,
Зарафшонӣ, Зарафшонро нигаҳ дор,
Зарафшон, бар сари миллат зар афшон.

Маро як пораи дигар Бадахшон,
Бар андомам чу шаҳраг метапад он.
Бигӯяд рози мо бар моҳу хуршед,
Бадахшонӣ, нигаҳ дорӣ Бадахшон.

Чу эҳдои илоҳӣ аст Хатлон,
Ба сони Юсуфи Яъқуби Канъон.
Ту эй хатлонии Хатлони обод,
Муҳофиз бош бар эхдои яздон.

Маро як қисмате Рашто ном аст,
Сабоҳи софи навмедию шом аст.
Ту раштӣ, дона кору зар бирӯён,
Биҳишти зиндагӣ он ҷо давом аст.

Ту вахшонии Вахшон, ганҷи Қорун
Бурун орӣ зи ҷайби дашту ҳомун.
Замона сабт карда номи Вахшон
Ба рӯйи синаи гурдун ба нохун.

Ҳисори Шодмон зеби замон аст,
Куҳанбунёду шӯҳра дар ҷаҳон аст.
Ҳамеша шодмон андар канорам
Ҳисорӣ бо Ҳисори Шодмон аст.

Манам андому дил дар он Душанбе,
Тамоми фасл гулборон Душанбе.
Муҳаббатгоҳи мардум гаштааст он,
Ту бошӣ доимо шодон, Душанбе.

Зи Хатлону Бадахшону Зарафшон,
Душанбеву Ҳисору Вахшу Раштон,
Ки ҳар як мӯҳрае дар ҳалқаи ман,
Мусаммо гаштаам ман Тоҷикистон.

Шудам як тан ман аз ин ҳафт пайкар,
Чунон к- Одам зи хоки ҳафт кишвар.
Дигар бар пораҳо қисмат нашояд
Мани як Тоҷикистонро, бародар.

## НИГОҲИ ИШҚБОР

Нигоҳи чашм чӣ эъҷозҳо ниҳон дорад,
Шароби талх дар ин ҷоми ошиқон дорад.
Барои куштану ҳам зинда кардани ману мо
Силоҳу доруи мо ёри хонадон дорад.

Дами Исост дар он гӯшахонаи чашмон,
Ба ишваҳои дидаи пурноз мекунад исён.
Ба ними ними нигаҳ зинда мурда месозад,
Ба ними ними нигаҳ мурдаро дамонад ҷон.

Маро шароб аз ин ҷоми чашм армон аст,
Ба қалби пурғами ман ин шароб дармон аст.
Зи тири чашми ту биму ҳарос кай бошад,
Маро зи тири нигоҳи ту мурдан армон аст.

Зи ҷоми чашм маро ин шароб арзон кун,
Ба ҳаққи ишқ хонаи беилтифот вайрон кун.
Нигар ту бо нигаҳи пур зи ишқ сӯи гадо,
Ғурур дур фикан, ғамкашида хандон кун.

## ЗИНДАГИИ ОДАМӢ ЧУН БАРГИ ГУЛ ТАКРОР НЕСТ

Барф меборад ба тори кӯҳу пои кӯҳсор,
Мушк мерезад ба тору пои кӯҳ ҷои ғубор,
Равшании шаб ба нури барф дида рӯзгор.

Ҷои барги сабз рӯяд барги испеди саҳар,
Мешавад пироҳани кӯҳ зери оби барф тар,
Метаровад қатра аз зулфи дарахти борвар.

Зиндагӣ гул мекунад дар навдаи боғи баҳор,
Хандаи гулро дами субҳ боғ бошад интизор,
Зери девори саҳар бо нағма меояд ҳазор.

Субҳдам дар барги чашми мо кашад тасвирҳо,
Дасти шабро мекунад кӯтаҳ зи ҳар таҳқирҳо,
Ҳусн мерӯяд зи пушти пардаи таъхирҳо.

Сабз гардад зиндагӣ бо хуни борон субҳдам,
Сардиҳо дар навдаи боғи баҳорӣ гашта кам,
Ханда созад дар лабони ғунчаи гул барги нам.

Зиндагӣ такрор ёбад дар ҷаҳони боғи гул,
Ханда резад рӯи сабза аз даҳони боғи гул,
Ҳусн рӯяд дар баҳорон аз хазони боғи гул.

Зиндагии одамӣ чун барги гул такрор нест,
Ҳамчу гул пинҳон ба зери сояҳои хор нест,
З-ибтидо то интиҳо бе ранҷу бе озор нест.

Рафта аз олам касе, кас нест ӯро интизор,
Кай бирӯяд одамӣ аз хок дар фасли баҳор,
Кош, номаш дар китоби даҳр монад пойдор.

## БИШКАНАД ОХИР САБӮҲИ
## ЛОЛАҲО ДАР САНГЗОР

Аз дили дарёи пуртуғён нигар ин авҷро,
Мавҷ пушти мавҷ охир сабз созад фавҷро,
Ин ҷаҳиданҳо ба марг оранд охир мавҷро.

Сабз шуд боғи гул аз нав дар гулистони ҷаҳон,
Ҳусн мерӯяд мунаққаш аз замини ҷовидон,
Заъфаронӣ ранг гирад Юсуфистон аз хазон.

Лола дар саҳро чу ҷоми май занад ҷавлон баҳор,
Ранг-рангин мешавад аз лола ранги рӯзгор,
Бишканад охир сабӯҳи лолаҳо дар сангзор.

Аспи дав бошад ҷавонӣ дар ҳаёти одамӣ,
Нест парвои фарозу нест парвои хамӣ,
Оқибат чашми ҷавонӣ пур кунад ашку намӣ.

Ҳусн меорад ҷунуниҳо барои ошиқон,
Қиссаҳои ошиқон девон шавад андар ҷаҳон,
Ҳусн охир пир гардад аз дами боди хазон.

Номи неки одамӣ кохест доим устувор,
Қад кашад ҳар дам ба сӯи олами авҷу барор,
Некиро бигзин, ки бошад ҷовидон дар рӯзгор.

## ҒУБОРИ ТУ БУВАД ВАТАН МАРО

Ғубори хокат, эй ватан,
Чу як гуле зи гӯшаи чаман
Нафас кашам, нафас кашам,
Ба болҳои паҳни сад ҳавас кашам.
Ба ҳар куҷо сифоти хоки покат, эй ватан,
ба шаҳпари ҷарас кашам.
Чӣ лаҳзаҳо, чӣ лаҳзаҳо
Фараҳ бувад маро ба синаҳо.
Ғубор не, ғубор не,
Ба чашмҳо чу хор не.
Ғубори хоки ту, ватан,
Маро ба тан
чу кисвати амонии замон бувад,
Маро чу қутти ҷон бувад.
Гиромӣ дорам, эй ватан, ба субҳгоҳу шоми ту
Ғубори хоки поки ту, ки ҳаст ҷузви ҷузви томи ту.
Ғубори поки ту ба ҳар ду шона ҷо кунам,
Зи ҳар сафар чу омадам,
ғуборро макон ба рӯю мӯю дидаҳо кунам.
Ғубори хокат, эй ватан,
Ба дидаҳои чори ман
Бувад ватан, ватан, ватан!

## САВГАНД БА НОМИ ПАРЧАМИ МИЛЛАТИ МО

Савганд ба номи Парчами миллати мо,
Савганд ба рамзи ҳастии давлати мо.
Парчам шабу рӯз парфишонӣ дорад
Чун бахти баланду толеву савлати мо.

Аз аҳди қадими ориён аст,
Аз Коваю ковиён нишон аст.
Сомонӣ ба номи он қасам хӯрд,
Савганд маро ба номи он аст.

Он ҷо, ки баланд мешавад Парчами мо,
Он ҷой саре зи кишвари мост баланд.
Он ҷо, ки суруди миллат овоз диҳад,
Ҳамроҳи Суруд Парчами мост баланд.

Аз аҳди қадими ориён аст,
Аз Коваю ковиён нишон аст.
Сомонӣ ба номи он қасам хӯрд,
Савганд маро ба номи он аст.

Савганд ба номи Парчами ин ватанам,
Савганд ба рамзи ин замину заманам.
Покию муқаддасу азизӣ, Парчам,
Оне, ки ба пойи Парчам афтод, манам.

Аз аҳди қадими ориён аст,
Аз Коваю ковиён нишон аст.
Сомонӣ ба номи он қасам хӯрд,
Савганд маро ба номи он аст.

***Дар Бадахшон ҳашт боғ аз софиҳо дорад сиришт,***
***Эй бародар, интизорат ҳашт боғи чун биҳишт.***

* * *

Дарвозаи тиллоӣ Дарвози Бадахшон аст,
Дар рӯйи кафи кӯҳҳо истораи тобон аст.
Ин хок басе парвард ҳам шоиру ҳам олим,
Ин гӯшаи тиллоӣ чун тӯҳфаи Яздон аст.

Ванҷи обод-ин биҳишти накди кӯҳистони мост,
Беҳтар аз ганҷинаи Қорун дар ин даврони мост.
Васфи ганҷаш гӯиё шерозаи шеъри тар аст,
Ганҷи Ванҷи пур зи ганҷам тӯшаи армони мост.

Шуғнон, ки ба «Шаҳнома» – и Тӯсӣ рақам аст,
Дар силки накӯдиёри олам алам аст.
Гӯйӣ ки тамошогаҳе аз аҳди қадим
Бар аҳли замину нуриёни ҳарам аст.

Хоруғ чу нигини чаллаи Помир аст,
Дар Боми Ҷаҳон чу косаи пуршир аст.
Як шаҳри биҳиштиест андар кафи кӯҳ,
Чун салла ба фарқи ин ҷаҳони пир аст.

Рӯшон чу гуле ба саллаи кӯҳсор аст,
Ё шабнами рӯйи барг дар гулзор аст.
Хокест, ки зар офарад аз синаи хеш,
Аз ҷаннати накд гӯиё осор аст.

Як ними Бадахшони ҷаҳон Шаҳдара аст,
Сарчашмаи ҳикмат ба дили ин дара аст.
Ин хок чу ганҷинаи илму ҳунар аст,
Девону баёзи шеърҳои сара аст.

Ишкошими мо диёри пурасрор аст,
Эъҷоз ниҳон дар дили ин кӯҳсор аст.
Ин ҳадяи борӣ, ки чу лаълаш машҳур,
Шерозаи зарҳалии ҳар ашъор аст.

Мурғоб ба коми хунукӣ афтодаст,
Дар зулмати даҳр нуқтаи обод аст.
Гӯё ки ҳаёту марг дар ҷанги ҳаманд,
Фирӯз ҳаёту марг дар фарёд аст.

## ҚОНУНИ АДОЛАТ

Дар паллаи тарозуи қонуни кишварам,
К – аз қудрати адолати он некахтарам,
Вазни сиёсат аст,
Нерӯи давлат аст,
Аркони шӯҳрат аст.

Як давлате ба пояи қонун баланд шуд,
Инсон ба зери парчами он арҷманд шуд,
Бахти шаҳона ёфт,
Меҳри ягона ёфт,
Аз ҳамли рӯзи наҳс тиҳӣ пушту шона ёфт.

Қонун барои мову ту воло зи ҷавшан аст,
Аз нури он хати сафари умр равшан аст.
Қонуни миллат аст,
Рукни саодат аст,
Дасти шафоат аст.

Чун ҳадяи биҳиштие аз сарнавишти мост,
Аз мазраҳои ваҳдати ин мулк кишти мост.
З-ин мазра бахт руст,
Дораш ба ҷон ту дӯст.

Эй миллати баор,
Дар тӯли рӯзгор,
Дар дай ва ҳам баҳор,
Онро нигоҳ дору нигаҳбони он туӣ,
Қонун тан асту миллати ман,ҷони он туӣ.
Онро нигоҳ дор, ки чун обрӯст он,
Нигаҳбони туст он,
То ҳастӣ, ҳаст он
То рӯзи ҷовидон!

## МАН ЁДГОРИ СИЛСИЛАИ ОРИЁИЯМ

Ман ёдгори силсилаи ориёиям,
Аз решаи қадимаи Маздак ҷудо наям.

То аҳди нав гусаста нагаштам зи дудмон,
Ман шаҳкитоби ҳикмати таърихии каям.

Бар дурҳо агарчи зи мо монда ориё,
Тайкардаи баҳору хазону дами даям.

Берун шудам зи марзи найистони пешгоҳ,
Лаҳни нишоту ғам зи куҳанқиссаи наям.

Ғамро қафас масоз бар андоми хештан,
Андар гулӯи олами андӯҳу шар маям.

Чандин ҳазор сол гузашт аз валодатам,
Рӯйи ҷаҳон ҷавонтарин ориёиям.

Ман парчами каёнӣ зи каф кай фурӯ кунам,
Меросдори силсилаи Коваи каям.

## ШЕЪРАМ МАРО БОШАД ВАТАН

Ҳарф-ҳарфи шеъри ман як пораи лаълест, аз кон кандаам
Гоҳ бо ашки қалам, гаҳ бо сиришки хандаам.
Ман варо дарёфтам чун лаъл аз кони ҷигар,
Ҳарф-ҳарфи шеъри ман
чун пораи андоми хунини ҷигар дорад шарар,
Аз танӯри фикр кандам қамчу нони пухтаю ширини модар
Ман ба дастони саҳар.

Ҳарф-ҳарфи шеъри ман рӯида аз хуни давоти пайкарам,
Аз гулӯи килки шабгардам бирезад субҳ рӯйи дафтарам.

Ҳарф-ҳарфи шеъри ман хиштест аз девори дил,
Ҳар шабе хоки дилу хуни ҷигар
созам барои гуфтани як шеър гил.
Шеъри ман, бо ин дарозумрии ту поянда хоҳам монд,
Бо ту ман дар олами ояндаҳо фархунда хоҳам монд.

Шеъри шоирро макуш, эй бо ману эй баъди ман,
Шеъри ман фардо маро бошад ватан!

## ЭЙ МОҲ, ТУ АФРӮЗ ШАБИ КИШВАРРО

Аз партави субҳ ниҳоди шаб меларзид,
Гӯё ки сари шаби сиёҳ мечархид.
Омад шунаҳ, печида ба андоми замин
Аз чархи барин.
Зулмот зи рухсори само кард фирор,
Гӯё шаби тира ҷома барбаст чу бор.

Як ахтари субҳ чашмакӣ дошт саҳар
Аз гӯшаи осмони холӣ зи шарар.
Ё ашки шаб аз дидаи маҳ буд нишон,
Аз чашми ситора ин саҳар буд аён.

Эй моҳ, ту афрӯз шаби кишварро,
Эй субҳ, макуш ту охирин ахтарро!

## ДИРАФШИ КОВИЁНӢ

Дирафши ковиёнӣ аз замони Коваю аҳди Фаридун аст,
Чу рамзи давлати шоҳаншаҳиҳо қадрафзун аст.
Ба амри Саъди Ваққос ҳадя бар шоҳи араб бурданд,
Чӣ бурданду чаро бурданд?
Ба ҳукми Саъди Ваққос пора – пора гашт он парчам,
Нагардида валекин қадри он кам
дар нигоҳу мову ту то соҳили ин дам.

Барояш форсу тоҷик гиряҳо карданд,
Зану фарзанду пиру кӯдаку навхонадорон нолаҳо карданд.

Бале, парчам бувад номуси қавму халқу ҳар миллат,
Бувад рукни вуҷуди кишвару ҳам пояи давлат.

Ба гоҳи ҷанг агар афтад ба дасти душмане парчам,
Сари шоҳу сипоҳу халқ гардад хам.
Бароям парчами кишвар муқаддас ҳасту хоҳад буд,
Парафшонӣ кунад дар осмони бахти номаҳдуд.
Ба се рангаш қасам хӯрдам,
Ба зери пои парчам саҷда кардам,
Сар ниҳодам,
Қавл додам,
Ки акнун дар замини Тоҷикистон шоду озодам.
Нахоҳам дасти нопоке расад бар он,
Диҳам ман дар баҳои парчами номуси миллат ҷон.
Диҳам ҷону нахоҳам ҳеҷ гаҳ номус аз каф дод,
Агар хоҳад адӯ аз байн бардорад маро бунёд!

## ҶАМЪ ДАР ЗЕРИ ЛИВОИ ТОҶИКИСТОН ОМАДЕМ

Дӯстон, мо бо паёми дӯстдорон омадем,
Бо саломи пурмуҳаббат аз Бадахшон омадем.
Рӯдакӣ мехонд шодӣ лаҳзаи дидори дӯст,
Баҳри дидори самимӣ бо ҳабибон омадем.
Пири Тӯсиро муқаддас буда худ ҳуббулватан,
Ҷонфидои хоки поки Тоҷикистон омадем.
Ҳамдилиро Румӣ асли одамият зад рақам,
Дар либоси ҳамдилӣ мо пеши ёрон омадем.
Хост Саъдӣ аз баду шарр инс бошад дар канор,
Барканор аз шарри олам мо ғазалхон омадем.
Дар ғарибӣ шуд Камоли шоири мо нолакуш,
Ҷамъ миллат гашт, гарчи аз парешон омадем.
Ҳафт ахтар кард Ҷомӣ «Ҳафт авранг» – и замин,
Мо ҳама аз ҳафт бурҷи Тоҷикистон омадем.
Мешунид аз дур Турсунзода овози ватан,
Мо чу овози ватан аз кӯҳсорон омадем.
Гар чу Юсуф тоҷик аз хоки ватан афтод дур,
Мову Юсуф ханда бар лаб сӯйи Канъон омадем.
Рӯзгорон аз қудуми ваҳдати мо шуд биҳишт,
Ҷамъ дар зери ливои Тоҷикистон омадем!

## МУРҒИ ИСТИҚЛОЛ

Эй мурғи хушхиром,
Эй мурғаки раҳошуда аз бандҳои дом.
Эй беҳтарин парандаи дунёи ормон,
Зеботарин фасонаи таърихи тоҷикон.

Эй солҳо ба кунҷи қафас мустақар шуда,
Бо болу пар ситодаю бе болу пар шуда.
Эй зуд рафта, дер зи ҳолам хабар шуда,
Эй худ асар ба зиндагию беасар шуда.

Дар гӯшаҳо зи гоҳи саҳар то ба пойи шом,
Аз фарш то ба арш, зи саҳрой то ба бом,
Эй аз ҷаҳони поку зи озодиҳо салом,
Эй мурғи хушхиром,
Меҷустамат мудом.

Чун субҳи босафо ивази шом омадӣ,
Оғози субҳ аз паси анҷом омадӣ.
Эй пайки рӯзгор,
Эй навгули баҳор,
Монандаи ҳумо ба сари бом омадӣ.

Эй орзуи миллату эй тӯҳфаи замон,
Эй маҳвсози зулмати шабҳои бекарон.
Эй шӯълаи самоии ваҳдатситони мо,
Эй рӯшании зиндагии нав ҷаҳони мо.

Эй ҳадяи биҳиштӣ зи алтофи Кирдугор,
Рахшонтарин ситораи гардуни рӯзгор.
Ин хоки тира аз рухи ту зери по зар аст,
Аз болҳои нурфишонат мунаввар аст.

Чун ташнакоми об намудам садо туро,
Кардам зи шом то дари субҳе нидо туро,
То бар тани заиф намоям даво туро.
То ёбамат ба дарди ватан чун даво туро.
Эй мурғи некфол,
Эй хушқаноту бол,
Аз доми бандҳо,
Аз коми фандҳо,
Охир ба дасти хеш намудам раҳо туро.
Эй мурғи ормон,
Эй пайки зиндагии нави шеързодагон,
Дар осмони сабзи саодат ҳамеша мон
Чун бахти тоҷикон!

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Нони худро дод аз даст,
Ҷони худро дод аз даст,
Ҳарчи қиматтар зи қимат буд дар кишвар,
ҳамонро дод аз даст,
Аз замин то Каҳкашонро дод аз даст.

Тахти шоҳӣ сарнагун буд,
Бахт ӯро вожгун буд,
Дар дили дашту биёбони саодат
то ба зону ғарқаи дарёи хун буд,
Боз ҳам бадбахтии ӯ чанду чун буд,
Боз ҳам хушбахтиаш дар илтифоти «кофу нун» буд.
Лек, ӯ сархам набуд,
Аз касе ҳам кам набуд,
Дар канор ӯ аз тамаддун аз азал як дам набуд.

Зинда буд ӯ бо забони модарӣ,
Дошт ӯ бо ин забонаш дар замонҳо доварӣ,
Буда ӯро бар бақои хештан сад боварӣ.
Тоҷики аз даст дода тахти
шоҳу бахти худ соҳибзабон буд,
Ӯ муҳофиз бесилаҳ бар ин забон дар ҳар замон буд,
Чунки баҳри ӯ забон тавъам ба ҷон буд,
Балки номуси забондорӣ варо
болотар аз дунёи ҷон буд!

## ЯК СУБҲИ САФО ХАНДИД

Сад навдаи истиқлол дар равзаи мо хандид,
Дар пои шаби дунё як субҳи сафо хандид.
Захми тани Айниро ваҳдат ба ҳам оварда,
Иблис шуда гирён, Одам ва Ҳаво хандид.
Пӯшонд сияҳабре рухсори маҳи равшан,
Аз пушти саҳоби бахт маҳтоби само хандид.
Чун сайд ба дом афтод рӯзи ману рӯзи ту,
Хуршеди ҳаёт аз меғ по карда раҳо, хандид.
Мурғи саҳар аз гулбун гар дур зи базм уфтод,
Як субҳ даруни боғ булбул ба наво хандид.
Дар домани абри бахт гул ҷомадарон омад,
Дунёи фано гирён, дунёи бақо хандид.
Аз ваҳдату истиқлол шукрона ҳазорон бор,
Уммед ба сони гул бо нашъунамо хандид.
Дар шашдари ин дунё хушбахт шуда тоҷик,
Ин нуҳ қабати гардун то арши Худо хандид.

## ШУКРОНА БОЯД КАРД

Ба ин афсонакишвар ҳар замон шукрона бояд кард,
Ба ин ободии ҷаннатнишон шукрона бояд кард.
Зи бахти ҳамдилон шуд Тоҷикистон равзаи ваҳдат,
Ба ин ваҳдат, ба ин ваҳдатмакон шукрона бояд кард.
Ҷудоиҳо хазон гашту гули ваҳдат шукуфо шуд,
Ба ин лутфи илоҳӣ, дӯстон, шукрона бояд кард.
Вуҷуди рӯзгор аз ваҳдати мо бахтпӯшон аст,
Ба бахти неку мулки некувон шукрона бояд кард.
Куҷо, эй ҳамватан, бошӣ, ба вақти субҳгоҳу шом,
Ба ободии мулки тоҷикон шукрона бояд кард.

## АЗ ВАҲДАТ АСТ

Ин ҳама шодобҳои рӯзгор аз ваҳдат аст,
Кишвари доимбаҳорам хандазор аз ваҳдат аст.
Ғунчаҳо андар фарози навдаҳо гашта ғазал,
Ин ҳама сарсабзиҳои кӯҳсор аз ваҳдат аст.
Гашта гулзори ҳаёти мардуми мо хандарез,
Софии оби зулоли чашмасор аз ваҳдат аст.
Тоҷикистон шаҳкитобе аст дар бозори фахр,
Ин ҳама бишкуфтану ин ифтихор аз ваҳдат аст.
Ваҳдати мо ҳадяи холиқ зи боми бомҳост,
Илтифоти қудсии парвардигор аз ваҳдат аст.
Шукр бояд гуфт бар ин рӯзгор, эй ҳамватан,
Ин биҳиштӣ рӯзгори шаҳдбор аз ваҳдат аст.

## САНГИ ВАТАН

Эй санги кишварам,
Болину бистарам,
Эй нармтар зи муму гиромитарӣ зи ҷон,
Номусу ормон.

Қадри туро ҷудоии тӯлонӣ қадр кард,
Дил додамат тамом чу Фарҳоди Кӯҳкан.
Дар гӯшае, ки дуртарин нуқта аз ту буд,
Шаб омадӣ ба ёди мани рафта аз ватан.

Тар шуд маро ду чашм чу Темурмалик зи ғам,
Бо ман ниҳоду чеҳраю болини ман гирист.
Эй дӯст, руқъапеч даруни лифофаат
Як порае зи санги Бадахшон маро фирист.

Ин ҷо на бӯйи сангу на овои санги мост,
Ман дар ҳавои тира нафас мекашам базӯр.
На чашмае, ки ханда занад з-остини санг,
Ман монда ҳамчу пиракии по ба рӯйи гӯр.
Ин шаҳри пурсадо,
Пуршӯру моҷаро,
Санге напарваридаю меҳре ба санг нест,
Ин дар Фаранг нест.

Эй санги кишварам,
Пазмону музтарам.
Эй кош, бори дигаре рӯйи ту дам занам,
Чун тифли хеш бӯса занам рӯю мӯйи ту.
Эй санги кишварам,
Дар дурҳои дур
Афтодаам ба бӯйи тую ҷустуҷӯйи ту.

## МО ПАЁМ ОВАРДАЕМ

Мо ба боли мурғи кӯҳистон салом овардаем,
Гармии дил, нур дар чашми паём овардаем.
Гуфт Иқбол, аст ширин лаҳҷаи ноби дарӣ,
Шаҳдро бар дӯстон андар калом овардаем.
Шомгоҳ истораборон аст гардун аз фараҳ,
Ахтари бахти мудовимро зи бом овардаем.
Шуд рубоӣ сабз андар ҷоми май Хайёмро,
Мо майи токи муҳаббатро ба ҷом овардаем.
Мурғи маънӣ шомгаҳ дар доми Саъдӣ шуд гиреҳ,
Субҳ Симурғи суханро мо ба дом овардаем.
Тӯтии илҳоми саркаш то само шуд нопадид,
Хайли мурғи шеърро дар банди ром овардаем.
Аҳли дил бар ҳарфи Бедил то қиёмат содиқанд,
Кина бар дасти муҳаббат мо ғулом овардаем.
Рӯдакиро дидани дидори ёрон давлат аст,
Ашки шодиро ба чашмон нуқрафом овардаем.
Сӯйи гардун карда боло шомгаҳ дасти дуо,
Субҳро аз чашми шеде ҷои шом овардаем.
Номаи дилро пазир, эй дӯст, оҳанги дил аст,
Кафтари пайғоми дилро мо зи бом овардаем.

# САБЗ ГАРДАД ЗИНДАГОНӢ ДАР КАФИ ХОКИ ВАТАН

## ОФТОБО, РӮШАНӢ АНДОЗ, БОЗ О!

Ассалом, эй шоҳи ҳар рӯзи ҷаҳон,
Эй ҷилои зиндагии хокиёну нуриён,
Ассалом, эй дидаи субҳи савоб,
Эй офтоб.
Эй гиромӣ дар дили ганҷинаи Парвардгор,
Эй зи ту оғози кору рӯзгор.

Дар ғуруби рӯзи по андар рикоби аспи тозон
Пушти кӯҳи кӯҳсорон
Даст афшондӣ ба сӯям,
Пас, дари як рӯз бастӣ ту ба рӯям.

Дар миёни мову ту, ай офтоб,
Канда шуд гӯё таноб.
То саҳар шаб подшаҳ буд,
Ҳусни шаб дар тахт маҳ буд.

Офтобо, боз меоӣ зи пушти кӯҳсор?
Гом бигзорӣ магар бори дигар бар ин диёр?
Дар дили ин субҳ пазмони туям,
Субҳгоҳӣ интизори дидани нони туям.

Офтобо, боз о, то ин замин
Зери поят сар гузорад, ҳам ҷабин.
Офтобо, боз, боз о,
Рӯшанӣ андоз, боз о.
Охир, ин ҷо аст инсон,
Рӯяд аз анфос армон.
Зиндагӣ амвоҷ мехоҳад ба сони мавҷи об
Дар замин, ай офтоб!

## ХОБ ДАР ЧАШМАМ ШИКАСТ

Хешро, эй шом, ин дам дар канорат бурдаам,
Дар канори зулмати ту ман зи по афтода гӯё мурдаам.
Лек дурӣ ҷуст аз болини ман мурғи ғанаб,
Шомро бигзошт бар ман,
дуртар мерафт-мерафт аз дили шаб.

Хобро дар дидаҳо бишкастаам,
Бо тамоми ҷузв-ҷузв аз қайди рӯъё растаам,
Доми шаб бигсастаам,
Аз ҳама ворастаам.

Шӯълаи шамъ офтоби олами кошонаи ман то саҳар буд,
Балки то дунёи субҳам ҳамсафар буд.

Дасти шаб акси туро дар нури маҳ
бар сафҳаи поки хаёлам мекашид,
Меҳри ту он дам ба сӯят рӯйи болам мекашид.
Буд рухсорат зи ранги моҳи шаб чун моҳтоб,
Ранги шаб зулфи туро шабранг карда тоб-тоб.
Боғи шаб гулкорӣ бо дастони Монии шабон буд,
Воҳ, ин дунёи пир он лаҳзаҳо ин қадр зебову ҷавон буд!
Ҳар ситора гӯиё чун тангаи гул
мефитод аз домани пироҳани шаб зери пойи маҳтоб,
То ки созад нарм роҳи бозгашт бар офтоб.

Эй Худо, маънии рангорангии дунё
дар ин шаб чист, чист,
Ногаҳонам ин суруди васл бар лаб чист, чист.

Занг омад аз телефонам, ки рӯйи миз буд,
Ҳамраҳе ҳар гаҳ маро дар инзивои зиндагонӣ низ буд.
Занги тилфони он ҳамрозу ҳамдил буд,
Бар рақамҳояш дилам аз сина моил буд.

Оҳ, дури дури ман ин қадр наздик аст,
Ин қадар равшан чаро ин шоми торик аст.
Сар кунам хам баҳри побӯсии ту дар субҳ, эй шом,
Ман дар оғӯши ту мурдам, то расам бар ком!

## ЯК ЛАҲЗАЮ ҒАМХЕЗ АСТ

Хазон ҳама дард аст,
Чунонки зардруху лоғару самаррез аст.
Ҳаёт ҳама дард аст,
Чунон даванд ба дашт аст, гӯйӣ Шабдез аст.
Вуҷуди мо дард аст,
Дар он гузашти сол шабу рӯзҳо хазонрез аст.
Шубоби мо дард аст,
Ки теғи тези ниёми ғурур хунрез аст.
Садои най дард аст,
Агарчи хандаи най хонияш, ғамомез аст.
Садои даф дард аст,
Ки нолаҳо зи чанбараи тан ба зарб овез аст.
Ҷаҳон ҳама дард аст,
Барои чуғд нишемангаҳи дилангез аст.
Ҳама, ҳама дард аст,
Валек шукр, ки як лаҳза асту ғамхез аст.

## ШАМЪИ ХУДСӮЗИ ШАБАМ

Шамъи худсӯзи шабам,
То дами субҳ, ки дар тобу табам.

Сӯхтан хешу вале сохтани умри дигар
Ҳадафи умри ман аст аз дари шаб то ба саҳар.
Ман зи сар то ба қадам оташу дуд,
Дар нигоҳи нафаре хандааму дар дигаре дардолуд.

Ман зи по то ба забон месӯзам,
Дар дили хона ҷаҳонафрӯзам.
Оташин хандаи ман бегунаҳ аст,
Бал чароғи раҳи тори нигаҳ аст.
Бишканам ваҳми шаби танҳоӣ,
Дар дили ваҳми шабон сабз кунам раънои.

Шаби танҳоии танҳонафаронро нафасам,
Ман ғаму даҳшати шабҳои гаронро қафасам.

Шамъаму баҳри касон месӯзам,
Худ ҳамесӯзаму чоки дили сад сӯхтаро медӯзам.
Дар дили зулмати шаб нур бувад тасвирам,
Ман туро бурда ба даргоҳи саҳар. Мемирам.

Сӯхта-сӯхта хокистарам ашъори ман аст,
Шеъри шаб омадаи шоири шаб кори ман аст.

## ПИРӢ

Шомгаҳ бо пушти хам аз роҳи хам-хам мегузашт,
Гӯйӣ бо кулвори холӣ
аз диёри охирини сабзи олам мегузашт.
Мекашид аз кунҷи сина канда-канда ӯ нафас,
Дар вуҷудаш орзу мемурду гаҳ мешуд
хазон барги ҳавас.
Гоҳ пойи росту гаҳ чап мекашад аз пушти худ
бар рӯй хок,
Дар дилаш ҳар лаҳза сабзад майсаи ларзони
тарсу биму бок.
Чашми равшанбини ӯ шуд хирабин,
Хира медид ҳар чиро,
гар буд гуногуну рангин.

Чист ин?
Дунёи пирии пур аз тасвир.
Кист ин? Марде батадбир,
Гашта андар доми даҳшатофари пирӣ асир!

## МОҲ ЧАШМИ ЗИНДАГОНӢ ДАР ЗАМИН АСТ

Моҳи шаб,
　　　　аз пушти абри тирафом
Боз о бар рӯйи бом.
Чеҳра бикшо,
　　　　духти шаб, сӯйи замин,
Хобдоронро ба хоби ноз бин.
Моҳи шаб аз пушти абр омад бурун,
Зулмати ваҳмофари шаб шуд нагун.

Зиндагонӣ зиндагӣ дорад ба хоби нози шаб,
Бӯса гирад зиндагиро моҳи шаб аз рӯйи лаб.

Моҳ чашми зиндагӣ андар сиёҳии замин аст,
Зиндагӣ бе моҳи шабҳо хирабин аст.

Моҳи шаб дар рӯйи боми осмон
Ҳамчу товуси биҳишти ҷовидон
Раҳси мавзун мекунад,
Зиндагӣ эҳё ба қалби сад чу Маҷнун мекунад.
Моҳи шаб дар оби сабзи осмони нилгун
Аз ямин то бар ясири чархи гардун
Мекунад дар чашмаи чашми саҳаргаҳ шустушӯ,
Мекунад бо хокиён аз тоқи гардун гуфтугӯ.
То дари маҳ дар шаби зулмот боз аст,
Зиндагӣ дуру дароз аст!

## ЧАШМҲОРО ПОК КУН

То бидонӣ, чархи гардунро чӣ ҳол аст,
Ё кучо роҳи савоб асту вубол аст.

Зиндагӣ дар шашдари мо чуну чанд аст,
Мо ба банди зиндагӣ ё зиндагӣ моро ба банд аст.

Дӯст моро мекушад ҳар рӯз бо аъмоли нохуш,
Ё ки душман захр дода, табъи моро мекунад хуш.

Мебарад ин роҳ моро то ҳадаф,
Ё ки берун мекунад моро зи саф.
Роҳи нобудист, роҳе, ки равонем,
Роҳи армонҳост ё гумроҳи онем.

Бо ҳадаф мо рӯ ба рӯем ё зи дори пургуноҳӣ вожгун,
Ё ки дарёи ҳаёти мо зи мачро шуд бурун.

Хастагиро дуртар аз чеҳраи ғамнок кун,
Панча зан дар оби софу чашмҳоро пок кун!

## КУШТА ШУД ОЁ САРИ КӮҲ ОФТОБ

Хунчакон буд пушти кӯҳ,
Осмонро буд бар тан куртаи торики андӯҳ.

Оламамро тундаре мезад такон,
Зери ранги хун намедидам макон.

Раммаи андешаамро гург толон менамуд,
Қалби ғамбори маро ҳар лаҳза гирён менамуд.

Аз куҷо омад шафақ дар дидаи анҷоми рӯз,
Кушта шуд оё сари кӯҳ офтоби оламафрӯз.

Бар алайҳи тири ноҳақ кӯҳи пир истода буд,
Тирҳо бар шонаи худ хӯрда буд.

## СОЯИ ШЕЪР

Сояи шеър аз карони осмон
Мекунам бо дасти илҳоми навин сайди камон.
Сояи шеър аз фарози шонаи пиндори ман ҷунбид,
Ҷойи соя шеър дар боғи тафаккур сабз хандид.
Мешавам дар андаруни хеш чандин бор дигар,
Гоҳ дар шоми сиёҳу гоҳ дар субҳи саҳар.
Шеър меояд бурун аз оташи дил,
Завраќи илҳом меистад ба соҳил.
Аз баландиҳои гардун
Шеър меояд бурун.
Он замон ман дуртар аз шоирам,
Ё ки он дам шоирам,
Дар самоҳои тахайюл тоирам.
Гоҳ дар чархи баринам,
Гоҳ дар рӯйи заминам.
Гоҳ-гаҳ аз ќолаби хокии худ берун шавам,
Гоҳ дар худ кам ва гоҳ афзун шавам.
Ман надонам он замон чун зистам,
Ё ки он дам кистам,
Ман дар он дам ҳеҷ гоҳ ман нестам.

# АЗ РАВЗАНАИ ДИДА ҶАҲОН РАНГ БА РАНГ АСТ

## БӮСА ЗАД БОДИ САБО

Шаб ба дуриҳо хазиду
Равшанӣ густурд доман бар замин
Аз нигоҳи равзани чархи барин.
Субҳдам боди сабо дуздида омад сӯи боғ,
Нӯг-нӯги по чу ошиқ хонаеро карда дар ҳар ҷо суроғ.
Омад-омад сӯи гулбун, шуд хамӯш,
Дар фарози шона гулбун ғунчаҳо дорад ба дӯш.

Бӯсаҳо зад бар лабони ғунчаи боғи саҳар боди сабо,
Ханда шуд тавлид дар домони субҳи рӯҳфазо.
Шуд шукуфон бомдодон,
Хандарезон шуд гулистон.

## ОН КИ МОРО ҒАМГУСОР АСТ, МОДАР АСТ

Он ки моро ғамгусор аст, Модар аст,
Он ки ҳусни рӯзгор аст, Модар аст.
Он ки моро бахшад андар зиндагӣ,
Бар ҳама ӯ дӯстдор аст, Модар аст.
Он ки ҳарфи аввал омӯзад ба тифл,
Беҳтарин омӯзгор аст, Модар аст.
Гоҳ раҳгум дар шабистон мезанем,
Зулмати моро баҳор аст, Модар аст.
Гоҳ хоби тифлӣ аз мо мегурехт,
Он ки шаб шабзиндадор аст, Модар аст.
Дард бар андоми мо печад агар,
Ҷон ба каф, зору низор аст, Модар аст.
Баҳри тифлаш ҷанг дорад бо аҷал,
Он ки моро ҷоннисор аст, Модар аст.
Дар дилаш ғам хона дорад рӯзу шаб,
Он ки моро ғамбарор аст, Модар аст.

Шири покаш равшании роҳи мост,
Он ки пандаш беғубор аст, Модар аст.
Маҳди кӯдак чун ватан дар чашми ӯст,
Ин ватанро ҷоннисор аст, Модар аст.
Мекунад сӯйи Худо дасти дуо,
Ҷони тифлаш хостор аст, Модар аст.
Гиряҳои тифл ӯро мекушад,
Он ки чашми ашкбор аст, Модар аст.
Чашми ӯ пояд дари субҳи саҳар,
Он ки моро интизор аст, Модар аст.

## ЭЙ МОДАРИ АЗИЗ

Эй модари азиз,
Эй беҳ зи ҷон низ,
Мирам ба зери пойи ту, аз чист ин мариз.

Дар ними шаб
Миёни ҳама тобҳову таб
Часпад ба ҳам ду лаб
                    ва зи ман дар гурез бахт,
Якбора шуд нагуни замин босамар дарахт,
Оре, дарахти бахт.

Гармӣ фирор карда зи кошонаи бадан,
Хомӯш монд дар даҳанат булбули сухан.

Бераҳмии аҷал,
Ё суннат аз азал,
Эй войи ман, набуд дар он лаҳзаам амал.

Ман низ безабон,
Ман хушку тан тиҳӣ шуда гӯё зи мурғи ҷон.

Хушк аст забони ман чу ба сӯрох мурда мор,
Бар шонаам фитода ҳама бори рӯзгор.

Рафтӣ ба коми марг ту, ай модар, аз барам,
Эй хок бар сарам!

## ПУЛҲО ЛОЛУ ХАМӮШАНД

Пулҳо лолу хамӯшанд,
Гарчи зери пул дарёҳо равону дар хурӯшанд,
Пулҳои рӯйи дарё аз лаби шаб то дари субҳ,
аз дари субҳ то лаби шаб бор бар дӯшанд.

Пулҳо орзукашонӣ мекунанд,
Бо ҳамин орзу ҳамеша зиндагонӣ мекунанд.
Мебаранд меҳру муҳаббатро
зи як соҳил ба сӯйи соҳиле,
Бори ишқе мебаранд аз як диле бар як диле,
Ё паёме мебаранд аз дил ба як соҳибдиле.

Пулҳо, он сӯй моро интизоре ошност,
Ё ки як ноошност,
Ин паёми мардумамро бар ба
сӯйи мардумони сӯйи дигар,
Ҳамчу инъоме, ки қиматтар бувад
аз моли Қоруну зи чандин ҳуҷра зар.
Боз овар сӯйи мо з-он ҷо саломи шӯълавар
Аз бародар.

Пулҳо орзукашонӣ мекунанд,
Бо ҳамин орзу ҳамеша зиндагонӣ мекунанд.

## ҶОНИ МОДАР ДАР ТАНИ ФАРЗАНД ШУД САБЗ

*(Духтарчаро танҳо мағзи сари модар аз марг наҷот дода метавонист. Табиб мағзи сари модарро барои духтараш гузаронд. Духтарча баъди лаҳзае чашм кушод, аммо модар ба хоби абадӣ рафт. – Аз рӯзнома – М.Л.)*

Бори ҳафт олам ба рӯи шонаи модар фитод,
Толеи саркаш ба дунё ҳафт олам ғам ба ӯ дод.
Ҳашт соли ғарқи андӯҳи азим,
Ҳашт соли гиряву тадбиру бим.

Бахти худро сарзаниш мекард модар субҳу шом,
Толеаш дар банду дом.

Дошт модар духтаре дар банди дард,
Зиндагиаш буд беранг, сарди сард.
Маъние дар зиндагониаш набуд,
Он чи буд, андӯҳу ғам буд.
Заъф ӯро дар асаб буд,
Шомгоҳ то субҳ дар дунёи таб буд,
Чор фасли сол гӯё дар нигоҳи хастаи ӯ шому шаб буд.

Рафт модар субҳгоҳ пеши табиби солманд,
Роз бикшод пеши ӯ, то бишнавад арзеву панд.
Гуфт: Осон нест бар ин дард дармон,
То ки ҷони духтаратро ҳифз созам,
он бувад қиматтар аз ҷон.

Мағзи сарро аз ту баргирам, ба духтар мекунам ҷо,
Дар ниҳодаш зиндагӣ аз нав шавад эҳёву зебо.

Бим модарро набуд,
Сар ниҳод пеши табиби чорагар зуд.

Рӯи мизе ҳамчу майдон ҷанги маргу зиндагӣ буд,
Оламе дар чашм нопайдост зери пардаи торики дуд.
Баъди вақти бо ману мо,
Баъди чандин лаҳзаҳо,
Духтари бодарди модар чашм во кард,
Модари бечора тарки зиндагию
тарки ин дунёи бераҳму вафо кард.
Ҷони Модар дар тани фарзанд шуд сабз,
Дар тани модар абад ором шуд набз.
Ҷовидонӣ гашт бо ин марг Модар!
Ман бимирам зери поят, эй вуҷуди беназиру ҷон ба каф,
бар ин бузургии бузургиҳои пурэъҷози ту, Модар!

## ҶОН БА ТАН ОМАД

Ғаме омад, чӣ ғам омад,
Ба мулки ишқи поки мо алам омад,
Ба пои қасри меҳру шафқати мо хайли нам омад,
Алам дар дасти нопоки алам омад,
Ба шаҳри шӯҳрабунёди муҳаббат ин
саҳар деви адам омад.

Сипоҳи ҳаҷр зери пой карда киштзори мо,
Ба боди нестӣ медод гӯё ишқзори мо,
Ба ҷои ишқ гӯё хост бунёде гузорад бар мазори мо.

Куҷо шуд хандазори ошиқону бӯстони
ишқ аз ин хитта хоки мо,
Куҷо шуд пайки мо аз ишқи поки мо,
Ки меовард аз ӯ баҳри мо ҳар дам паёми хуш,
Куҷо шуд хушхабар, афсӯс, бар
гӯшам расад ҳарфи табассумкуш.
Ҷаҳонам зулматистон шуд,
Баҳори ман зимистон шуд
Ва аз дунёи ман дунёи ту гӯё ҷудо шуд як шаби зулмот,
Ҳама армону уммедам ба дасти бод шуд, ҳайҳот.

Вале якбора дунё дар нигоҳи хастаи ман
равшанистон шуд,
Боҳоре омаду шоҳаншаҳ бар ҷои зимистон шуд.
Садо омад, садои дил ва ё дилдор аз дунёи дури ман,
Ба боли занги пай дар пай ба қалби бесабури ман.
Садо омад зи лабҳои телефон:
«Омадам» аз дуриҳо дар чашми субҳи поку ғамафкан,
Садо аз нав ба тан овард ҷони рафтаро аз тан.

## МЕЗИЯМ ДАР ПЕЧУТОБИ ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ комил кунад моро ба хам-хамҳои худ
Медиҳад моро ҳар он чи ҳаст аз буду набуд.

То насӯзад хоку гил, кай пухта гардад хишти мо,
Дона чун дар зери пои хок н-афтад,
сабз гардад кишти мо?!

То ба коми чоҳ Юсуф рафту озоре надид,
То ба зиндон донаи ранҷе ба минқоре начид,
Тахти шоҳӣ кай шавад ӯро насиб.
Бахти хуфта кай шавад бедор аз хоб
Ҳамчу маҳ аз пушти девори саҳоб.

Зиндагӣ ҳам модар аст,
З-ибтидо то интиҳои рӯзгорон довар аст.
Дӯст медорам туро, эй зиндагӣ, бо талху шӯр,
Бо ҳама болову пасту неку бад, наздику дур.
Мезиям дар печутоби зиндагӣ,
То ки бинам обутоби зиндагӣ.

## МОДАР

Чаро хоҳӣ ба модар ҷабру озор,
Ки рӯзе оядат, гардӣ ту ҳам хор.

Мазан санги маломат бар қади хам,
Ҷаҳон мебишканад пушти туро зор.

Мазан бар чашми заъфаш хори зиштӣ,
Ки бар роҳи ту буда шомҳо чор.

Агар дасташ нагирӣ вақти пирӣ,
Уқоби умрат озорад ба минқор.

Дили модар маранҷон, ай бародар,
Нигаҳ дор аз ҳуруфи зишт гуфтор.

Ту боғи умру модар боғбон аст,
Машав доғи дилаш зинҳор, зинҳор.

Дуои дасти ӯ бо ҷон пазирӣ,
Зи ҳар офат туро бошад нигаҳдор.

Биҳилат то кунад шири сафедаш,
Мазан бар қалби покаш ҳеҷ зангор.

Ба дасти марг дорад дар гарав ҷон,
Шабе, ки мекушад дардаш ба сад бор.

Умедаш дар ҷаҳон аз зиндагӣ чист,
Ки то бошӣ ту фарзанди сазовор.

## ОРДПОШӢ

Рӯзи Наврӯз сари шонаи ман,
Дар дили пойгаҳи хонаи ман
Орд пошид ба Наврӯз саҳар модари мо
Ҳамчу як суннату як бовари мо
Бо ҳама армонаш
Аз лаби ғунчаи ангуштонаш.

То ки испед бувад роҳ ба сӯйи фардо,
То ки испед шавад пайраҳаи бахт
дар ин олами пур аз савдо.
То ки испед бувад ҷодаи дунёи ману ту
чу яке рӯзи хушу хуршедӣ,
Кӯр гардад ба ҷаҳони ману ту навмедӣ.
То кунун сабз бувад нақшу пайи ангуштон
Ҳамчу уммеди ту, эй модари ҷон.
Нақши ангушти ту дар шонаи ман
Танга-тангаст маро то ба ҳамин дам равшан.

Равшанӣ то фардост,
Равшании раҳи мост.

## БИШНАВЕД, ЭЙ ОДАМОН, ОВОЗИ ВАҲШУ ТАЙРРО

Даври пеши пеш буд,
Дур буд, наздик буд, бегона буд ё хеш буд.
Ҳар кӣ буду ҳар чӣ буд,
Хидмате буда ба дунёи башар дар олами мо беҳудуд.

Ром карда ваҳшу тайри аҳди худ пешиниён,
То мададгорӣ кунанд бар насли инсон
дар масофи рӯзгорон.
Мо чӣ кардем баъди онон,
Мо ба ваҳшу тайри аҳди худ киёнем,
Ваҳшфеълу ҷангиёнем.
Кушта-кушта нест шуд бо дасти мо ҳайвону тайр,
Куштаҳо шуд пушта-пушта аз дами теғи башар,
на аз газанди зӯри ғайр.
То самоҳо рафта дидем,
То фарози моҳи гардунҳо расидем.
То ки тадбире биҷӯем
баҳри тӯфону заминҷунбию оламсӯзҳо,
Маҳв гардонем офатҳои зулматрӯзҳо.
Лаҳзае бар лаҳни ҳассоси хурӯсу аспу саг
Гӯш кай додем, к-онон пештар огаҳ шуда аз мо
зи ҳар ларзидани дунёву онро ҷисму раг.

Одамон, эй одамон.
Лаҳзае бо гӯши ҷони хеш бинюшед овози туюр,
Бишнавед фарёди ваҳшу лаҳни бод аз роҳи дур.
Бишнавед илҳони мурғоне,
ки баҳри ризқи худ дар ҷустуҷӯянд,
Бо шумо паҳлу ба паҳлу рӯзу шаб дар гуфтугӯянд,
Бишнавед, як лаҳзае, онҳо чӣ мегӯянд!

## ПАРВОНА

Шамъ месӯзаду шаб механдад,
Равшанӣ то ба саҳар равзани шаб мебандад.

Ояд аз пайраҳаи ишқ шабе парвона,
Мешавад машъали шамъ ошиқи шабро хона.

Мезанад бол ба девору дари хонаи шамъ парвона,
Мезияд лаҳзае дар хонаи бехонаи шаб шоҳона.
Бишкуфад рози ду ишқ рӯй ба рӯй,
Қиссаи ишқ барад шӯълаи шамъ кӯй ба кӯй.
Шамъ то хандаи субҳ месӯзад,
Субҳ хайём лаби шамъи шаби зулмонӣ
Бесадо, пинҳонӣ
Боз то шоми дигар медӯзад.
Пойи шамъ дар дари субҳи сияҳ дармегирад,
Субҳ механдаду шамъ мемирад.

Оқибат бистари васлат ба аҷал бистар шуд,
Ишқ хокистар шуд.
Оҳ, парвона надонад, ки пас аз падрудаш
Баъди нобудии ҳасту будаш
Бомдодон ҳаваси шаб ба лаби соиқа дармегирад,
Шамъ ҳам мемирад!

## ХУНИ САБЗИ САҲАРАМ

Равшаниам,
шиканам қулфи дари зулмонӣ,
Мекашам Бежани субҳи ба
дили чоҳи шабон зиндонӣ.

Мурғи испедаму аз дури ҷаҳон меҳмонам,
Муддате буд, ки дар ҳалқаи деви сияҳ
ман аз нигаҳҳо пинҳонам.
Омадам боз зи дур аз пайи шом,
Ман ба шаҳболи паём.
Дар дами субҳ зананд бонг хурӯсони замин,
К-он бувад шарфаи пойи сафарам вақти фуруд
омадан аз чархи барин.

Омадам, то ки дари субҳи сафо бикшоям,
Шаҳраҳи поки назар сӯйи само бикшоям.
Омадам, пардаи зулмат зи замин бардорам,
Бас бувад то дари субҳ озорам.

Партавам аз нигаҳи поки Худо,
Ман муқаддимаи ин субҳи сафо.

Равшаниам, ки яке нусхаи нури қамарам,
Бар сипоҳи шаби даҳшат зафарам,
Дар дили кӯҳи саҳар чун гуҳарам,
Рӯз дар пушти сарам,
Дар раги субҳ ба сони шарарам,
Хуни сабзи саҳарам.

## ЗАРРАИ БАРФ БА МИЖГОНИ СИЁҲ

Мурғи барф аз сари як шохаи пурбарги дарахти сари роҳ
Бонг мезад ба дари субҳ хамӯшона чу таблакзани шоҳ,
Барг пур шуд ҳама аз шеъри сафеди даймоҳ.

Даст бар даст ҳамезад шодон,
Ман зимистонам, аё мунтазирон.

Пираҳан дошт сафед субҳи замин,
Олам аз мӯъҷизаи барф ба чашмони саҳар гашта нигин.

Ёр, дидам сари мижгони сиёҳфоми ту ман
Зарраи барфи навин карда ватан.
Зарраи барфи сафеди сари мижгони сиёҳ
Дар нигоҳи мани ошиқ туию бар сари худ монда кулоҳ.
Мунфаил аз рухи ту дона шуду рехт фурӯ,
Кард дар чашмаи чашми ту вузӯ.

Зарраро чашмаи чашми ту кунад дар худ ҷо,
Ҳамчу марвориди поки дарё.
Мекашам аз дили ин чашмаи чашмони сиёҳ
Пушти як панҷараи мехии мижгони гуноҳ
Гавҳаре аз дарё.

Оламе рангин буд,
Бӯсае ширин буд.

## ГӮШАИ ЧАШМИ ТУРО ХОНА КУНАМ

Боз оинаи чашмони ту оҳуи нигоҳҳои маро
Рӯ ба рӯ вақти чаро
Диду ғӯш кашид,
Ё магар бахти зи ман дур дар ин лаҳза расид.
Ё ки ман сабз шудам вақти баҳорони саҳар
Дар гулистони ду чашмат ба мисоли гули тар.

Рақс дар саҳнаи чашми ту нигоҳҳо мекард,
Ё нигоҳи мани дилдода гуноҳҳо мекард.
Лек, афсӯс, дари дил ба мани бӯсагадо
Сокиту сахту хамӯш асту наяст ҳеҷ садо.

Эй дили ёр, чаро кардаӣ беруни дарам,
Рӯзу шаб дар ба дарам.

Шукр, эй дидаи дилдор, нигаҳ дориям аз кулфату ғам,
Мекунӣ сабз гули лолаи наззора маро
субҳгаҳ бо оби карам.

Оҳ, овора манам, хона маро нест дигар,
Гӯшаи чашми туро хона кунам, ай дилбар.

## ОБ

Оби покам,
Ман хурӯшанда зи ҷайби хокам.

Гоҳ мегиряму дар зонуи худ сар монам,
Гоҳ дар боли ғазаб тӯфонам.

Ман чу оинаи хуршеду маҳам,
Ман зудояндаи зулмоти ғубори нигаҳам.

Хок дар чашми мани пок кунанд,
Пок аз ман бизудоянду ҳама хок кунанд.

Медиҳанд озорам,
Мекушанд осорам.

Ман ҳама зиштии дасти инсон
Ҳар замон,
Аз гулӯ афшонам,
Ман ҳама зиштӣ фурӯ биншонам.

То ки дунёи ману мову шумо пок шавад,
Шод то ҳар дили ғамнок шавад.

Ман зудояндаи оинаи чашмони саҳарбини туям,
Ман намоёнгари ин олами рангини туям.
Арҷ бигзор ба хоку ба ҳаво, оташу об,
То ки гардад ҳама ҷо соҳили дарёи ҳавасҳо шодоб.

Пок кун хонаи ман, хонаи ту пок шавад,
Пок кун об, ки шод аз ту ватан-модари ту – хок шавад.

## МАВҶИ ХУРӮШАНДА

Ман мавҷи хурӯшандаи дарёи дамонам,
Ман наъраи ғуррандаи шеъри ҳаяҷонам.
Фарёди ҷаҳон дар дили ман ғулғуладор аст,
Ман худ чу ҷаҳонам, ки зи чашми ту ниҳонам.

Ин шӯру шарар ҳастии ман – мавҷаи дарёст,
Ман мавҷааму дар дили ман шашдари дунёст.
Ман сар кашам аз домани худ, нуқрафишонам,
Роҳи сафарам аз дили дарё ба Сурайёст.

Ман як нафасам, лек чу тӯфони ғурурам,
Ман байтаму девони ғазалҳои сурурам.
Дар боли ҷаҳиш мегузарад умри азизам,
Ман мавҷи фарозонаму сарманшаи нурам.

Ман мавҷаму ҳастии ман аст авҷу хурӯшам,
Бо домани худ рӯйи ҷаҳон лаҳзае пӯшам.
Ман зинда ба неруи хурӯшанда шабу рӯз,
Мемирам, агар лаҳзае орому хамӯшам.

## БИКУШО ДАР

Субҳи Наврӯз ба дар кӯфт маро вақти хаёл,
Лаҳзае буд, ки байни ману ту буд ҷавобеву савол.

Субҳи Наврӯз, расонам ба дари мақсудам,
Ман зи сар то ба қадамҳо дудам.

Бахт дар хоб ба Гулгун ба дари ман омад,
Чӣ биҳиштӣ ба дари ман саҳари ман омад.

Бӯсаат шаҳд бувад бар лаби хушкидаи ман,
Бӯсаи туст кунун чун гули ночидаи ман.
Бӯса наврӯзӣ кун, эй ёр, ба ин бӯсагадо,
Ҳалқаи дар бикушоям, ки наояд зи дарат бонгу садо.

Бикушо дар, ки маро ҷон ба лабам омада
аз ранҷи фироқу табу сӯз,
Бӯсаат ҷон бидиҳад боз маро дар Наврӯз.

## РАВЗАНИ ХОНАИ МО

Равзани хонаи мо
Шом то субҳи сафо
Чашми як хона ба шабҳои дароз аст,
Балки дар зулмати шаб машъалаи арзу ниёз аст.
Хоб дар хона ватан карда, ҳама дар хобанд,
Кашфи асрори мулоқоти шаби хона куҷо дарёбанд.
Равзани хона фақат бедор аст,
Воқифи асрор аст.
Ҳарфи шаб аз дили ин равзана то арши Худо механдад,
Хоб чун рафт, дари сир ба саҳар равзана худ мебандад.
Дар нигоҳи ману ту равзана аст,
Равзане аст, ки боло зи ҳама равзана аст.

## ИШҚИ МО ДАР СОЯҲО САБЗИДА БУД

Ханда кард андешае андар хаёл,
Шавқи ман зад субҳдам бол.
Сабз шуд икдоми ман то нуқтае, ки як замон
Сояи сабзи дарахти соягустар
Дар дили субҳи саҳар
Буд моро сояафкан,
Бар сари ту, бар сари ман.

Панҷаҳои сабзи дастони дарахти соягустар
Зери нури равшани хуршеди ховар
Бе ману ту соя меафканд дар рӯйи замин
Танга-танга сояҳои хокшин.

Сояро додам садо:
Эй сояҳо,
Ку ҷавониам, ки хандон буд зери сояҳо,
Ишқи моро сояҳо буданд ҳамчун мутакко.
Сояҳо карданд моро зери боли худ паноҳ

Ҳам зи нури офтобу ҳам нигоҳ.
Сояҳо буданд хомӯш,
Бар саволи безабонам гӯиё нокарда гӯш.

Ишқи мо дар сояҳо сабзида буд,
Инак, андар пои ишқи мову ту
Мори афъии ҷудоии сиёҳ печида буд.
Буд беово ҷавонӣ,
Нест аз мо ҳам нишоне.
Ишқи мо дар сояи сабзи дарахти соягустар
Пир гашта, хира медидаш басар.
Гуфт: Ман ҳам пир гаштам,
Оқибат побастаи занҷир гаштам.
Хайр, эй бонии ман, эй раҳбарам,
Олами пирӣ гирифта дар барам.
Гуфтам: Эй ишқи ҷавонӣ, хайр бод,
Бе ту баъд аз ин маро фарёд бод!

## НИҲОН КАРДАМ

Чӣ ҳусне, эй Худо, кардӣ ато гумкардаи моро,
Чӣ ишқе додаӣ моро,
Ба боғаш хона додӣ андалеби сӯҳбатороро.
Ато кардӣ ту зебойӣ ҳама ҷоро,
Шамим андар шамим андар шамим
андар шамиму анбари соро.
Рухат рашки маҳу чашмони ту рашки гули боғ аст,
Ба дил аз рашки ҳуснат кунҷи саҳро лоларо доғ аст.

Ба ҳуснат то наафтад доғи офат,
меҳри покат ҷо ба ҷон кардам,
Туро, эй маҳ, зи чашми бад даруни дил ниҳон кардам.

## ГУЛИ НАРГИС

Гули наргис даруни боғи гулҳо ҷилваи мастона мезад,
Чу як олиҳае зулфони худро
дар фарози шонаҳояш шона мезад.
Зи ҳусни наргиси зебонигоҳаш
сар ба зер афканд чандин гул,
Ба ҳусни боғафрӯзони наргис ошиқи бетоб шуд булбул.
Баногаҳ дилбаре чун мавҷи дарё озими ин боғи зебо шуд,
Ҳама дунёи боғи пур зи гул он лаҳза
зеботар зи зебо шуд.
Зи нури наргиси шаҳлои ӯ дунё шуда равшан,
Вале сар дар гиребон шуд гули наргис, ки монда сар ба
нозу ишвае бар шонаи савсан.
Зи сар то пой зебо буд,
Ба тан онро зи маҳрамхонаи чархи барин
пӯшида дебо буд.
Хиҷолат аз чӣ печонид наргисро,
Ва он як лаҳзаи наргис ба ёд овард ҳоли
сӯхтанҳои Фарангисро.
Гули наргис хиҷолат дошт,
Ба сони як фирорӣ ҷой дар як кунҷи узлат дошт.
Бале, наргис ба зебоӣ миёни боғи гул ҳур аст,
Вале як умр бенур аст.

## ЭЙ ҶАВОНӢ, ТУ АСОЯМ ШАВ

Фасли пирӣ омаду барфи сафедам ҳадя кард,
Қомати сарвошноям назди пирӣ саҷда кард.

Минбари ин қомати ман шуд сафед,
Рафт Симурғи ҷавонӣ аз сари Қофи умедам ноумед.

Булбул аз ин хона рафта,
Коҳ монда, дона рафта.
Мурғи бахти навҷавонӣ аз фарози шона рафта,
Ҳарчи буда дар бисоти ман, аз ин кошона рафта.

Дидаам беди лаби ҷӯй,
Бо ҷавонӣ буд ӯро гуфтугӯй.
Дар фарози шохаҳояш буд хандон
Барф дар фасли зимистон.
Бод омад, шохаҳоро зад такон,
Пок шуд барфи зимистон.

Эй ҷавонӣ, ту асои пирии ноошноям шав,
Инак, ин дам ҳамнавоям шав.
Аз сари ман барфи пириро такону пок кун,
Ин ғами пирӣ фурӯ биншону зери хок кун.
Барфи пириро бияфшон аз сари ман,
Дур кун ин сардии меҳмони навро, дур кун,
Пок кун нақши пояшро аз дари ман.

## РӮЗ ОМАД, ЗУД БИГЗАШТ

Шом омад, гуфт: Рафта боз як рӯзи дигар,
Субҳ омад, гуфт: Шуд оғоз як рӯзе дар ин гоҳи саҳар.
Нимрӯзӣ омаду гуфто, ки: Нима шуд зи умри
рӯзгорон нимарӯз,
Нима аз ман рафт, – бо ҳасрат ба гӯшам гуфт рӯз.
Рӯз аз ман рафт, – гуфто умр дар анҷоми рӯз.

Шоми рӯзи умр бигзашт,
Субҳи рӯзи дигаре бар субҳгоҳи умр омад,
Ними рӯзи умр бигзашт,
Чуғзи фардоям зи дурӣ бо лаби пурханда омад.

Рӯз омад, зуд бигзашт,
Хандаборон, гиряборон дошт, бигзашт.
Хуб буд, афсӯс, бигзашт,
Наҳс буд, сад шукр, бигзашт.

# ОХИРИН ЛОЛОИИ МОДАР

Ҷаҳон торику гурдун то карон аз хандаи иблис меларзид,
Биҳиште зери пои модари мадҳуш меҷунбид.

Зи пушти пардаи обии чашмонаш надида шашдари олам,
Ту гӯйӣ инчунин даҳшат наомад
бaъди берун гаштан аз гулзори ҷаннат
бар сари Одам.

Агарчи бахт саркаш буду дур аз хиттаи ӯ зиндагонӣ буд,
Ягона нури чашмаш гӯиё ӯро ҳаёти ҷовидонӣ буд.

Чӣ рӯзи наҳс буд он рӯз,
Чӣ рӯзе, буда рӯзи оламсӯз.
Ҷавон дар рӯйи хоки сард бо сад захм бар тан буд,
Ба хун оғӯшта буду бекафан буд.
Валекин пардаи ашки алам андоми модарро кафан буд,
Ҷаҳон бо модари ғамдида андар ҳукми мурдан буд.

Гуле бо теғи ноҳақ айни хандидан фитод аз пой,
Замин аз ашку хуни сокинони гулситон шуд лой.

Чӣ бошад зиндагӣ бе зиндагии нури чашмонам,
Фалак оё нияошад аз замин овозу афғонам?!
Ту, ай қисмат, намудӣ оқибат гирёну нолонам,

Чаро дар гӯри фарзандам нарафтам пеш аз ӯ,
ҳайҳот, ҳайронам,
Чаро ӯ рафт бе ман, ман аз ин мондан пушаймонам.

Фиғон мекард: Ку фарзанд, посух ку,
Зи шашдар посухе омад ба модар ҳар замон: ку-ку.
Сукут аз чист, ин сардӣ чарою аз куҷо ин хоб?!
Садояш мешикаст андар гулӯяш ҳамчу
амвоҷи дили гирдоб,
Даруни дидааш тӯфони даҳшат буду мавҷи об.

Нидояш рахна мезад синаи гардуни гардонро,
Даруни ашки худ модар барад бунёди шайтонро.

Занад оташ ба оҳе хандаи Иблиси хандонро,
Ғиреви модари хунинҷигар ларзонд кайҳонро.

Суроби тираи фарзанд ҳар дам,
Чу андоми сиёҳи ғам
Фурӯ мерафт зери ашки модар, ончунон
ки рехт ашки Ҳазрати Одам.
Чу тобуте, ки рӯйи мавҷи дарёи сиришки модар уфтода
Ва модар дар лаби соҳил чу моҳӣ безабон монда.

Ниҳода сар ба рӯйи синаи фарзанд,
Варо хомӯш пайкар, мурда ҳар як узв-узву банд
андар банд.
Ва шири модар андар пайкари фарзанд хушкида,
Ба тори анкабути марг печида.
Вале модар надорад бовари ин марг,
Надорад боваре бар он, ки дар шохи
умедаш зард гашта барг.
Ту гӯйӣ он замон марги ҳаросомез аз модар гурезон буд,
Ки модарро на фикри зиндагию не дигар
тарсу ғами ҷон буд,
Ҳама ҷо даҳшатистон буд.

Сари гаҳвораи марги писар ӯ алла мехонад,
Суруди Алла не,
Модар сари «гаҳвораи тифлаш» дареғу гиря мехонад,
Суруди навҳа мехонад,
Суруди марг, марги навҷавонӣ,
Суруди аз ҳаёти худ пушаймонӣ!
Вале фарзанди ӯ қабл аз суруди Алла бар
хоби ҷавонӣ рафт
Ва қабл аз Алла сӯйи ҷовидонӣ рафт.

## ЧАШМ БАР ДУНЁИ КАВКАБ ДОШТӢ

Эй падар,
Дар он саҳар,
Афсӯс, мондам бе падар.

Панд мегуфтӣ маро,
Посухам медодӣ бар ҳар як «чаро?»

Лаҳзаҳои вопасинат
Чашм бар чархи баринат
Аз чӣ буд?!
Чашм бар дунёи кавкаб доштӣ,
Панд бар лаб доштӣ.

Аз варақҳои нигоҳҳои баланду хираи ту сӯйи
осмон охирин пандам ба гӯш ояд.
Одамиро дар замин пастӣ нашояд!

## ШАМЪ

Ман шамъи дили хонаи шабҳои дарозам,
Танҳо ту маро шамъ махон, розаму розам.

Ман дар дили шаб ханда кунам, рӯз хамӯшам,
Рӯшанкунии зулмати шаб бори ба дӯшам.
Зулмат шиканам, ваҳм кушам, бим бисӯзам,
Аз пой ба сар оташаму то дами рӯзам.
Месӯзаму мегиряму механдаму бар
чеҳраи ман ашк равон аст,
Ҳайҳот зи чашми ту ниҳон аст.
Ман то ба саҳар ғарқаи дарёи сиришкам,
Мемирам ҳамон лаҳза, ки хушк аст саропои
вуҷуди ман аз ашкам.
Парвона куҷо, ки то бубинад ҳолам,
Дар хонаи субҳ бо лабони лолам.
Некӯст, агар рӯй ба рӯем, эй дӯст,
Дар рӯй ба рӯйи дӯст мурдан чӣ накӯст!

## БИЁ, БАҲОР РАСИД

Саҳар ба гӯши дилам сози ғамбарор расид,
Навои мурғи саҳар сӯйи шохсор расид,
Сафири хандаи Симурғи кӯҳсор расид,
Навиди кабк зи нав сӯйи чашмасор расид,
Биё, ки ҷомаи нав бар тани диёр расид,
Биё, баҳор расид.

Ҳазор ғам паси сар гашту сур омаданист,
Ба ҷойи ғам фараҳ аз ҷойи дур омаданист,
Ба ҷойи зулмати шаб шоми нур омаданист,
Шуои гармтар аз чашми хур омаданист,
Гул аз лабони саҳар ҷойи зишти хор расид,
Биё, баҳор расид.

Дилам зи бишкану аз афту хези даҳр гирифт,
Маро хумори сайри гулу лолаҳои шаҳр гирифт,
Ки гурги дай ҳамаро бо сипоҳи қаҳр гирифт,
Баҳори омада аз дил ғубори заҳр гирифт,
Садои чангу рубобу наю дутор расид,
Биё, баҳор расид.

## ХОҲАМ АЗ ТУ

Дӯст медорам туро, айёми пирӣ,
З-он ки сартопо ба ранги поки ширӣ.

Дасти испедат гузорӣ бар сари ман,
Шир шуд аз нақши дастони ту ранги ин сари ман.
Хоҳам аз ту, то бимонад бо ту, эй пирӣ, ҷавониам,
Дӯст дорам ман туро, пирӣ, валекин бо
ғурури навҷавониам.

## ДАР ХАЁЛИ МАН ГУЛИ ҲАЙРАТ ШУКУФТ

*(Саг мурдаи гурбаро ба даҳон гирифта, аз издиҳоми мардум дуртар рафта, хоки зери дарахтеро кофта, мурдаро гӯронд ва ба роҳе равон шуд – Аз мушоҳида)*

Дар хаёли ман гули ҳайрат шукуфт,
Ҳайрат андар барги ҳайратҳо нуҳуфт.
Аз қадам то сар маро тан дар либоси ҳайрат аст,
Сабз аз андешае шуд гул, ки бӯяш ҳикмат аст.

Саг ба чашмам гӯиё он дам ниҳоди саг надошт,
Ё ки дар он лаҳза гӯё хуни саг дар раг надошт.

Дар даҳон саг мурдаи як гурба дошту медавид,
Издиҳоми халқ сагро гоҳ диду гоҳ надид.

Издиҳоми халқ ногаҳ монда аз пою сухан,
Чун бididанд ин шигифтангез оламро
ба дур аз анҷуман.

Саг намедид гӯиё ин дидаҳоро сӯи худ,
Ғофил аз дунёи мову ғарқаи «андеша» буд.
Рафт дар хилват, барои гурбаи бесоҳиби
дар кӯча монда гӯр канд,
Гӯр кард он гурбарову монд як девони панд:

Одамон, эй одамон, бошед доим
мисли инсонҳои некойин бо ҳам меҳрпайванд,
Меҳрубониро ман омӯхтам зи дунёи шумо,
инсонҳои арҷманд!

## САДОЯМ КУН

Ман ба танҳоӣ асири ин шабам,
Дасти худ хомӯшӣ монда бар лабам.

Нест кас дар ин сиёҳии шаби танҳои ман,
Чор сӯямро сиёҳӣ шуд ватан.

Ман раҳо созам худамро аз канори ваҳшатободи сиёҳӣ,
Равшанӣ хоҳам, ҳамон соне, ки хоҳад об моҳӣ.

Мондаам танҳои танҳо,
Мурда андар ман умеди рӯзи фардо.
Бал кушад ин шаб маро танҳои танҳо
Дар дили фарёдҳо.
Эй, биё, манро аз ин танҳоии андар сиёҳиҳо раҳо кун,
Ёри ман, як бор дар ин шом аз дурам садо кун.

## ЭЙ ҲАМСАБАҚОН

Эй ҳамсабақон, дар кафи ман шеъри таре нест,
Не завқи шубоб асту зи дунёи ҷавонӣ асаре нест.
Афсӯс, ки сармозада шуд боғи ҷавонию
дар он ҷо самаре нест,
Боди хунуки пирӣ амир асту садои дигаре нест.
Ҷуз коғази фарсудаю ҷуз шеъри пур аз ҳарфи сафедам
Кас нест, ки орад ба саҳаргоҳ навидам,
Помол ба зери паи навмедӣ умедам.

Ман шеъри сафедам накунам ҳадя шуморо,
Аз баҳри шумо саҷда кунам арзу саморо.
Ин шеъри сафедам ба шумо ҳадяи пир аст,
Ҳар ҳарф ба ҳар мисраи ин шеър чу шир аст.
Ман шеъри сафед ҳадя насозам ба шумо, ҳамсабақонам,
Эй дури ману хонанишин дар дилу ҷонам.
Дунё ба умед аст,
Ҳар мисраи мӯи саратон шеъри сафед аст.

## КУШАД ТАНҲОИЯМ

Шикаст аз ин ҷудоӣ пушти сангини ғурури ман,
Биё, эй андаруни хонаи дил, аз даруни дида дури ман.

Кушад танҳоиям бо теғи танҳоӣ
Миёни боғи шайдоӣ.

Маро, эй беҳ зи ҷон, танҳоӣ доғу дарду оҳ аст,
Туро танҳоӣ ҳамроҳ аст.

## ШАҲУҚОБИ КӮҲИ ШЕЪРИ КӮДАКОН

*(Ба Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар)*

Шоири болобаланди Тоҷикистон,
Зодаи боғи биҳишти шеъри ноб аз ориён.
Оташин лаъли чакома дар китоби нодири таърихи инсон,
Шаҳуқобе аз Бадахшон.

Ай ба пойи меҳри кӯҳистон фитода дар суҷуд,
Бурдаӣ ҳар ҷо ба боли шеъри худ аз мо дуруд.
Шеър ҳамчун хун равон буда туро дар тору пуд,
Менамояд қисса аз буду набуд,
Мезудояд аз рухи муштоқи шеъри ту сиришки гиряолуд.

Ай баландтар лонаи ту аз уқоби кӯҳсорон,
Ай ки шеърат таблзан дар маҳфили кайҳониён.
Ай ғизоли дашти зарҳалпӯши шеъри решаҷадид,
Ай зи шеъри ноби атфоли замони худ навид.

Ай ки шаҳри шеърбунёди замонро шаҳриёрӣ,
Ай баландпарвоз бар боли ҳарири шеър андар кӯҳсорӣ.

Бар фарози шонаи ту
Ҷойгоҳи мурғи илҳоми самост.
Дар майи паймонаи ту
Акси зебодухти шавқи шеърофар ҷо ба ҷост.

Ай ки султонию мирӣ дар ҷаҳони шоирии некбунёд,
Пой бастӣ Панҷи нооромӣ шеъри нобро
дар ҳалқаи занҷири фарёд.
Ай ки берун кард шеърат чуғдро аз кишварам,
Мор меояд бурун аз хоби ваҳшатзои халқи
тоҷики шеърофарам.

Мехкӯбӣ кардаӣ истораро дар осмон,
Кай хурӯси субҳхон ово кунад дар хоби ширин ногаҳон.

То замоне ки бувад хуршед андар осмон,
Хандаи тифлон бувад андар замин фаввórасон.
Шеъри ту фонуси роҳи раҳравон то субҳи
фардоҳо бувад,
Беҳтарин тасвири фонуси хаёли шеъри рӯъёҳо бувад.

## АЁ МАҲТОБ!

*(Аҷроми коинот батадриҷ нест*
*хоҳанд шуд – аз маълумоти олимон)*

Шунидам,
З-ин хабар чун барги сармохӯрда ларзидам,
Ва гӯё ин суханро он замон сӯзанда ҳамчун оташе дидам,
Ба сони мӯйи оташдидае печида печидам,
Зи дил оҳи пурандӯҳе бо сони Ҳазрати Одам кашидам.
Худоё, ҷунбише уфтода андар пайкари олам,
Чӣ ояд бар сари фарзанди Одам?!

Ту ай покизатар аз ҳарчи ашё дар нигоҳи ман,
Ту ай машъалфурӯзи тирашаб дар шоҳроҳи ман.
Ту ай раққосаи зарринқабои қуббаи хазро,
Ту ай маъшуқаи хуршед дар он гунбади боло.
Ту ай духти шабу товуси зарринпайкари гардуни гардон,
Чӣ сон чун шаҳриёри шаб диҳӣ бар осмон фармон.
Чӣ навъ анҷом хоҳад буд ин оғозро, Маҳтоб,
Само дар дидаҳо чун зангбаста шиша тобад ё ки чун мурдоб,
Намоён мешавад оё ба шабҳо кирмаки шабтоб.

Даҳонам хушк шуд чун хонаи мору
забонам хушк ҳамчун мурдаи мор,
Ҳама буду набудам гашта андӯҳбор.
Чӣ мушкил,
Фикри ботил,
Кишти беҳосил!
Аз ин афсонаи афсунниҳод андешаам шуд пой андар гил.
Шаби тира дигар равшан насозад дидаҳои шӯълаафшонат,
Дигар бо ту начархад то саҳар гардуни гардонат.
Чӣ хоҳад кард бе ту баъди ту хуршеди оламгир,
Чӣ рӯзу рӯзгоре хоҳад омад бар сари сахти ҷаҳони пир.
Чӣ хоҳӣ кард, ай инсон,
Чӣ фармояд табиб ин дардро дармон.

Илоҷе чист, то ойӣ бурун аз умқи ин гирдоб
Ба зери чархи гардуне, ки бошад холӣ аз Маҳтоб.

Ситора ҳамчу ашки осмон резад зи болоҳо,
Куҷо, бар тори кӯҳҳою замину обу беҷоҳо.
Замин ҳам мекашад по аз замини хеш,
Ҷаҳон ангуштарине асту монад бе нигини хеш.
Замину осмон аз ҷой ҷунбад бе ту, ай Маҳтоб,
Куҷо Хуршед метобад, куҷо равшан кунад Маҳтоб?!
Ту ай армони инсонҳо,
Ту ай пуле, ки имрӯзи ҷаҳонро бандӣ бо дунёи фардоҳо.
Ту ай армони ман, ай нӯшдоруи вуҷуди зиндагониам,
Туӣ чун шаҳсутуни коргоҳи компрониам.
Ту ҳам мемирӣ, ай армон,
Чӣ хоҳад кард бе ту насли инсону замину давлати Кайвон.

Ба боғи гӯши ман ояд садо аз дуриҳои дур ё аз гӯр,
Садо аз инзивое, ки ҳамепарвард чуғди кӯр.
Садо чун қотили одам,
Ё сӯзандаи олам.
Ту ҳам як шомгоҳ ё дар дили шаб, ё ки дар пойи саҳаргоҳон
Фитода дар лиҳефи хоби навмедӣ ба сони як
маризи хастаҷону канда аз дунёи инсон.
Ба дасти чуғди мурда месупорӣ ин ҷаҳонро охирин
бор гиряолуда,
Ҷаҳонорой будан бар ту фармон аз Худо буда.

Булӯри пайкарат бишкастаю бишкаста мерезад,
Зи ҳар як пора-пора пайкарат ин ҳарф мехезад:
Ту, ай Маҳтоб, мемирӣ,
Ту дар бедорӣ ё дар хоб мемирӣ.

## ДАР ШЕЪРИ НАВУ САБКИ НАВ УСТОД ТУӢ, ТУ

*(Ёде аз устод Мирсаид Миршакар)*

Аз равзанаи шеъри ту дунёст муҷалло,
Аз шеъри баландат ҳунари туст ҳувайдо.
Ҳар ҳарф, ки бар кӯдаки хурдсол кунӣ шеър,
Шеърест, ки ҷо гашта варо минбари боло.

Дар хиттаи сарводаи тифлона амирӣ,
Дар олами нав аз саҳари шеър сафирӣ.
Шеъри шакарат раста ба бозор кушода,
Эй шеъри Шакар, шаҳдию мушкию абирӣ.

Шеърест, ки аз қалби шараразой барояд,
Чун «Маснавӣ» бонге зи лаби ной барояд.
Бо оташи илҳом пазад шеъри танӯрат,
Чун нон, ки андар кафи нонвой барояд.

Ҷӯест зи шеъри наву мироб туӣ, ту,
Ҳар ҳарф чу истораву маҳтоб туӣ, ту.
Фаввора занад аз дили дарёи ту ашъор,
Эй мири сухан, соҳили шодоб туӣ, ту.

Эй тифл, туро шеър бад-ин шева кӣ гуфта,
Дурре зи даруни садаф ин навъ кӣ суфта.
Эъҷоз бувад дар садафи шеъри ту, Устод,
Бо шеъри тую алла магар тифл наҳуфта?!

Дар шеъри наву сабки нав устод туӣ, ту,
Бар шеъри навин масдари эҷод туӣ, ту.
Ҷӯйи нави шеър ояд агар аз дили сад кӯҳ,
Устод, дар ин мартаба Фарҳод туӣ, ту!

То маҷлиси шеър аст, туӣ сарвару соқӣ
Бо Айнию Мирзою Сулаймонию Боқӣ.
Аҳсант ба нерӯи суханофарат, Устод,
Дар олами фонӣ шудаӣ олами боқӣ!

## ЗИ АБРИ ТИРАРӮ РӮЯД ГУЛИ ИСПЕД

Ту, эй абри сиёҳи навбаҳорӣ,
Чӣ нерӯе дар ин андом дорӣ.
Ҳабашосо, сиёҳрангию пурбимию даҳшат,
Ба сони лашкари Чингиз пур аз ғавғою аз ваҳшат.
Ту зиштӣ дар нигоҳи чашми бино,
Чу ёри душманаъмоле, ки андар дидаи Сино.
Шигифто! З-ин ҳама зиштӣ бирӯяд
Гул андар боғ, то булбул бибӯяд.
Зи абри тирарӯ бо лутфи хуршед
Бихандад гул ба саҳро чеҳраиспед.

Чакад аз чашми ту, абри сиёҳ, дурдонаи об,
Ки то гул чеҳраро дар он бишӯяд,
Ки то маҳбубае онро бубӯяд,
Бихандад гул ба саҳро чеҳраиспед.

Дареғо! Гоҳ аз абри сафедасл,
Чакад заҳроб бар фарқи ҳама фасл.
Гулистони саҳар бе ханда монад,
На гул рӯяд, на булбул зинда монад.

Зи занбӯри асал дарсе биёмӯз,
Ки бошад зиндагиаш шаҳкитоби пандомӯз.
Ба як пайкар ду хӯша мешавад бор,
Яке пур аз шарангу дигареро шаҳд бошад бор.
Яке нешу дигар нӯш аст онро дар раги андом,
Гаҳе аз зиштӣ ҳосил мешавад ком.

## СУЛТОНИ ШЕЪР

*(Эҳдо ба 70-солагии шоир Султон Шоҳзода)*

Боғи шеърат дар Бадахшон сабз шуд, Султони шеър,
Хуни маънӣ мисраъ-мисраъ шеърро шуд ҷони шеър.
Баски чун Шаҳзода бар аспи сухан дорӣ лаҷом,
Шаҳсавориҳо насиби туст дар майдони шеър.

Қаҳ-қаҳи кабки дарӣ аз шеъри ту ояд бурун,
Дар либоси маънӣ меояд зи шеъри ту сухун.
Чашмаҳо бозикунон дар ҷӯйи мисраъ нуқратоб,
Хуни нерӯ оядам бар дил зи шеъри ту кунун.

Нағмае аз нойи шеъри ту ба гӯши ҷон расад,
Ҷони ашъорошноямро кунун дармон расад.
Шеъри ту дар боли оҳанги муғаннӣ ҷо гирифт,
Дар чаманзори сухан гулғунчаи хандон расад.

Эй гадои шеъри шаҳри ишқ, Султонӣ турост,
Дар замини шеъргӯён саъди кайвонӣ турост.
Шод зӣ дар байт, эй Шаҳзодаи дарбори шеър,
Аршу фарши шеъру дунёи сухандонӣ турост.

Нестӣ дар байни мову дар гулистони сухан,
Шамъи шеърат базм орояд миёни анҷуман.
Ханда зад аз оби илҳом арчаи шеъри тарат,
Шеър бо ту зинда асту зиндаӣ ту дар ватан.

## БАРГРЕЗОН ҲАР ДАРАХТИ РОҲ БУД

Баргрезон бар сари ман ҳар дарахти роҳ буд,
Бӯсаи хуршед сӯям гаҳ набуду гоҳ буд.
Буд агар, бисёр гарм буд,
Ё набуд ар, ҷои он чун нақши дасти модари ман нарм буд.
Баргҳо беист поин мешуданд,
Роҳҳо аз атласи барги дарахтони
сари раҳ зуд рангин мешуданд.
Барг гӯйӣ чун парасту дар ҳаво парвоз дошт,
Тирамаҳ оғоз дошт.
Зери поям баргҳо чун тангаи зар саф кашида,
Ё ки хун аз панҷаи ҳар як дарахти рӯй раҳ ин дам чакида.
Ё чу зарҳалҷомае, ки раҳ ба орият гирифта
он дам аз дӯкони поиз,
Ё ки гӯйӣ паҳн карда ҷомаашро рӯйи роҳи
омади Ширини раъно Хусрави Парвиз.
Балки ҳар як барг гӯйӣ номаи фасли хазон буд,
Ё ки мактубе зи аҳди навбаҳори гулфишон буд,
К-он зи дуриҳои дури фасли гул то мо расида,
Раҳ ба раҳ ранҷу уқубатҳо кашида,
Занг дида,
Бар сари мо баргрезон гашта акнун,
Аз даруни дурҷи оғӯши дарахтон гашта вожун.

Сӯйи мо овард аз дунёи дуриҳо салом,
Сад паёми бе калом.
Хондаам дар синаи ҳар барг, бинвиштаст дасти рӯзгор:
Боз меояд баҳор!

## ИН САДОИ РОЗИ ТУСТ

Бо телефонам задам занг бар телефони дилам,
Омад овозе ба сӯям аз телефони дилам.
Гӯш кардам, гӯш кардам, буд овози маҳин,
Балки буда лаҳни ширин.
Гуфтам: Ин овози кисту аз куҷост
Ин қадар ширин чарост?

Гӯш кардам, шуд яқин, овози туст,
Ин садои рози туст.
Ин садо аз он лаби зебои туст,
Оре, оре, хонаи дил ҷои туст.

# ДАР ШАШДАРИ ДУНЁИ ХУД
# БО ЗИНДАГӢ ДАР ГУФТУГӮ

## ЗИНДАГИРО ДӮСТ ДОР!

Рӯзу шаб, шому саҳар омад, гузашт,
Неку бад, ҳарчи ба сар омад, гузашт.
Байни «омад» то «гузашт» ин қадр буда мушкиле,
Мисли киштии равони баҳри нопайдоканор
аз соҳиле бар соҳиле.

Гоҳ –гоҳе рӯзи наҳсе рӯзгорамро шикаст,
Гоҳ – гоҳе дасти бахтам дасти наҳси рӯзгорамро шикаст.
Гоҳ бори рӯзи бад андар фарози шона буд,
Рӯзҳо андар фарози шона онро хона буд.
Зиндагӣ пасту баланду хубу зишт аст,
Гоҳ зулмат ҳамчу зиндон, гоҳ равшан чун биҳишт аст.
Ҳарчи корӣ дар замини зиндагонӣ
То ба пирӣ аз замони навҷавонӣ,
Ҳосилаш аз мазраи коридаи туст,
Донае аз хирмани саҳрои бахти огаҳ ё хобидаи туст.
Дӯст бояд дошт дунёро ба он рӯшноию он зулматаш,
Зиндагиро дӯст бояд дошт бо ҳар сураташ.
Зиндагӣ шаб асту рӯз аст,
Гоҳ ҳамчун ашки андӯҳ хандасӯз аст,
Гоҳ чун момои мо пироҳани ғамчоки моро чокдӯз аст.
Зиндагиро дӯст дор,
Чор фасли рӯзгор,
То ки бошад зиндагӣ ҳар дам туро ҳам дӯстдор!

## ҒАМ ШЕЪР ШУД

Бар чаллаи илҳоми ман
Аз осмон ояд нигин.
Ахтар зи боми килки ман
Резад ба авроқи замин.

Иншо шавад шеъри хаёл,
Сар монам андар шонааш.
Бар шонаам сар мениҳад
Шеъре, ки ғам шуд хонааш.

Дар коми ҳарфам нола аст,
Лабҳо ба ранги лола аст.
Моро зи тафси ҳарф-ҳарф
Дар пушти лаб табхола аст.

Охир ҳама ғам шеър шуд,
Ё шеър шуд кохи ғамон.
Чун қалби пур аз дуди ман
Аз нойи шеър ояд фиғон.

Шеъри дил асту ман дилам
Дар ҳарфи коғаз ҷо кунам.
Ман ҳадя овардам, туро
Аз чор бурҷ ово кунам.

Эй сурати дур аз нигоҳ,
Эй дур аз ман ҳамчу моҳ.
Ин шеър тасвири дил аст,
Бо нола омад субҳгоҳ.

Аз шеър меояд нафир,
Аз мурғи дил ҳамчун сафир.
Ин нома аз номи дил аст,
Ин нусхаи дилро пазир.

## САДОИ МАН

Садо, садо, садои ман
Садои пурғаму алам бувад,
Бубин, ки хуни қалби ман
Чаман,чаман, чаман, чаман
Даруни пайкари қалам бувад.
Бинӯш, нӯш,
Ки талхтар зи қатраи шаранг шуд,
Ғаму алам маро ба тан чу занг шуд.
Ниюш,
Боварат наояд аз мани ба дил хазон,
Ки дӯст дорамат ба ҷон.
Садо, садо, садои ман
Даруни нойи ман як умр хаста-хаста аст,
Ду пойи ман ба банди ҳаҷр баста-баста аст.
Ба ин ҳама заифиҳои тан,
Ба ин ҳама шикан-шикан
Умед аз дари ту ҳамраҳи ман аст,
Худои якка холиқи туву ман аст.
Азизи ҷони хастаам туӣ,
Чароғи роҳи бастаам туӣ.

## БОҒБОНИ ШЕЪР

*(Ба Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода)*

Кист шоир,
Кист дар сеҳри сухан соҳир.
Кист он шоир, ки карда издивоҷе бо арӯси шеър,
Кист он шоир, ки аз мӯйи арӯси шеъри ӯ борад
ҳазорон қатраҳои меҳр.
Кист он, рӯидае дар мулки шеъру шеъри нобаш зодааст,
Боғбони шеъри мо Мирзои Турсунзода аст.

Боғи шеъраш сабз гашту гулфишон,
Ҳар гуле дар пушту дар паҳлуи ҳам
чун мисраи шеъри равон.
Дӣ, ки шогирде сабақ бигрифт аз устоди шоир,
Лоиқе гардиду Мӯъмин, ё ки Гулрухсору Аскар,
Ё ки Ширину Салимшоҳу Камолу Раҳмату Бозори Собир.

Рӯди деҳаш бо навои шеъри Турсунзода туғён мекунад,
Қатраҳои мавҷ дар авроқи беранги ҳаво
Қатра-қатра чун ҳиҷои шеър исён мекунад.
Найқалам рақсон ба саҳрои Ҳисори шодмон
Маҳфиле бо шеъри Мирзои сухан доир кунад,
То ба эъҷози садо ояндаро шоир кунад.

Шеъри Турсунзодаи шоир равон аст,
Дар дили ҳар сатри шеъраш ояти дирӯзиён аст,
Байт-байташ масдари армони мо-имрӯзиён аст,
Мисраъ-мисраъ шеърҳояш мисраи фардоиён аст.

Ҳарф-ҳарфи байт-байти шеър-шеъраш
Мезанад фаввора чун амвоҷи рӯд.
То кунун аз рӯди деҳаш мерасад лаҳни суруд,
Мерасонад қатра-қатра мавҷ-мавҷи рӯд бар шоир дуруд.

Шеър мегуфт ӯ ба зери сояи шамъи шабон,
Шамъ ҳар шаб дар ҳавои шеър рақсон,
Шуълаи шамъ донаборон
То ба гоҳи бомдодон.
Шамъ то субҳ ҷони худро монда гӯё дар гарав,
То супорад шеъру шоирро ба дасти рӯзи нав.
Шеъри ӯро Аҳмади Зоҳир ба лаҳни осмонӣ месуруд,
(Бар равони поки ӯ аз мухлисон бодо дуруд).
Шаҳпари парвози шеъраш нағмаи Зоҳир бувад, «кофист»[1],
Рӯҳи ҳар ду рафтагон аз ваҳдати лаҳну сухан
то ҷовидон розист.
Шеъри Турсунзодаи устоду
лаҳни Зоҳири овозадори зиндаёд
Солҳо то солҳо, то қарнҳову қарнҳо
Ёд бодо, ёд бодо, ёд бод!

[1] Ба ҷуз маънӣ дар байт инчунин ишора ба ғазали шоир «ҳамин кофист» аст, ки овозхони маъруфи афғон Аҳмад Зоҳир онро мехонд

## ҲАЗОР ҒАМ БА СИНА АСТ

Ҳазор ғам ба сина аст,
Ба сони зина-зина-зина аст.
Зи пой то ба сар чу халтаи ғамон шудам,
Ба мулки найситон шудам.
Бурун шуд аз гулӯи ман садои наъраҳо,
Чу оташак бурун шуданд ваъдаҳо,
Ки додайӣ барои ман,
Ту кардайӣ ба шаҳри ошиқӣ атои ман.
Зи нойи най ғамаш чу оташ асту дуд,
Ғами маро зи синаам зудуд.
Ки ҳамдаме маро буда ба ин ҷаҳон
Ва килки ғам кунад ғами марову нойро баён.
Ки дорад он ба дил ғами зиёд,
Ҷудойӣ байни ошиқон мабод!

## ҒУНЧА ФАСОНАРО ШУНИД

Ба боғ рафта субҳдам,
Ба хастагӣ задам қадам.
Ғамам чу пушта-пушта-пушта буд,
Ғамат дили маро ба сина кушта буд.
Ба ғунча васф кардаам лаби туро,
Кашида расми ғабғаби туро.
Чу ғунча ин фасонаро шунид,
Хамӯширо чу парда бардарид.
Садои таблаки табассумаш баланд шуд,
Ғами дилам асири дому банд шуд.

## ЧАРОҒИ ОРЗУ ТУӢ

Ба теғи як нигоҳи ту,
Ба ханҷари ҷафои ту,
Ба шеваи вафои ту,
Ман умр медиҳам ба бод.

Ҳазори бӯстон туӣ,
Давои ҷисму ҷон туӣ,
Замину осмон туӣ,
Ман умр медиҳам ба бод.

Чароғи орзу туӣ,
Фурӯғи гуфтугӯ туӣ,
Шамими кӯ ба кӯ туӣ,
Ман умр медиҳам ба бод.

Ту маънии ҳаёти ман,
Ту савлату суботи ман,
Макӯш дар мамоти ман,
Ман умр медиҳам ба бод.

## БИЁ

Барои як нигоҳи ту,
Барои як вафои ту,
Барои сад ҷафои ту,
Ба номи Ҳақ дуо кунам.

Занӣ ба санги кинаат,
Бурӣ ба теғи мижаат,
Кушӣ ба ҳар калимаат,
Ба номи Ҳақ дуо кунам.

Ману фироқу шомгоҳ,
Тирезаю ману нигоҳ,
Ману сиришку оҳи моҳ,
Ба номи Ҳақ дуо кунам.

Ману ҷаҳони даргурез,
Замон кунад ба ман ситез,
«Ки дор каҷ, вале марез»,
Ба номи Ҳақ дуо кунам.

Ту беҳтарини беҳтарин,
Ту шоҳи ҳуснӣ дар замин,
Мароcт бахт инчунин,
Ба номи Ҳақ дуо кунам.

Агар кунӣ ба ман вафо,
Ба субҳи ман туӣ сафо,
Биё, биё, биё, биё,
Ба номи Ҳақ дуо кунам.

## ҶАВОБИ РАД МАГӮ

Лаби ту ҷон диҳад ба ман,
Туӣ маро гули чаман,
Ду зулфи ту шикан-шикан,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Туро ба ҷон ман ошиқам,
Зи ошиқони содиқам,
Ба роҳи ишқ Вомиқам,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Ту ахтари самои ман,
Ҷавоби ҳар садои ман,
Ба дарди ман давои ман,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Гиреҳ шудам ба мӯи ту,
Ғуломи чашму рӯйи ту,
Ду чашми ман ба сӯи ту,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Макони туст дар дилам,
Ту равшании манзилам,
Зи кишти умр ҳосилам,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Маро ба дор мекашӣ,
Ба қалби нор мекашӣ
Ва сӯи хор мекашӣ,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Ба номи ишқ зиндаам,
Ба пои дил фикандаам,
Туро як умр бандаам,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

Фурӯ ба зери сад ғамам,
Ба рӯи марг ҳар дамам,
Қасам, қасам, қасам, қасам,
Ҷавоби рад магӯ, магӯ.

## ТУРО ДАР ҶАҲОНИ СУХАН ЁД БОД

*(Бахшида ба 100-солагии Тилло Пӯлодӣ)*

***Диле то намирад ба тан андарун,***
***Зи шеъри ту ёбад фусуну ҷунун.***
***Замон то ба дасти замондор ҳаст,***
***Зи Тиллои Пӯлод бошад сухун.***

Ҷаҳон бо сухан аз азал шуд падид,
Чунин қудрат андар ҷаҳон кас надид.
Зи Эзид ато шуд ба инсон сухун,
Дили вахшу тайр аз сухандон рамид.

Ба амри Худованди бечанду чун
Сухан ҳаст шуд аз дили «Кофу нун».
Бари хокиён шуд сухан армуғон
Зи даврони Одам ба аҳди кунун.

Фуруд омада амри эҷоди шеър,
Шуд эҳдо ҳамон дам ба Тиллои шеър.
Ту ҳар шеъри нобе ба субҳу ба шом
Сириштӣ зи колои волои шеър.

Туро рӯзу шаб бар лаб омад сухун,
Сухан ҳаст созад, кунад ҳам нагун.
Зи боғи дили поку хуни ҷигар
Бурун шеър созӣ зи хони дарун.

Раҳораҳ ба такрор аз зери лаб
Биёмад бурун шеър ҳар субҳу шаб.
Туро шеър бар тан биёмад ба шир,
Зи ту гашта шодоб мулки адаб.

Туро устувор аст сухан дар баён,
Чу Пӯлод дар дасти оҳангарон.
Ба Тилло баробар бувад шеъри ноб,
Туро шеъри нобат намуд ҷовидон.

Будӣ дарси ту дарси одамгарӣ,
Сухан гар бувад зар, ту чун заргарӣ.
Ба чандин баён мекушудӣ чигил,
Чу шогирдат оҳан, ту оҳангарӣ.

Ба сандони маънӣ зи ашёи хом
Бурун кардаӣ шеъру байте тамом.
Ба зӯри қалам суфта кардӣ сухан,
Дар он коргоҳ пухта гардад калом.

Маро дарси ту шоирӣ ёд дод,
Чунин дарс поянда дар ёд бод.
Аё, эй хирадпеша Устоди ман,
Туро дар ҷаҳони сухан ёд бод!

## ВАҚТЕ КИ ОФТОБ ПАНАҲ ШУД

Вақте ки офтоб панаҳ шуд ба пушти кӯҳ,
Дар пайкарам падид шуд он лаҳзаҳо сутӯҳ.
Гуфтам ба хеш зери лаб: Он ҷо чӣ маҳшар аст,
Ё охирин саёҳати хуршеди ховар аст?
Вақте ба пушти кӯҳ панаҳ гашт офтоб,
Аз пушти он равона шуда рӯз бошитоб.

Дар вопасин қадам,
Аз истгоҳи охири наздикии ҳарам
Хуршед бингарист ба рухсораи замин,
Зад бӯса аз ҷабини замин бори охирин.

Он ҷо чӣ маҳшар аст,
Хуршедро сиёҳии шаб ҷойи бистар аст,
Ё дуртар зи дидаи алтофи довар аст?!
Ё рафта-рафта мефитад аз минбари нигоҳ
Дар банди фитнакории ифрити пургуноҳ?!

Он ҷо чӣ маҳшар аст,
Хуршедро чӣ мушкиле он ҷой бар сар аст,
Ё дар саройи духти шаб бо ишқ андар аст,
Ё маҳфиле ба пост, ки ин қадр анвар аст,
Ё издивоҷи духтари яктои ахтар аст?!
Не ину на дигар,
Хуршед хаста аз сафару чашм бар саҳар.
То шуъла афканад ба нишемангаҳи башар,
Шаб бар саломи Ҳақ биравад чун ниёзманд,
То олами баланд,
Гирад зи Ҳақ дуои сафар боз аз дигар.

## МУБОРАК БОД МАВЛУДАТ, МУБОРАК!

*(Эҳдо ба рӯзи таваллуди Мавлуда Оймаҳмадова)*

Ситораи фараҳ шаб ошиқона механдад,
Ҳумои бахт туро аз ду шона механдад.
Гули сари сабадӣ дар миёни маҳфилҳо,
Нидои «аҳсан» аз арзи замона механдад.
Даруни шишаи чашми ту шарм месабзад,
Зи чеҳраи ту ҳаёи занона механдад.
Ту нусхаи аслӣ зи аҳли покзанон,
Бубин, ки раҳмати Ҳақ аз карона механдад.
Садоқат аст туро ҳам ба кору ҳам ёрон,
Сифоти покии ту з-ин тарона механдад.
Ту модарӣ, ҳама нерӯи олам андар туст,
Чунин бузургӣ зи фаррат шаҳона механдад.
Ту шод бош, туро рӯз рӯзи мавлуд аст,
Ниюш, савти дилам аз чағона механдад.
Худо туро бидиҳад рӯзгори беҳтар аз ин,
Шукӯҳи бахт зи ҳар бурҷи хона механдад!

## «ЗАНГ ХОҲАМ ЗАД»

Ман, ки муштоқи ту будам,
Ман, ки дар ҳамсояқишлоқи ту будам,
Бо телефон чун задам занг,
Омад аз он сӯй оҳанг.
Гуфтӣ: «Ҳозир занг хоҳам зад».
Гуфтам: Акнун оламамро ранг хоҳам зад.
Ман ба зулфони дуруштти деви дурӣ чанг хоҳам зад.

Лаҳзаҳо чун корвони мӯрчаҳо
                    аз пушти ҳам бигзашт, бигзашт,
Интизорӣ дар дили ман санг гашт.
Интизориҳо кашам то гоҳи «Ҳозир занг хоҳам зад»,
Гӯшҳоро бар фарози шонаи оҳанг хоҳам зад,
Олами торики ҳаҷри хештанро санг хоҳам зад.

Лаҳзаҳою лаҳзаҳо рӯз офариданд,
Дар ниҳоди хастаам сӯз офариданд.
Мекашад то субҳ ин уммед
– «ҳозир занг хоҳам зад» – нидои ту,
Интизорам бори дигар бар садои ту.

## ШЕЪР ИНШО МЕШАВАД

Дар такопӯ, ҷустуҷӯ,
Ҳар нафас бо хештан дар гуфтугӯ.
Меравад шоир зи пушти шеъри нав то нуқтаи ноошно,
Аз куҷоҳо меравад то нокуҷоҳо,
То дар он зулмоти пиндор кашф созад чашмае аз орзу.

Гаҳ равон танҳои танҳо ӯ зи роҳи Каҳкашон,
Гаҳ муаллақ дар миёни ин замину осмон.
Гаҳ ситора, оби дарё, санги кӯҳро ҳамдам аст,
Гаҳ заминитар зи аҳли олам аст,

Метарошад санги сангини тафаккур,
Ҷустуҷӯ дорад зи дарёи ҳақиқат кони дурр.
Мехарошад синаи харсанги маънӣ бо қалам,
Ҳаст созад маънии воло зи дунёи адам.

Шамъи шаб гардад хазон,
Вопасин анфоси шамъи шабравон бошад гарон.

Канда гардад охирин хатҳои дуди шамъ бо миқрози субҳ,
Шабпаракҳо аз сигори охирини шоир ҳамчун танга-танга
дуд боло мешаванд монандаи эъҷози субҳ.
Сабз гардад дар замини сафҳа бо хуни ҷигар
Хӯша-хӯша шеъри тар.
Шаб зи нардбони само поёну поён мешавад,
Субҳдам чун Рустами дастон намоён мешавад.
Аз вуҷуди хиштҳои ҳарфу вожа мисраъ пайдо мешавад,
Шоир андар бистари шаб хаста-хаста, боз эҳё мешавад,
Аз ниҳоди шоирӣ беруну боло мешавад,
Шеър иншо мешавад.

## БОД МЕХОНАД СУРУДИ БОМДОД

Шаб ба рӯйи тахти шоҳаншоҳ буд,
Комде дар шишаи чашмони инсон моҳ буд.

Хона хомӯш асту шоир даст бар дасти қалам,
Ҳар ду раҳораҳ равону роҳи шабро карда кам.

Бод мехонад суруди бомдод:
Бомдоди хокиён обод бод!

Бод меояд, суроғам мекунад,
Ҷустуҷӯ аз маҳфили гулҳои боғам мекунад.

Мезанад бар шишаи тирезаам ҳар лаҳза даст,
Мекунад пурсиш ба лаҳни пасти паст:
Шоир андар хонаи шеърофарин бедор ҳаст?
Мезанад бар пардаи тирезаи ман бод ангушт,
Меравад дар дидаи ман парда арғушт.

Мекунад аз дур ово,
Мерасад инак садо:

Шоиро, дар маҳфили гул ғунча лаб во мекунад,
Як гули нав ҳусни субҳи боғ зебо мекунад!

Шеър рӯйи шохасатри сафҳа хандон мешавад,
Дар ҷаҳони шоирӣ бо дасти боди субҳгоҳ
Дур аз ҷурму гуноҳ
Атри шеъри нав парафшон мешавад.

## БОД МЕТОЗАД ЗИ ГОҲИ СУБҲ ТО ШОМИ СИЁҲ

Аз миёни ҷодаи пурхун саманди бодпой
Мепарад аз тори хоку сангу лой.
Дар сари зин дошт боди тезкор,
Бод ин лаҳза набуда силакор.

Бод бо доман ба рӯйи хуни роҳ
Хок мепошид, то пинҳон кунад аз ҳар нигоҳ.
Бод метозад зи гоҳи субҳ то шоми сиёҳ,
То панаҳ созад ба зери хоки доман хуни
як инсони кушта рӯйи роҳ.

## ТО КУҶОҲО РАҲСИПОРАМ

Бо хати ин роҳ равонам, то куҷоҳо раҳсипорам,
Дар миёни ин такопӯ, дар куҷоҳо по гузорам.

Меравам, аммо наёбам нуқтаи охир дар ин роҳ,
Мешавад аммо раҳи мо дар шабе ё рӯз кӯтоҳ.
Рафтаам бо ин хати роҳ динаю имрӯз ҳам ман,
Меравaнд фардо ба ин роҳ, лек бе ман.

## ГУЛ БА ДАСТИ ТИРАМОҲ АЗ ТАХТ ШУД

Гул ба дасти навбаҳори сабз хандид,
Дар миёни маҳфили гул ханда печид.

Равза атрогин шуд аз бӯйи гулон,
Маҳфилоройӣ намуда булбулон.

Сӯйи гул омад чу дасти тирамоҳ,
Боғ сархам шуд чу марди пургуноҳ.

Гул ба дасти тирамоҳ аз тахт шуд,
Боғи гул бадбахт шуд.

## АЗ ҶАВОНӢ МЕКУНАМ ЁД

Ҳар қадар пирӣ маро орад ба ёд,
Мекунам ман аз ҷавонӣ беш ёд.

Ҳар қадар пирӣ кунад дурам аз он,
Хоби шаб сӯйи ҷавониям расонад шодмон.

Дурам он гаҳ ман аз ин дунёи фонӣ,
Ман ҷавонӣ мекунам аз нав ба дунёи ҷавонӣ!

## МАРО РӮЗЕ АСО БАР ДАСТ МЕБИНӢ

Маро рӯзе асо бар даст мебинӣ,
Забардасти ҷаҳони ишқро дар дасти пирӣ
бастаи сад шаст мебинӣ,
Дигар дар боғи чашмат кай чарад оҳуи чашмонам,
Баҳори навҷавониро намеёбам зи ранги ҳар баҳоронам.
Чӣ хоҳад буд дар он дам
Зи лабҳои мани одам
Нахустин ҳарфи дил дар рӯ ба рӯйи ту, намедонам.
Вале донам, ки дар саҳрои чашмони ману ту
аз самое, ки тиҳӣ аз абри армонҳост,
Фақат борони ғам селоба хоҳад буд,
Ба соҳилҳои лабҳо зориҳою лоба хоҳад буд.

Туӣ дар рӯ ба рӯям хастаю монда,
Манам дар рӯ ба рӯят аз диёри ишқҳо ронда.
Ману ту сокиту ором,
Забонҳо баста андар ком.
Фиғон аз гӯшаи дил мекашад мурғи ҳавасҳо боз,
На дигар қудрату не ҷуръату не ҳарфу не овоз.

Чу бинад ин ҳама аҳвол,
Шигифтангез моро гашта ашкол,
Ҷавонии ману ту аз карона мекунад фарёд,
Фирорӣ ҳамчу оҳуи рамида мешавад аз мо
ба овози ҳазину синаи ношод.
Туро пирӣ барад бар инзиво аз дидаи ман дур,
Заифиҳои пирӣ мекушад дар дидаи ман нур.
Асоям мебарад аз пушти худ бар хонаам охир,
Асоят мебарад аз пушти худ бар хонаат охир.

Миёни мову ту дигар фақат афсӯси пирӣ монд,
Ҷудоиро ба тахти ишқи шаҳристони мо ҳукми амирӣ монд.

Аё, эй нома аз аҳди ҷавонӣ ёдгори ман,
Аё, эй атри гулбоғи шубоби рӯзгори ман!

Туро пирии пур аз меҳри худ хоҳону хоҳонам,
Маро меҳри ту бошад охирин нерӯю дармонам.
Маро ёди ту, ай афсӯси пирӣ, ёд бодо, ёд,
Туро то охири роҳ ёди ман ҳамроҳ бодо, бод!

## АГАР СОЯ МИРАД

Аз пои субҳ то шомгоҳ
Бо ман равон аст соям.
Аз ман намегардад ҷудо,
Гӯё ки бошад доям.

Мирад агар ин соям
Як рӯз дар паҳлуи ман,
Он дам зи пуштам мерасад
Маргам ба рӯёрӯи ман.

## ИН ЧӢ МАРГ АСТ ОФТОБИ ПОКРО

Мерасад то шомгоҳ хуршеди пир,
Мехӯрад дар теғаи кӯҳсор тир.
Меравад дар ҷогаҳи хунин ба хоб
Дар сиёҳиҳои шабҳо офтоб.

Мирад андар зулмати шаб офтоб,
Ояд аз шаб ин хитоб:
Мурдани хуршед зояд моҳро дар осмон,
Кӯдаки моҳ меравад раҳ кач зи роҳи Каҳкашон.
Субҳ хезад офтоб аз гӯри шаб,
Боз сӯйи теға мӯйафшон кунад зулфи заҳаб.
Ин чӣ марг аст офтоби покро,
Шаб бимирад, сабз созад фикри андӯҳнокро,
Субҳ шодӣ оварад ҳар синаи ғамнокро.

## ТО НАМИРАД МОҲИ ШАБ, ХУРШЕД ДАР БАНДИ ШАБ АСТ

Моҳ дар чашмони субҳ аз ҳол рафт,
Хаста мурғи шаб зи дунё бе пару бе бол рафт,
Гӯйӣ аз рухсори гардун субҳ заррин хол рафт.

Моҳ ҳамчун ҷоми заррин аз кафи гардун фитод,
Ё ки барги тирамоҳӣ уфтод дар доми бод.

Ин чӣ рафтан, ин чӣ мурдан дар дами субҳи саҳар,
Моҳи тобон дар кафан афтодаю дорад сафар.

Ин чӣ расм андар сарои осмону кавкаб аст,
То намирад моҳи шаб, хуршед дар банди шаб аст.

## ХОРУҒИ ҒАМГИН

*(Рӯзҳои ноором̄ дар шаҳри Хоруғ)*

Садчок бубин синаи ин хоки ватанро,
Кас нест, ки дӯзад ба ҳам ин чоки ватанро.

Аҳмар шуда рухсораи Хоруғ ба дари субҳ,
Хунин ту бубин пираҳани поки ватанро.

Дандони саҳар субҳдам олудаи хун аст,
Бурданд кучо он шабе мисвоки ватанро.

Аз шохаи гулзор чакад қатраи хунин,
Канданд пари мурғаки бебоки ватанро.

Дар пои шаби аҳриманӣ зор бидидам
Бо дидаи нам дидаи намноки ватанро.

Мурғи саҳар ин субҳдам аз шонаи Хоруғ
Мехонд яке шеъри аламноки ватанро.

Аз боғ «дареғо» – и ҳазорон бадар омад,
Хонанд ҳама номаи ғамноки ватанро.

Ё раб, ба тани хок танад решаи анчар,
Баркан, ки наёрад ғами нав хоки ватанро.

## БАДАХШОН ЧАЛЛАЮ ХОРУҒ НИГИН АСТ

Бадахшон чаллаю Хоруғ нигин аст,
Муҷалло аз нигинаш ин замин аст.

Гулистонаш зи ҷаннат ранг дорад,
Ниҳон дар хонаи гул ангубин аст.

Аё Хоруғ, туро ҳар субҳу шоме
Сухан бо арши олам аввалин аст.

Ба чандин ранг Хоруғ шуд шукуфон,
Биё, бингар, шукуфои ҳамин аст.

Ситода дар кафи кӯҳу кунад гӯш
Каломеро, ки аз чархи барин аст.

Ба Моҳу Офтобу хайли Парвин
Саломи аҳли олам аз Замин аст.

Агар пойи замин бар пушти моҳист,
Ба пойи моҳ Хоруғро ҷабин аст.

Маҷӯ дигар биҳиште рӯйи олам
Биҳишти нақди ин олам ҳамин аст.

Биё, оғӯш гирандат ба шодӣ,
Ки расми хуби аҷдодӣ чунин аст.

* * *

Базми шодию тараб дар бӯстони Хоруғ аст,
Чаҳ-чаҳи ширинадо аз гулситони Хоруғ аст.
Дар чаман гул дар канори андалеб афтода маст,
Ранг андар рангҳо печон ҷаҳони Хоруғ аст.
Зулф шӯяд майсаю хушбӯй гардад оби ҷӯй,
Субҳгаҳ пурнакҳат аз чилкокулони Хоруғ аст.
Мурғи субҳ хонад ғазал, бо оби ҷӯ ояд наво,
Ин фараҳ аз равзаи гавҳарфишони Хоруғ аст.
Субҳу шоми шаҳри мо аз нури гардун равшан аст,
Ҳафт кавкаб шӯълазо дар осмони Хоруғ аст.
Китф бо китф омада ҳар кӯҳ аз гоҳи азал,
Рӯзу шаб, шому саҳаргоҳ посбони Хоруғ аст.
Донаи шабнам ғазал гаштаст дар авроқи гул,
Булбули шайдо саҳаргоҳ шеърхони Хоруғ аст.
Чун нигини пурҷило Хоруғ фурӯзон гаштааст,
Дӯст, боз о, аз қудумат мавҷборон Хоруғ аст.

* * *

Биё, эй дӯст, Хоруғ ҷомаи рангин ба бар дорад,
Чӣ шоми ҷонфазою ҷаннатулмаъво саҳар дорад.
Биё, ҳаштод соли пушти шаҳри мо чӣ рӯҳафзост,
Ки ҳар як шохаи сабзидааш садҳо самар дорад.
Зи ваҳдат то ба истиқлоли кишвар гомҳо бурдем,
Умеди меваро аз равзаи ваҳдат башар дорад.
Нигар, Хоруғ Бадахшонро нигини чалла шуд охир,
Ба дасти ваҳдат ин мардум зафар пушти зафар дорад.
Ба ҷои деҳи кӯчак шаҳри зебо қомат афрохта,
Ки по андар кафи кӯҳу ба пойи моҳ сар дорад.
Биё, Хоруғ туро оғӯш мегирад бародарвор,
Худои хона бар рӯйи бародар боз дар дорад.

## ШАҲРИ БО МАҲ ҲАМНАФАС

Ҳамчу дил дар синаи кӯҳи Бадахшон Хоруғ аст,
Чун гули доимбаҳоре дар гулистон Хоруғ аст.
Дар Бадахшон нест шаҳри дигаре, ай раҳгузор,
Шаҳри якто дар дили ин кӯҳсорон Хоруғ аст.
Аз миёнаш тасмаи дарёӣ дорад шаҳри мо,
Шаҳри якдарёю якроҳи Бадахшон Хоруғ аст.
Мекунад шаб гуфтугӯ бо моҳи шаб дар хилвате,
Шаҳри бо маҳ ҳамнафас дар шомгоҳон Хоруғ аст.
Хандаи маҳтоби шаб резад чу борон бар замин,
Хандаборон бо маҳи шаб дар шабистон Хоруғ аст.
Гар шукуфон хоҳӣ ин дам ғунчаи армони хеш,
Эй раҳӣ, боз о, ки гулзори шукуфон Хоруғ аст.

* * *

Ман саҷда бар хокат кунам, эй Хоруғи зебои ман,
Эй шаҳри бо маҳ ҳамнишин, бо Каҳкашон ҳампои ман.
Хурд аст ҳаҷмат ё калон, гармӣ ту ё ин ки шито,
Ман дӯст медорам туро, эй шаҳри ҷаннатсои ман.
Эй дар кафи кӯҳи баланд финҷони шири орзуй,
Эй шаҳри дар боми ҷаҳон, андар ҷаҳон яктои ман.
Рангин қабо дорӣ ба бар, субҳат кунад гул субҳдам,
Эй шаҳри ман, бо ин ғазал бишнав саҳар овои ман.
Ҳар субҳдам ояд ба гӯш лаҳни фиребои ҳазор,
Дар маҳфили гул бо ҳазор ҳар субҳ бошад ҷои ман.
Набзи ту дорад хуни ман, хуни ту дорад набзи ман,
Сарчашмаи илҳоми ман, шаҳри ғазалдарёи ман.
Боз о, бародар, боз ой, бар шаҳри бо маҳ ҳамсафар,
Эй зиннати кӯҳи баланд, шаҳри ғазалмаъвои ман.

## ХОРУҒИ ЗАХМИН

*(Дар рӯзҳои ноороми̣)*

Эй шаҳри ормон,
Эй Хоруғи ҳамеша мусоҳиб ба осмон,
Эй шомҳо равона ба шаҳроҳи Каҳкашон,
Эй меҳри туст дар дилу дар хуну умқи ҷон.
Эй шаҳри дилнишин,
Олиҳаи замин,
Бинам туро ғамин,
Сар зери остин.

Аз чор бурҷи ту нарасад сӯйи ман салом,
Кас нест оварад зи касе сӯйи ман паём.
Ашку алам аниси мананд рӯз то ба шом,
Хушк аст ин дақиқа забонам маро ба ком.

Эй шаҳри ормон,
Зеботарин ситораи рахшони хокиён.
Эй дар замин ситораю маҳтобро забон,
Хуршедро зи субҳ ба шоми сиёҳ макон.
Боз омадам, чу субҳ саломи маро пазир,
Аз чист,
гаштаӣ ту ба банди алам асир.

Ку гӯшвори шабнамии гул ба бӯстон,
Ку лаҳни андалеб саҳаргоҳ зи гулситон.
Он шабname,ки оинаи барги гул бувад,
Хунинкафан зи хуни шаҳидони навҷавон.

Ҷои садои мурғи саҳар тир мерасад,
Бар бегуноҳу тифлу зану пир мерасад.
Ҳар ҷо зи хуни бегунаҳӣ лола медамад,
Тире зи оҳи халқ ба тадбир мерасад.
Аз чашми моҳ ашки ғамон дона-дона шуд,
Тобути мурғҳои саҳар лона-лона шуд.

Хуршед мегирист паси абри тирафом,
Дар синаҳо сипоҳи алам хона-хона шуд.

Ин ҷодаҳо хамӯшу ғаму оҳ бори мо,
Пӯшидааст ҳар дари гуфтугузори мо.
Ин шаҳр дошт ғулғула аз субҳ то ба шом,
Кас нест ҷуз сиришки алам дар канори мо.

Ё раб, шаби сиёҳ ба субҳи сафо расон,
Парвонаро ба шамъи шабистони мо расон.
Эй кош, ханда бозпас ояд ба хонаҳо,
Ё раб, мадад ба «ёраб»-у дасти дуо расон.

## ОСМОН ТОРИКУ ХОРУҒ ДАР МИЁНИ ОТАШ АСТ

Ваҳм аз шаб зодаю андар камин афтодааст,
Заҳр дар паймонаҳои ангубин афтодааст.
Осмон торику Хоруғ дар миёни оташ аст,
Маҳ гӯё пора-пора бар замин афтодааст.
Чор унсур дар кафи андӯҳ асиру мустаманд,
Эй Худо, андар ватан андӯҳ чунин афтодааст.
Об месӯзад миёни ҷӯю дарёҳою ҳавз,
Рустами армонӣ аз болои зин афтодааст.
Оташ андар коми оташ бегумон оташ гирифт,
Раъша андар пайкари чархи барин афтодааст.
Хок месӯзад ба зери пою мирад ҳар замон,
Оҳу шеван дар ясору дар ямин афтодааст.
Болу пар бикшода аз он дуриҳо мурғи ҳумо,
Дар миён аммо ҳавои оташин афтодааст.
Эй Худо, лутфи худовандӣ ба сӯйи мо фирист,
Гӯйӣ ин ҷо чашми Иблиси лаъин афтодааст.

Ғубори нури маҳ резад шабон бар домани Хоруғ,
Сафед омад чу моҳи осмон пироҳани Хоруғ.
Миёни булбулу гул сабз гардад ғунчаи армон,
Ба барги гул ғазал рӯяд саҳар дар гулшани Хоруғ.
Зи килки боди нарми субҳгоҳ ҳар лаҳза мерезад
Ғазалбӯса ба барги гул ба субҳи равшани Хоруғ.
Гулистон аз ҳазорон ранги гул боғи биҳиштӣ шуд,
Зи нури рӯйи гул партав гирифта гулшани Хоруғ.
Биё, бар ин гулистони биҳиштию биҳиштӣ шав,
Биё, равшан шавад рӯзат зи рӯзи равшани Хоруғ.

## СУБҲИ ХОРУҒ ДЕР ОМАД

Субҳро чун одати деринаам,
Бо дили бекинаам
Боз будам интизор,
Субҳро бо чашми чор.
То бурун ояд зи торикию пушти кӯҳсор,
Вақтро кардам шумор.
Субҳ дер омад дар ин субҳ,
Сар ба зер омад дар ин субҳ.
Ҷои шабнам найзаи мижгони субҳ
Хунчакону дидагирён буд субҳ,
Мурғҳо дар шохаҳои субҳ нолон буд субҳ.

Панҷаҳои субҳ рангин буд аз хун,
Офтоб аз осмон бо ресмон буд вожгун.
Субҳ захмин буду ҳамчун захмхӯрда мехазид,
Хуни ғам аз синаи субҳ мечакид.
Субҳ хунин буд ин субҳ,
Субҳ нангин буд ин субҳ.

## НИЁИШИ ЗАМИН

*(Хок таҳаммулпазир аст. Аммо вақте ки хуни инсон дар он мерезад, ки офарида аз вуҷуди хок аст, оҳу фиғон мекунад)*

Замини бекаронам,
лек андар дидаи камбини ту танҳо кафи хокам,
Аё инсон,
Ман аз анфоси меҳрат шодаму
аз сардии меҳри ту ғамнокам.

Туӣ рӯида аз паҳлуи ман, инсони олам, ҳамчу фарзандам,
Туӣ аз ибтидо то интиҳо дар домани ман ҳамчу пайвандам.

Аё парвардаи дастону домонам,
Аё пайванд бо банди муҳаббат бар тану ҷонам.
Ту рӯйи синаам по мон,
Қадам дар рӯйи дастони мани модар ту барҷо мон.
Зи ангуштони дастонам
ба зӯри панҷаи дастони худ имдод мегирӣ,
Ту бо ман зиндагиро ёд мегирӣ.
Гаҳе афтию бардорам,
Ту дар хобию бедорам,
Туро домони ман маҳд асту
ман чун модари меҳрофару шабзиндадорам,
Ба уммеде, ки ай инсон, дар ин олам ба домонам туро дорам.

Ту механдию механдам,
Ту мегирйию дар бандам.
Агар дар доманам хуни ту резонанд, ай фарзанд,
Вуҷудамро бипечад дарди сахте банд андар банд.

Ки хуни пайкари ман рехт дар домони ман, фарёд,
Аз ин захми тани пайванди ман эй вою садҳо дод.
Ниҳоди хокиам аз қатраи ин хуни пайвандам
Зи сар то пой месӯзад,

Суруру шодиро аз синаи ман пок мешӯяд,
Гули ҳасрат маро аз синаҳои чок-чоки хунчакон
ҳар субҳ мерӯяд.

Худоё, илтиҷо дорам, ки борони латофат сӯйи ман резон
Ба ҳаққи манъи хуни бегуноҳиҳои як инсон.

Дуои хок боло шуд,
Ба болоҳои воло шуд.
Дуо шуд мустаҷоби Ҳақ зи сӯйи хок,
Дуои пок
Ва он дам манъ шуд, ай одамизод,
хуни инсон рехтан дар хок!
Ту, эй инсон,
Ту, эй олитарин эҷоди дунёофари Яздон,
Ба дуриҳо рав аз ин ҳиллаи шайтон.

Ту ай инсони тинатпок,
Макун аз хуни мо ин хоки пурхунро дигар ғамнок,
Нарезон хуни инсон – хуни фарзанди замин дар хок.

Гурезон бош аз ин фитнаи бар мо зи гоҳи ғорҳо монда,
Марезон хуни инсони зи ҷаннат рондаю монда!

## ЗАБОНИ ТАЙРУ ВАҲШИ ГОҲРО КАШШОФ БОЯД БУД

*(Бардошт аз ёддошти як олим)*

*(Муҳаққиқе мори ба китоби сурх воридшударо меҷуст ва ҳар бегоҳ тадқиқоти худро сари мизчае хулоса мекард. Як бегоҳ болои сараш паррандае пайдо шуда, зуд-зуд садои тааҷҷубомез мебаровард. Мард гумон кард, ки дар ин наздикиҳо шояд инсоне бошад ва бо умеди мушоҳидаи кор мизчаро ғундошта, дарёчаро убур карда, нав ба он тараф гузашт, ки теппача якбора канда шуда, ҷои «кориш» мардро пур кард. Мурғ бори дигар садо бароварда, аз назар ғоиб шуд)*

Ҳарчи аз таҳқиқ мекард мард кишт,
Дар нигоҳи заррабинаш он гуворо буд ё андомзишт,
Рӯйи коғаз менавишт,
Кори таҳқиқ буд ӯро бадрақа аз сарнавишт.
Буд море,
дар китоби сурх сабти ном буд,
Дар масири илм аммо солҳо гумном буд.
Солҳо ин мард меҷусташ варо чун тухми анқо
Дар фарозу тангнои Африқо.
Дар буни як теппае, дар рӯйи миз
Ҳосили якрӯзаро бо сӯзани тадқиқ ҷамъ оварда,
мекард ӯ ҷудо ночиз аз чиз.

Ногаҳон мурғе падид омад чу тир,
Аз ясору аз ямин мезад сафир.
Мард гуфто: бошад ин ҷо раҳгузар?!
Охир, ин ҷо манзили касногузар.
Кош, бошад одамӣ, то бинамаш,
Донаи танҳоӣ аз рӯ чинамаш.

Хест, сӯйи дигаре иқдом кард,
Гӯиё худро раҳо аз ҳалқаҳои дом кард.
Завраќи андоми пир

Зери ҳар лаҳза сафир
Аз миёни оби як дарёча шуд сӯйи канор,
То бубинад чеҳраи як раҳгузор.

Теппа ногаҳ шуд нишеб аз он фароз
Бо садои ҷонгудоз.
Он маконе, ки алъон буд марди илмро чун соябон,
Канда гардид аз макон.
Мурғ пайдо шуд, ба лаб оҳанги пурасрору роз,
Боз кард овоз оғоз.
Зад сафири охирин,
Паҳн шуд марди муҳаққиқро аз ин кашфи наваш
он лаҳза саҳрои ҷабин.

Ғӯта зад дар қалби дарёи тафаккур,
Дар дили дарёи пиндоре чу дурр.
Боди фикр андар фазои равзаи андеша ҷунбид,
Гулшани андешаи он мард хандид:

Одамӣ то осмонҳо шуд баланд,
Каҳкашонро кард дар банд,
Лек
лафзи ваҳшу тайри ин замин н-омӯхта монд,
То кунун лабҳои ин дурҷи гаронарзиш миёни
мову моҳо дӯхта монд.
Сад муаммои замину осмон пӯшида монд,
Чанду чандин шаҳди финҷони ҷаҳони пур зи асрор,
Зери ин гардуни даввор
Ночашида, дуру нонӯшида монд.
Солҳо бо ваҳшу тайри аҳди худ
Зери гардуни кабуд
Дар муҳити безабонӣ зистем,
Ин қадар беэътино бар зиндагӣ аз чистем!

Одамӣ, афсӯс аз мо,
Аз ҷудоиҳои бо ҳамбуди якумрии мо!

## СУХАН ДАР ШЕЪРИ Ӯ ВАЗНИ ЗАМИН ДОРАД

*(Ба Шоири халқии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат)*

Ҷаҳон ларзид,
Замин ҷунбид,
Замон аз торами Курговади кӯчак башорат дод, бал хандид.

Зи гардун бар фарози олами сарвода
ин дам нури машъал рехт,
Ба чашми сарвари шеъри куҳан
бар дидаҳои Рӯдакӣ он нур аввал рехт.

Самои шеър равшан шуд,
Ҷаҳони шеър гулшан шуд.

Ба дунё тифли шеър омад, балки
ҷони нав бар шеър аз сӯйи сипеҳр омад.
Ба гулзори чакома булбули сарвода ҳамчун пайки меҳр омад.
Замину осмон Омину Омин шуд,
Чу субҳи рӯзи Наврӯзи Аҷам
гулзори шеъри ноб рангин шуд.
Атои эзидӣ бо исми Мӯъмин бар замин омад,
Амонатро Худо андар замини худ амин омад.

Ҷаҳони шеърро бо шеъри худ шероза овард ӯ,
Гулистони ҷаҳони шеърро
ранге ба рӯйи шаҳпари сарвода овард ӯ.

Агар ҷое гулистони чакома зард буда, сабз шуд охир,
Раги шарёни шеъри ноби моро хуни нав дар набз шуд охир.
Сухан дар шеъри ӯ вазни замин дорад,
Ҳама каррубиён бар қудрати шеърофаринаш
аҳсан аз чархи барин дорад.

Қаноат ёфт аз шеъри ҷаҳонгири Қаноат мулки сарвода,
Ҳазорат офарин, эй Мӯъмини шоир, ба ин лутфи худодода.

Саропо шеъри волой,
Ту бо ин шеъри худ дар минбари эҷод болотар зи болой.

Туй дар мулки шеъри пок пайғамбар,
Зиҳӣ андар замини шеър
бо илҳоми сеҳромезу сафҳоти суханхезу
ҳуруфи мушкбезу хомаю дафтар.

Аё, эй Холиқи инсон,
Аё, Парвардигор, эй бесутун дорандаи ин чархи гардон.
Ту шоирро нигаҳ дорӣ барои насли инсонҳо,
Нигаҳ дорӣ ту шеъри ҷонфазояшро барои
рӯшании хиттаи ҷонҳо.
Аё Мӯъмин,
Аё , эй шоири андешарангин.
Зиҳӣ, то дар само маҳпорае ҳаст,
Зиҳӣ, то дар фазо исторае ҳаст.

Зиҳӣ то фурсате, ки ин ҷаҳон андар замон боқию
дар маҳфил сухан соқист,
Ҷаҳон то ҷовидон ҷовиду Мӯъминшоҳи шоир
дар ҷаҳони ҷовидон боқист!

## ОВОЗИ ҶОНБАХШ

*(Ба ҳофизи асилу зиндаёд Султонназар Саидназаров)*

Ӯ подшаҳи кишвари зебои ҳунар буд,
Андар садафи поки ҳунар ҳамчу гуҳар буд.
Ӯ кист, ки бишкаст ба нури ҳунараш шом,
Мироби сухангулшану Султони Назар буд.
Аз лаҳни фиребои рубобаш ба Сурайё
Дар кохи париёни самовот асар буд.
Овози хушаш ҳадя зи алтофи Худо аст,
Ҳамчун найи Румии сухан пур зи шарар буд.
Маънӣ ба садо баставу ҳар тор сухан дошт,
Лаҳни дилаки найшакари тор шакар буд.
Боғи дилаш аз меҳргиёҳ сабз шуд охир,
Аз равзаи одамгарӣ гӯйӣ ки самар буд.
Аз сар ба қадам гӯйӣ ки андоми рубобаш
Ганҷинаи пурганҷ зи ашъори башар буд.
Ӯ сафҳаи шеърест, ки пур гашта зи ҳикмат,
Чун шамъи фурӯзони шабон то ба саҳар буд.
Ӯ нест, вале бӯйи гул аз боғ нишон аст,
Ӯ боли сухан, қуввати тан, ҷони ҳунар буд.

## БАРОИ «КОРВОНИ КИТОБ-2014»

Эй сорбон, чӣ бор туро рӯйи маҳмил аст,
Ин корвон зи мулки кадом шоҳи хушгил аст.
Ин корвон зи пушти тиҷорат ба роҳ нест,
Бораш китобу ақл аз он бор комил аст.
Борест, к-аз хизонаи Қорун бувад баланд,
Ороиши саҳифаи аҳбоби маҳфил аст.
Марди раҳӣ, китоб чу раҳтӯша боядат,
То кохи бегазанди хирад сад мароҳил аст.
Гар бошадат китоб туро бадрақа ба умр,
Ҳар як муроди поки ту з-ин рӯй ҳосил аст.
Бар дури аз китоб яқин мерасад газанд,
Сад силӣ дам ба дам ба тани санги соҳил аст.
Эй он мусофире, ки туӣ мӯътақид ба илм,
Роҳи умеду васлати ту сӯйи манзил аст.
Он корвон, ки маҳмили он аст пуркитоб,
Бастан раҳаш ба раҳзани саҳро чӣ мушкил аст.
Соҳибдилон китоб гиромӣ шумурдаанд,
Рӯ бар китоб кун, ки фурӯзон аз он дил аст.

## ОСМОНИ СУБҲДАМ ПОСУХ НАДОШТ

Субгоҳ дарвозаи рӯзи нав асту рӯзгор,
Боз омад бар дару дарвозаи рӯзи баҳор.
Даст зад бар ҳалқаи дарвозаи боғи саҳар,
Бонг зад, ки омадам аз пушти шоми ин диёр.
Гул садо дод, ин чӣ найранг аст дар ин субҳдам,
Шӯълаафрӯзӣ шуда дар маҳфили мо субҳ кам.
Аз чӣ заъфоин шуда гулзор дар лабҳои субҳ,
Рангу рангинӣ дар ин гулзор мебинад адам.
Гуфт гул бо осмони субҳгоҳ бо сад алам,
Аз куҷо омад маро ин ранҷу андӯҳу ситам.
Шабнами худро намудам гум, аё субҳи сафед,
Нест дар ҳар панҷ баргам нақши обу нақши нам.
Осмони субҳгоҳро хира нури дида буд,
З-он ки дар анвори хуршеди саҳар печида буд.
Гашта холӣ осмони субҳ аз исторaҳо,
Донаи исторaҳоро мурғи рӯзон чида буд.
Мӯҳр бар лаб, буд сокит осмони субҳгоҳ,
З-он ки холӣ буд оғӯшаш зи ахтарҳову моҳ.
Осмони субҳдам бар оҳи гул посух надошт,
Дошт бар лаб осмони субҳ аз ғам доғи оҳ.

## ДАР ХАЁЛАМ САБЗ ШУД АНДЕШАЕ

Сабз шуд андешае андар хаёл
Будаам андар хаёлам рӯи бол.
Шаб парешон карда хони хешро,
Равшаниро аз чӣ омад ин завол?!

Нони моҳи хони он шаб пора буд,
Рӯйи хонаш кулчаи истора буд.
Аз карона то карони осмон
Моҳи шабрав то саҳар овора буд.
Дар миёни сими хори тирафом
Гӯиё афтодаам дар чанги дом.
Зулмати шаб даҳшатамро мефузуд,
Осмонҳоро расидам то ба бом.

Дида ман исторазори осмон,
Чашмакӣ доранд сӯям ахтарон.
Шом торик асту роҳам ноаён,
Эй Худо, то охири роҳам расон.

Кош, як историе аз ин миён,
Аз миёни ахтарони Каҳкашон
Раҳнамои ман шавад дар рӯзгор,
Дар дили шабҳои тори бекарон.

## ДУР БОДО НАШЪА АЗ ХОКИ ВАТАН

Нигаҳ дор, эй ҷавон, аз боди ғам боғи ҷавониро,
Ки дорад нашъа дар доман хазони зиндагониро.
Гаронсангии нашъа бенизомии вуҷудат дод,
Нахоҳам дидани заъфи тану қадди камониро.
Чӣ боғ аст ин, ки месабзад дар он марги сафеди умр,
Худоё, кам кунӣ боре ту музди боғбониро.
Сияҳдуд аст нашъа дар миёни чор девори сафеди мо,
Барад аз хонадон назми ҳаёту ҳам амониро.
Ҷавон дар доми нашъа сайди аз озодӣ навмед аст,
Кушад дар хештан, афсӯс, армони ҷавониро.
Чу бинӣ, навҷавоне, дар ниҳодаш пири фартут аст,
Дар ин боғи ҷавонӣ ҳукмрон боди хазонӣ аст.
Марав аз пушти ин шайтон дигар, баргард сӯи мо,
Ки даврони шукуфтанҳову айшу комронӣ аст.
Марав андар ҷавонӣ, додарам, дар кисвати пирӣ,
Ҷавонӣ кун, ҷавонӣ, эй ҷавон, аҳди ҷавонӣ аст!

## ДАСТИ ДУОИ МОДАР

Дасти пур аз саховат дасти дуои модар,
Фарзандро саодат дасти дуои модар.
Чун шамъи равшаноро дар гирудори дунё
Моро кунад ҳидоят дасти дуои модар.
Роҳе ба сӯи дилҳо, роҳе ба сӯи уқбо
Равшан кунад бароят дасти дуои модар.
Гар ранҷ оядат пеш, аз модарон дуо гир,
Моро диҳад шифоат дасти дуои модар.
Дар тӯли зиндагонӣ мебахшадат раҳоӣ
Аз домҳои даҳшат дасти дуои модар.
Зери қудуми модар бинҳодаанд ҷаннат,
Шамъест сӯйи ҷаннат дасти дуои модар.
Ин дасти поки модар бо лутф бӯсаҳо кун,
Доруву ҳам давоят дасти дуои модар.

## БЕБАҲОСТ МОДАР

Дар рӯзгори фарзанд бас бебаҳост модар,
Сӯйи фалак шабу рӯз андар дуост модар.
Гар тифл дар дили шаб ногаҳ ба гиря ояд,
Хуни ҷигар шабона аз гиряҳост модар.
Дарде агар бипечад бар тору пуди кӯдак,
Дар кашмакаш ба зидди ҳар як балост модар.
То тифли саркаши маҳд боре ғунуда бошад,
Бо лаҳни дилкаши худ дар аллаҳост модар.
Аз шом то дари субҳ бедор дар сари маҳд,
Гӯйӣ ки ҳамнишини моҳи самост модар.
Бар рӯйи дидаи худ бояд гирифт модар,
Зеро барои фарзанд бас ҷонфидост модар.

## МУБОРАК

Биҳиштӣ модарам, тахтат муборак,
Туро бар тахт ин ҷашнат муборак.
Бувад давлат туро хушбахтии мо,
Туро фарзанди хушбахтат муборак.

## ҶАҲОНИ МАН

Аё модар, ҷаҳони ман ту бошӣ,
Маҳе дар осмони ман ту бошӣ.

Дар ин дунё, ки бо мо асту бе мо,
Ҷаҳони ҷовидони ман ту бошӣ.

Ба мӯят барф ранги хеш дода,
Ҳама ранги замони ман ту бошӣ.

Ба уммеде зияд ҳар фарди олам,
Умеду ормони ман ту бошӣ.

Агар фарзанд нури чашм бошад,
Ба тан нерӯи ҷони ман ту бошӣ.

Набошам аз касе чизе талабгор,
Хушо, ки ҳастибони ман ту бошӣ.

## ҚАДРИ МОДАР

Ҷашни модар бо баҳорон мерасад,
Мурғи шодӣ болафшон мерасад.
Ай бародар, хок шав дар пойи ӯ,
Бар ту нуру фарру имон мерасад.
Бар асо бор аст бори қоматаш,
Бо қади хам модари ҷон мерасад.
Ҷонфидоӣ расми модарҳои мост,
Ҷонфидоӣ кай зи моён мерасад.
Қомати хам, хаста, бенур аст чашм,
Бо қади пурзаъфу ларзон мерасад.
Қадри модарро ба минбарҳо расон,
Бар ту пайғом аз париён мерасад.

## ҚАДАМҲОЯТ БА РӮЙИ ДИДАИ МОСТ

Ҷаннат агар фитод ба пойи ту, модарам,
Рӯйи ду чашми хеш қудуми ту мебарам.
Гар қомати баланди ту хам гашт оқибат,
Монандаи асост туро дасту пайкарам.
Бенур гашта чашми ту гар аз шамоли рӯз,
Ҷои ду чашми туст ду чашми дилу сарам.
Рӯйи замин қудуми ту ноустувор шуд,
Барнеҳ қадам ту бар чамани дидаи тарам.
Ларзон ду дасту пойи ту шуд оқибат, дареғ,
Ларзон ба дидаҳои тарам хонаву дарам.
Ҳарфат гиреҳ –гиреҳ шуда дар коми хушки ту,
Хонӣ дуо, ба ҳар кӣ дуои ту мебарам.
Дасти дуо барои ниёиш кунам баланд,
То бошӣ, ай умеди писар, зинда бар сарам.

## НИГИНИ ЧАЛЛАИ УМР

Зиҳӣ, ай модари меҳрофаринам,
Ба рӯйи чаллаи умрам нигинам.
Тамоми ҳастиам бо туст пайванд,
Туӣ хуршеду моҳ андар заминам.
Зи ту равшан шуда пайроҳаи умр,
Ту машъал дар ясору дар яминам.
Ба гӯшам мерасад лаҳни лалаик,
Суруди аввалину охиринам.
Агар боғи ҳаётам аст пуршаҳд,
Туӣ дар боғи умрам ангубинам.
Ба дунё то замоне ҳастию ҳаст
Ба рӯйи нақши пои ту ҷабинам.

## ҚАТРАИ БОРОН ВА ЁСУМАН

Тираабре хайма зад дар боми субҳ,
Дар баландии баландиҳои субҳ.
Хам шуда абри сиёҳро пушт-пушт аз машки об,
То расонад бар садоҳои замини сӯхта ҳамчун ҷавоб,
Ё ки чун бори савоб.

Пушти Рахши осмонӣ абру пушташ машки об,
Аз алафҳои замин ояд садоҳо: Об, об!

Қатра-қатра шуд фурӯ тори гиёҳҳои замини субҳгоҳ,
Рӯйи сангу рӯйи роҳ.

Қатрае омад ба сӯйи ёсуман,
Карда баргашро барои хештан он гаҳ ватан.

Қатра наҷво кард сӯйи ёсуман:
Ҳифз кун ин қатраамро дар ватан!

Ҳифз кун онро барои ҷовидон,
Ман дигар н-оям зи кохи осмон.

Ёсуман бишнуду ларзиду хамид,
Раъша дар ҷонаш дамид,
Оҳи оташзо ба андомаш ту гӯйӣ моросо мехазид.

Ёсуман гуфто: Дареғо, сад дареғ,
Дасти маргам дар гулӯям монда теғ.
Оҳ берун шуд зи коми ёсуман,
Хандаи яклаҳза печонид онро чун кафан.
Даргирифт он қатра рӯй ҷисми беҷон дар чаман,
Ҷовидонӣ дар либоси хоб рафта ёсуман!

## ЧӮБ ВА ОТАШ

Чӯбаке оташ гирифта шомгоҳ,
Рӯшанӣ андохт бар акноф чун анвори моҳ.
Мезанад оташ забона дар фазоҳои шабона,
Чарс-чарс ояд садо аз ҳар забона.

Шӯъла ҳамчун шохи ашҷар
То ба гардун мекашад сар.
Мешукуфт он чӯб гӯё дар дили гулхан даме
Тора-тора, печ дар печу хаме андар хаме.

Равшанӣ медод андомаш ба шаш атрофи шом,
Хирси торикӣ фитод онро ба дом.

Ногаҳ омад бар забон он чӯби оташдарбадан,
Ин шукуфоӣ, ки мебинӣ, маро гашта кафан.

Ин шукуфоӣ муҷаллал аст, аммо ханда нест,
Умри кӯтоҳи маро доранда нест.

Хандаи оташ бароям мотам аст,
Шеъри оташ зиндагиамро ғам аст.

Ин шукуфоии равшан парчами марги ман аст,
Шамъи рӯйи гӯри ҳастии ману барги ман аст.

## МО ФАҚАТ КУШТЕМ ВАҲШУ ТАЙРРО ДАР ҲАР ҚАДАМ

Даври пеши пеш буд,
Дур буд, наздик буд, бегона буд ё хеш буд.
Ҳар кӣ буду ҳар чӣ буд,
Хидмате буда ба дунёи башар дар олами мо беҳудуд.
Ром карда ваҳшу тайри аҳди худ пешиниён,
То мададгорӣ кунанд бар насли инсон дар масофи рӯзгорон.

Мо чӣ кардем баъди онон,
Мо ба ваҳшу тайри аҳди худ киёнем,
Ваҳшфеълу ҷангиёнем.
Кушта-кушта нест шуд бо дасти мо ҳайвону тайр,
Куштаҳо шуд пушта-пушта аз дами теғи башар,
на аз газанди зӯри ғайр.
То самоҳо рафта дидем,
То фарози моҳи гардунҳо давидем.
То ки тадбире бичӯем
баҳри тӯфону заминҷунбию оламсӯзҳо,
Маҳв гардонем офатҳои зулматрӯзҳо.
Лаҳзае бар лаҳни ҳассоси хурӯсу аспу саг
Гӯш кай додем, к-онон пештар огаҳ шуда аз мо
зи ҳар ларзидани дунёву онро ҷисму раг.
Ром карданд аҳли пешин
Ҳам вуҳушу тайрро андар замин.
Мо фақат куштем ваҳшу тайрро дар ҳар қадам,
Ром на, мо ваҳшу тайри аҳди худро дода бар коми адам.

## АЗ ШАРАНГ ШАҲД МЕРӮЯД

Ту, эй абри сиёҳи навбаҳорӣ,
Чӣ нерӯе дар ин андом дорӣ.
Ҳабашосо сиёҳрангию пурбимию даҳшат,
Ба сони лашкари Чингиз пур аз ғавғою аз ваҳшат.
Ту зиштӣ дар нигоҳи чашми бино,
Чу ёри душманаъмоле, ки андар дидаи Сино.
Шигифто! З-ин ҳама зиштӣ бирӯяд
Гул андар боғ, то булбул ба он гул рози худ гӯяд,
Ки то гул чеҳраро дар он бишӯяд.
Чакад аз чашми ту, абри сиёҳ, дурдонаи об,
Ту аз чашмони бад пӯшӣ рухи маҳтоб.
Зи абри тирарӯ бо лутфи хуршед
Бихандад гул ба саҳро чеҳраиспед.

Дареғо! Гоҳ аз абри сафедасл,
Чакад заҳроб бар фарқи ҳама фасл.
Гулистони саҳар бе ханда монад,
На гул рӯяд, на булбул зинда монад.

Зи занбӯри асал дарсе биёмӯз,
Ки бошад зиндагиаш шаҳкитоби пандомӯз.
Ба як пайкар ду хӯша мешавад бор,
Яке пур аз шарангу дигареро шаҳд бошад бор.
Яке нешу дигар нӯш аст онро дар раги андом,
Чӣ дарсе ин ҷаҳонро додааст мом,
Гаҳе аз зиштӣ ҳосил мешавад ком.

## ТУ ЧӢ ҲАДЯИ ХУДОӢ

Ту чӣ ҳадяи Худойӣ,
Ту зи ҷамъию ҷудойӣ.
Ба диёри ишқу ошиқ
Ту маризу ҳам давойӣ.

Ту фариштаи заминӣ,
Ту биҳишти ошиқонӣ.
Ту маро фасона кардӣ
Ба диёри навҷавонӣ.

Гулу боғи зиндагонӣ
Зи ту нақшу ранг доранд.
Ҳама ҷо сипоҳи ушшоқ
Ба бағал чӣ санг доранд.

Чу кабӯтари муҳаббат
Ту марав ба боми ағёр.
Ту биё, ба боми ман шин,
Ки диле туро харидор.

## ЭЙ МОҲ, ТУ АФРӮЗ ШАБИ КИШВАРРО

Аз партави субҳ ниҳоди шаб меларзид,
Гӯё ки сари шаби сиёҳ мечархид.
Омад шунаҳ, печида ба андоми замин
Аз чархи барин.
Зулмот зи рухсори само кард фирор,
Гӯё шаби тира ҷома барбаст чу бор.
Як ахтари субҳ чашмакӣ дошт саҳар
Аз гӯшаи осмони холӣ зи шарар.
Ё ашки шаб аз дидаи маҳ буд нишон,
Аз чашми ситора ин саҳар буд аён.
Эй моҳ, ту афрӯз шаби кишварро,
Эй субҳ, макуш ту охирин ахтарро!

## ТУ, ЭЙ РӮБОҲ

Ту, эй рӯбоҳ, бадкирдор рӯбоҳ,
Чаро ҳар лаҳза афтонӣ якеро андаруни чоҳ,
Чаро доранд аз дасти ту доду вою вою оҳ.
Чӣ дорӣ дар сиришти хеш,
Чаро дилро намоӣ реш,
Ба ҷои нӯш дар дасти ту доим сабз бошад неш.

Ниҳоди ту фиребу макру фанд аст,
Фиребу макр дар андоми ту чун хун равона банд
дар банд аст.

Бигуфто: Гург дарронад ба ҳар ҷое, ки бинад меш,
Бидонӣ, муш медуздад, барад ҳар он чи меёбад,
ба хони хеш.
Саҳаргоҳ мурғи боғ аз шавқи ишқи гул шавад дилреш,
Яқин донам, ки дуздӣ баҳри ман аз ҳарчи бошад пеш.

## АССАЛОМ, АЙ ЧАШМАИ АВҶ

Ассалом, ай чашмаи поку зулолу зиндагонизои Авҷ,
Қатра-қатра мезанӣ ту мавҷ бар болои мавҷ.
Ассалом, ай ошно, ай оби пок,
Ассалом, ай хонаи ин оби пок, ай хок!
Ай чу Сино мардумони дардро доим даво,
Чун «Шифо» бо оби худ бахшӣ маризонро шифо.
Ман замоне меғунудам дар канори нарми ту,
Ҳар замоне мефузудам дар миёни ҳалқаи
дастони поку гарми ту.

Ман ба шаҳри навҷавонӣ зиндагонӣ доштам,
Беҳтарини зиндагонӣ бо ҷавонӣ доштам.
Оламе дар олами ту кашф мешуд ҳар замон,
Ту ҷавон будию ман бо ту ҷавонӣ доштам.

Кӯр шуд чашмони чандин соли умрам, водареғ,
Рафт чандин ахтари умри ҷавонам пушти меғ.
Ку дигар сӯҳбат ба зери нури шоми моҳтобӣ,
Ку дигар сӯҳбат зи ишқи он парии поки обӣ.

Омадам, ай ошно, ай ёри ҷонии ҷавонӣ,
Омадам пеши ту, аммо бе ҷавонӣ.
Омадам, ай чашмаи дерошно,
Мешиносӣ ту магар онро, ки будат солҳое ошно.
Омадам, то ошноро хидмате аз ҷон кунӣ,
Омадам, то дардро дармон кунӣ!

Бар дави аспи ҳавасҳо санги раҳ бошад чу сад,
Ин ҳама ошӯбро барпо кунад сели ҳасад.
Болу пар бахшад ба товус дар биёбон сарварӣ,
Бим дорад мурғи товус аз ҳарисиҳои дад.
Гарчи сахтӣ пеши мардум аз сифоти оҳан аст,
Ин сифатро мекунад з-оҳан ҳаме зангор рад.
Тирарӯзӣ мекашад оина аз дасти ғубор,
Сарвро силӣ расад бо дасти бод аз баҳри қад.
Ҳамчу мижгон мепарам дар хонаи худ солҳо,
Силиҳо хӯрдам чу санги сарди соҳил беадад.

## ШИКВАИ ДӮСТ

Яке хонад чунинам, дигаре гӯяд чунон аст ӯ,
Яке гӯяд маро тиру дигар гӯяд камон аст ӯ.
Яке гӯяд маро хокӣ, дигар хокистарам хонад,
Яке баҳри дамонам хонаду дигар барам хонад.

Маро хонад яке гавҳар ба дарё,
Яке гӯяд маро дунё.
Яке хонад маро дар рӯйи дарё хас,
Яке донад маро болотар аз кас,
Яке гӯяд маро чун моҳу ахтар дастнорас.
Аз ин бардорузанҳо ман ба фарёдам,
Гаҳе ҳамчун гули сустбарг ман дар банди ғамбодам,
Гаҳе бо дӯстон шодам.

Ба номи ростӣ шуд аз азал бунёд бунёдам,
Ба номи Ҳақ, макан дигар ту бунёдам.
Чу ту ман одамизодам,
Насаб омад маро аз пушти Одам.

Худованде, ки халқам карда, доно аст бар олам,
Маро ҳам офарида мисли ту дар олами худ
ҳамчу як одам.

Бидон, ай кас,
Маро беҳтар зи ман кай мешиносад кас.

## МАРДИ НЕКСИРИШТ

*(Ба ёди ходими давлатӣ Мамадшоев Шоҳнеъматулло)*

Марди асилу марди хирад, марди рӯзгор,
Дар олами сиёсати мо буд шаҳриёр.
Андар сироти зиндагӣ кач по намонда буд,
Ӯро ба рӯзгор чунин будааст шиор.

Ҷон дар кафу алайҳи касифӣ ба разм буд,
Марде чу об пок, на аз аҳли базм буд.
Ҳар ҷо ба ёди хоки ватан ҷони зинда дошт,
З-ин рӯ тамоми кор батартибу назм буд.

Армони ӯ ба даҳр беҳин рӯзгор буд,
Ӯ дар талоши равнақи рӯзи диёр буд.
Оғози кору оқибаташ бобарор буд,
Ӯро сипар инояти Парвардигор буд.

Охир ба банди марг гирифтор одамист,
Пеши аҷал забуну гаронбор одамист.
Аз одамӣ аҷал набарад ному обрӯй,
Бо ному обрӯй гуҳарбор одамист.

Ӯ зиндаи ватан буда, ҳамроҳи мардум аст,
Рӯсурх ҳамчу мавҷаи дарёи қулзум аст.
Номи накӯй мебарад ӯро ба ҷовидон,
То он даме ки хони само пур зи анҷум аст!

## БОРГОҲИ ИЛМ

*(Бахшида ба ташкилшавии Донишгоҳи давлатии Хоруғ)*

Дар дили ин кӯҳсорон,
Дар макони пур зи таърихе, ки монда ёдгор аз ориён.
Дар диёри бостон,
Дар диёре, ки бувад он ҳамнафас шабҳо ба моҳи осмон,
Розгӯ дар рӯзгорон гашт бо хуршеди тобон.
Ҳамнишин бо Каҳкашон,
бо хайли ахтарҳои кайҳон,
Дар Бадахшон.
Дар Бадахшон,
Дар баландии баланди кӯҳсорон,
Дар гузаргоҳи ғизолон
Боргоҳи илми тоҷик
Бо ҳазорон нуриёни осмони мост наздик,
Шуд бино,
Партавафшон шуд давон нури муҷалло.

Гӯиё шуд шӯълае партафишон
Чун ливои илм дар Боми Ҷаҳон.
Ғунчаи армони мардум гашт хандон
Дар фарози шонаҳои кӯҳсорон.
Мондагор ҳамчун дирафши Ковиён
Дар ҳавои парчами номусу нанги Тоҷикистон.

Носири Хусрав ба Юмгони Бадахшон зинда монд,
Чашмаеро баъди худ бар ташнагон поянда монд.
Баъди Носир бахти нав бо дасти истиқлолият
Кохи дониш дар Бадахшон рӯшану тобанда монд.

Дар Бадахшон равзае аз равзане шуд хандабор,
Шохаи илму хирад аз меваҳо шуд шаҳдбор.
Рӯҳи Фирдавсию Сино, рӯҳи поки Мавлавӣ,
Шод шуд дар пайкари “Шоҳнома”-ю андар
“Шифо”-ю “Маснавӣ”.

Рӯҳи Носир, Рӯдакию Гегелу Ҷомию Саъдӣ,
Оқилони қарни баъдӣ
Рӯҳи Айнӣ, рӯҳи Нусрат, рӯҳи Моёншои олим,
рӯҳӣ Турсунзода шоир
Сабз ин ҷо аст бо арвоҳи Бобоҷону Шоҳтемур,
ки шуд ӯ бегунаҳ дар коми тир.

Кохи илму маърифат андар кафи кӯҳҳои сар бар осмон,
Дар Бадахшон бо тамоми Тоҷикистон
Зинда бод.
Қарнҳо то қарнҳо поянда бод.

## БОЗОРИ ҲУНАР

*(Ба ёди ҳунарманди асил Бозор Худоназаров)*

Омадан бо рафтан аст инсонро дар рӯзгор,
Инчунин будасту бошад ин ҷаҳонро расму кор.
Гуфт пеш аз марг Искандар ба ёрон ҳикмате:
Дасти холӣ меравам аз ин ҷаҳони фитнакор.

Меравад рӯзе аз ин дунё агар марди ҳунар,
Пеши маргаш ҳеҷ тадбире намеёбад башар.
Оре, оре, нест тадбире аҷалро дар ҷаҳон,
Сахт бошад баҳри инсон рафтани марди ҳунар.

Ҳусн мебахшид маҳфилро ба лаҳни соз ӯ,
Кард бозори ҳунарро дар Бадахшон боз ӯ.
Номи Бозори ҳунар дар Ванҷу Ишкошим ҷалист,
Зинда бо Шуғнону Рӯшон асту бо Дарвоз ӯ.

Гар ба дунёи ҳунар инак, худои хона нест,
Гарчи Бозори ҳунар ҳозир дар ин кошона нест.
Лаҳни шевои рубобаш сурати овози ӯст,
Бода гар имрӯз андар соғару паймона нест.

Номи ӯ пули ҳунар то соҳили оянда аст,
Олами фарҳанги аҷдодӣ ба номаш зинда аст.
Эй, намирад марди доною ҳунар дар рӯзгор,
То ҷаҳон боқист, Бозори ҳунар поянда аст!

## ҶАҲОН ГИРИСТ

*(Ба ёди донишманди тоҷик Абдувалӣ Давронов)*

Ҷаҳон гирист, гирист,
Замон кашид фиғон: Эй дареғ, кӯтаҳ зист.

Фалак зи рафтани фарзанди хеш гирён буд,
Ситора ашк шуду гуфт: Пури Даврон буд.

Сиришки фасли дай аз дида хуни ҷӯшон буд,
На хайр, ашк зи чашмони Тоҷикистон буд.

Садои хандаи мо тир хӯрду гашт хамӯш,
Гаронии ғами маргат фитодааст ба дӯш.

Кабӯтари табассуми ту аз фарози шона парид,
Сиришки нола ба авроқи чашми илму адаб,
Ба барги соҳили лаб
Ба сони доғ чакид.

Зи хоки Исфара рӯид ин гули раъно,
Ба фазли хеш мунаққаш намуд ин дунё.

Ба боғи илму сухан шуд хамӯш мурғи саҳар,
Ба гӯши мо нарасад лаҳни гуфтугӯй дигар.

Дареғу дод аз ин марги ногаҳонии дӯст,
Вале агар зи мулки сухан рафт, сина хонаи ӯст.
Ба боғи илму адаб чун гули ҳамешабаҳор
Зи баъди марг бимонд аз ту ин қадар осор.
Ту сабзгулӣ дар миёни ин осор,
Ту зиндаӣ, эй дӯст, то ба рӯзи шумор!

## МАН ТУРО ДАРЁФТАМ АЗ «АШКИ ҲАСРАТ»

*(Ба шоири зиндаёди Афғонистон Шоҳзамон Адим)*

Моро масофаҳои замон дури ҳам намуд,
Дурии вақт дидани рӯро адам намуд.
Таъхири вақт буд ва ё кинаи ҷаҳон,
Пур карда аз ясору ямин синаи замон.

Ман дар замона дур будам аз замони ту,
Дур аз ҷаҳони ту,
Аз рӯзгори маълуму рӯзи ниҳони ту.
Дур аз ҷаҳони заъф, вале шеърбори ту,
Аз шеърҳои ғамкашу ҳам ашкбори ту,
Аз шеърҳои дарду ҳам андешабори ту.

Дарё миёни мову ту сангар ниҳода буд,
Байни замони мову ту ҳиҷрон фитода буд.

Ҷустам туро зи барги гул айёми субҳдам,
Бо дидаҳои нам,
Акси туро надошт,
Гул аз Адими шеъри ғам акси сиёҳ дошт,
Пайғоми оҳ дошт.

Ҷустам садои шеъри туро субҳи шодиҳо
Аз боғи ишқофару аз тарфи водиҳо.
Мурғи саҳар нахонд,
Ҷое барои ҷустани нақши туам намонд.
Омад ба гӯши ман шаби андӯҳофаре
Овоз аз даре.
Овози ғам чу лаҳни найи Румӣ аз нафир,
Гӯё чу мурғи дури ватан мезанад сафир.

Аз мавҷи «Ашки ҳасрат» – и мижгони рӯзгор
Ман ёфтам Адим ба ашъори ёдгор.
Аз ҷустуҷӯи шому саҳарҳо раҳо шудам,
Чун ашк ман замонаро дар дидаҳо шудам.

Мансурвор додайӣ сарро ба дори ғам,
Шеъри алам намудайӣ бар дорҳо алам.
Тӯфони «Ашки ҳасрат» – и ту ҳамчу кӯҳ буд,
Тӯфони Нӯҳ буд.

## ШУҒНОН

Шуғнон чу яке кохи шаҳон мӯҳташам аст,
Дар силки накӯдиёри олам алам аст.
Таърих дар он нуҳуфта, худ таърих аст,
Ин ном ба «Шоҳнома»-и Тӯсӣ рақам аст.
Ин хок, ки модари абармардон аст,
Эҳдо зи Худои поку соҳибкарам аст.
Ҳар дил ба ҳавои ин замин моил буд,
Шаб сайргаҳе ба қудсиёни ҳарам аст.
Ҳар резаи санг ҳарфи таърихи вай аст,
Дар резаи он ҳам оламу ҳам алам аст.
Дар хоки қадима реша дорад Шуғнон,
Аз сафҳаи таърих садои қалам аст.
Таърихнигори сарзамини Шуғнон
Ҳар пуштаву кӯҳу даравu хоку ям аст.
Дар маснавии зиндагии халқи диёр
Лаҳневу ҳуруфе зи наю найқалам аст.
Сад қисса занад зи синаи санг нафир,
Таърих чакон аз лаби санги қалам аст.
«Дил ҷои Худост, пок дораш чу лабан»,
Моро ба чунин шеваи Шуғнон қасам аст.
Бар тири адӯ ҳарфи хирад дошт сипар,
Ҳарфи хирадаш бар ҷигари сад ситам аст.
Дар синаи кӯҳу рӯйи гулбарги чаман
Нақше зи каю Маздаку Сӯҳробу Ҷам аст.
Ай дӯст, чаро пардаи дил боз кунам,
Бар дида биё, ки он ҳарими ҳарам аст.

## БАДАХШОН – МОДАРИ МАН

Ба гоҳи тифлӣ модар дар барам дошт,
Бадахшон модарӣ бо модарам дошт.

Сари гаҳвораи ман то дари субҳ
Ба лаб лолоӣ он бахтофарам дошт.

Тамоми солҳо то соҳили умр
Даруни дида ҳамчун гавҳарам дошт.

Зи баъди модар, он олиҳаи пок,
Бадахшон модарӣ чун модарам дошт.

Бадахшон баъди модар модарам ҳаст,
Чунин армони қудсӣ модарам дошт.

Бадахшон, кӯдакиам дар барат буд,
Ба бар гирам туро, чун модарам дошт.

Сари санги ту монам чун сари худ,
Ки ёд аз зонуҳои модарам дошт.

Маро домони модар худ ватан буд,
Бадахшонро ватан гар модарам дошт.

Зи ман хушҳол модар буд, азеро
Бадахшон, Тоҷикистон дар барам дошт.

## ИШҚ БО МАН ГАР НАСОЗАД

Ман гадои шаҳри ишқам,
Балки ман савдоии дунёи ишқам.
Ишқ бо ман менасозад,
Ҳар замон дар рӯ ба рӯям лаҳни мотам менавозад.
Ман суруди ишқ хонам,
Сар ба рӯйи зонуи олиҳаи зебойӣ монам.
Ишқ бо ман гар насозад,
Лаҳни мотам менавозад.
Балки ман бо ишқ созам,
Бишнав, эй олиҳаи ишқ, инак овозам.

## ДУРИҲОРО МАН ШИКАСТАМ

Дузди қисмат он қадар аз ту ба дуриҳо рабудам,
Он қадар дурам, ки гӯё рӯ ба рӯйи ту набудам.
Дӯш дар хобам даромад дузди қисмат,
Ман варо дар банд кардам дар шаби пурваҳми зулмат.
Дузди қисматро ба чандин банд бастам,
Зулмати оинаи шабро зудудам ман ба дастам,
Чеҳраатро дида, бо ёдат нишастам,
Дуриҳоро ман шикастам.

## СЕБИ ДАСТАТ ҶОНБАХШӢ ДОШТ

Лаҳзаи анҷоми рӯз,
Гоҳ-гоҳ дар соҳили шоми дилафрӯз.
Гоҳи аз кор омадан,
Гоҳи аз кор омадан, аз корҳо бас хаста гаштан
Дуртар аз хонаам модар ба роҳ истода буд,
Дастҳо дар рӯ ба рӯям бо ҳазорон орзу бикшода буд.
Дар кафи ӯ себи сурхи боғи мо буд,
Боғи мо ҳар сол дар нашъунамо буд.
Себи дастат ҷонбахшӣ дошт бар андому пайкар,
Пухта буд бори дигар он дар кафи гарми ту, модар.

## БАХШО ГУНОҲИ МАН

Эй хотират гирифта зи як иштибоҳи ман,
Боре биё ба олами шоми табоҳи ман,
Равшан намо чу моҳ шабони сиёҳи ман,
Эй хок бар сари ману бар иштибоҳи ман,
Бахшо гуноҳи ман.

Дунё ба як каломи Худованд шуд бино,
Одам ба зӯри ақл зи ҳар банд шуд раҳо,
Бар одамӣ гунаҳ набувад ҳеҷ гаҳ раво,
Ман хокиям, ки неку гаҳе бад гиёҳи ман,
Бахшо гуноҳи ман.

Эй бахти даргурез, мазан сар маро ба санг,
Дар ҷойи шаҳд ҷом макун пур ту аз шаранг,
Бар қалби хастаам ту мазан тир аз хаданг,
Эй дар ҷаҳони ишқ туйӣ подшоҳи ман,
Бахшо гуноҳи ман.

Кас бар ҷаҳон дубора наёмад, ману ту ҳам,
Ин ғам басанда нест, ки боз оварӣ алам,
Рӯзу шабон зи мижаи ман кам нагашт нам,
Маҳтоби осмони шабони нигоҳи ман,
Бахшо гуноҳи ман.

## ЗАМОНА ХАНДАКУШ АСТ

Замона гӯр кунад хандаро ба дахмаи лаб,
Ҳаёти офтобии моро кашад ба хонаи шаб,
Ба рӯзгор барад ранг аз канори заҳаб,
Замона хандакуш аст.

Ҷаҳон умеди маро шоха-шоха бишкаста,
Дари умед ба фардо ба рӯйи ман баста,
Ду пойи ман зи даводав ба рӯз шуд хаста,
Ҷаҳон умедкуш аст.

Саҳар зи шохаи шаб рехт меваи ахтар,
Сиёҳӣ рехт зи зулфони шаб ба дасти саҳар,
Ба субҳ кушта шуда боз як шаби дигар,
Саҳар ситоракуш аст.

Умеди қалб кунад гул ба вақти субҳдамӣ,
Раҳо кунад бани одам умед рӯйи замӣ,
Асои одамӣ бошад ба вақти пуштхамӣ,
Умед маргкуш аст.

## ЭЙ ДИДА

Эй дида, чӣ ҷодуйӣ,
Ҷодуйию хушруйӣ.
Эй дидаи оламбин,
Эй маншаи зоҳирбин.
Бар нақди ту мегӯянд,
Нақди дигаре ҷӯянд,
Ҳақро зи ниҳоди ту
Гӯё ки ҳамешӯянд.
Зоҳир ту ҳамебинӣ,
Ботин ту намебинӣ.
Ҳайҳот, чӣ камбинӣ
Дар зоҳиру ботинӣ.
Эй олами беохир,
Дунёи шигифтовару пур гашта зи асрор.
Дар туст макони гулу ҳам мамалакати хор.
Бо хору гулу сангу ҳама ҷузваи аҷсом,
Аз фарши замин ҳафтқабатӣ то ба сари бом,
Бо рӯшании ахтару моҳ, шеду қабатҳо,
Бо арз ва ҳам тӯл ва чандинии хатҳо
Дар хеш туро ҷой диҳад дидаи кӯчак,
Ҳам дидаи пиронаю ҳам дидаи кӯдак.
Эй дида, чӣ асрор, ки дар дида ту дорӣ,
Эъҷозу атоест аз он олами борӣ.

## ЭЙ СОЛИ НАВ, ХУШ ОМАДӢ

Эй соли нав, хуш омадӣ, эй соли кӯҳна, хайр,
Эй соли кӯҳна, меравӣ аз ин замона, хайр.
Боз о ба ин ҷаҳони куҳанҷома, соли нав,
Пазмон шудем, соли нав, эй соли кӯҳна, хайр.

Бо домани пур аз гули бахт ой, соли нав,
Дар дидаву ба дил ту шавӣ ҷой, соли нав,
Боз о ба сони пайки накӯрой, соли нав,
Эй соли нав, хуш омадӣ, эй соли кӯҳна, хайр.

Бо ханда ой, соли нав, аз он каронаҳо,
Ман ҳадя созам аз вараќи дил таронаҳо.
Хонад суруд чангу рубобу чағонаҳо,
Эй соли нав, хуш омадӣ, эй соли кӯҳна, хайр.

Шаҳбайти шаҳкитоб кун оғоз, соли нав,
Дарҳои меҳру бахт намо боз, соли нав.
Мурғи дил ояд субҳ ба парвоз, соли нав,
Эй соли нав, хуш омадӣ, эй соли кӯҳна, хайр.

Эй соли нав, биё, ки забонро баён туӣ,
Пироҳани арӯсии кӯҳначаҳон туӣ.
Пайки навиди нек ба ҳар хонадон туӣ.
Эй соли нав, хуш омадӣ, эй соли кӯҳна, хайр

## ЭЙ МУРҒИ КӮЧӢ

Эй мурғи кӯчӣ,
Меравӣ ту аз диёри ман,
Аз маҳфили ватан
Вақти хазону рехтани барги орзу.
Мебигсилад миёни ману мурғ, водареғ,
Сад банди гуфтугӯ.
Ин тирамаҳ ба рағми ману мурғи осмон
То мулки Каҳкашон
Омад чу Кӯҳи Тӯри фироқам ба пеши рӯ.

Эй мурғи кӯчӣ,
Кӯч кунӣ то каронаҳо,
То охирин ҳудуди макону замонаҳо.
Бифристамат салом,
Дурудеву ҳам паём
Дар болҳои зарҳалии ин таронаҳо.

Ман дар куҷои хоки Худо,
Дар куҷо, куҷо
Гумкардаро чу ташна кунам боз ҷустуҷӯ,
Ку-ку-ку-ку-ку-ку,
Оё шавад, ки бо ту кунам боз гуфтугӯ.

Эй мурғи кӯчӣ,
Боз биё бар макони ман,
Бар гулшани ватан.
Ин ҷо баҳори мост чу боғи биҳиштрӯй,
Обе чу оби чашмаи хулд аст ҷӯ ба ҷӯй.

Эй мурғи кӯчӣ,
Боз биё бар сарои ман,
Ин ҷост хуш ватан.

Боз о чу орзу,
Боз о чу орзуву шавам бо ту рӯ ба рӯ,
Чун орзуи хеш кунам бо ту гуфтугӯ.

## МЕРАСАД КИШТӢ ЗИ ДАРЁИ ҒАЗАЛ
*(Аз ғазалиёт)*

Коиноти чашми ман имшаб пур аз истора буд,
Моҳи шаб дар осмони дидаи ман пора буд.
Бо тавалло ман ба пойи шаб фитодам то саҳар,
Чора он шабро набуд, чун ман шаби бечора буд.
Хона танҳо, шамъ танҳо, шом танҳо мегирист,
Ғам маро чун мӯниси шаб то саҳар ҳамвора буд.
Дона-дона ашки ман ғелида бар домони ман,
Гӯйӣ дар домони ман он ашкҳо кӯҳпора буд.
Оҳи ман аз чор девори вуҷудам мегирист,
Гӯйӣ оҳи ман дар он шаб оҳи бурҷу бора буд.
Дасти теғи ҳаҷри ту андар гулӯям даст дошт,
Ормони он шаби ман мурдаи гаҳвора буд.
Ҷӯйи хун бар ҳавзи чашмам аз ҷигар мерехт шаб,
Чун гули сурхи чаман он шаб маро рухсора буд.
Хаста будам, лек будам баста бар дасти умед,
Чашми субҳ бар сӯйи ман аз шонаи сайёра буд.

* * *

Рӯ чу бар оина орам, зуд оғӯшам кунад,
Чун зи оғӯшаш бадар оям, фаромӯшам кунад.
Ибрате аз хоксории замин бояд гирифт,
Чун зи модар зодаам, то марг бар дӯшам кунад.
Дарси модар гӯиё миност дар шоҳроҳи умр,
Ҳарф-ҳарфи дарсҳояш пунба аз гӯшам кунад.
Дар бари ин рӯзгорон шомҳо бас рӯз шуд,
Дасти қатъи зиндагӣ як рӯз хомӯшам кунад.
Ман гузаштам борҳо аз селу санги зиндагӣ,
Оқибат сели дамодам хонабардӯшам кунад.
Ман мадоро мекунам бо зишту поки рӯзгор,
Дурии хоки ватан паст аз ҳама ҷӯшам кунад.

* * *

Сутуни зиндагонӣ ҳастии модар, падар буда,
Ҳама ҳастии мо хоки пайи модар, падар буда.
Надорад маънӣ бе онҳо ҳама шодобҳои умр,
Ҳама маънии умри одамӣ модар, падар буда.
Ҷаҳон равшан шавад ҳар субҳгаҳ аз нури хуршедӣ,
Фурӯғи субҳи моро дидаи модар, падар буда.
Ба олам ҳарчи дил хоҳад, кунад пайдо ба осонӣ,
Худо чизе, ки як борат диҳад, модар, падар буда.
Сари гаҳвора дилхун модари ҷону падар хаста,
Кӣ бошад ҷонфидои зиндагӣ? Модар, падар буда.
Мадеҳ озори қалби покашонро дар масофи умр,
Ки беозору мушфиқ баҳри мо модар, падар буда.
Сироталмустақим хоҳанд бар фарзанд шому субҳ,
Дуогӯйи шабонрӯзии мо модар, падар буда.
Ба онон чун асои қомати хам бош, эй фарзанд,
Асою дидаҳои кӯдакӣ модар, падар буда.

* * *

Биё, ай дӯст, гулборон ба мулки мо баҳорон аст,
Чу Наврӯз андар ин хоки биҳиштӣ болафшон аст.
Ҷаҳонӣ шуд кунун Наврӯзи аҷдодӣ, муборак бод,
Биё, Наврӯз андар шашдари олам парафшон аст.
Гули истора пойандозу чархон дар само Зӯҳра,
Биё, ай дӯст, хоки зери пои ту зарафшон аст.
Биё, ай дӯст, дар оғӯши Наврӯзу ба оғӯшам,
Дили мо аз азал чун меҳргоҳи дӯстдорон аст.
Биё, ин лаҳзаҳо Наврӯз моро гирди ҳам овард,
Туро пазмон ба чандин рӯзу моҳҳо Тоҷикистон аст.
Гули бахти ману ту ханда зад дар шохи армонҳо,
Ки то соли дигар гулҳои бахти мо шукуфон аст.
Баҳорон дар бари Наврӯзу дар оғӯши ҳам ёрон,
Само бар тори мову Тоҷикистон хандаборон аст.

* * *

Олами асрор пинҳон дар дили Ишкошим аст,
Дардро дармон чу Сино чашмаи Ишкошим аст.

Дар варақсангаш ҳаводис сабт дорад аз қадим,
Ёдгор аз дудмони бостон Ишкошим аст.

Мекунад бо офтоб ҳар субҳгоҳон гуфтугӯ,
Дар лиҳефи зарҳалии моҳи шаб Ишкошим аст.

Духти шаб даъвои зебоӣ кунад бо ҳусни хеш,
Мунфаил аз ҳусни зебодухтари Ишкошим аст.

Ҳар киро бо банди ҳайрат мекашад эъҷози даҳр,
Ҳар касе дар орзуи дидани Ишкошим аст.

Лаъли Кӯҳи лаъл дар ақсои олам шуд алам,
Зиннати шеъри дарӣ з-ин гавҳари Ишкошим аст.

Ҳар куҷо бурданд лаълатро, шукӯҳ бахшидааст,
Сархати зарҳалсиришти ҳар сухан Ишкошим аст.

Он қадар бурданд лаълат, арғувонӣ шуд ҷаҳон,
Тоҷи шоҳ равшан зи лаъли аҳмари Ишкошим аст.

Шеър меояд бурун чун лаъл аз кони ҳунар,
Эй бародар, шӯҳраи Боми Ҷаҳон Ишкошим аст.

* * *

Туро дар он баландиҳо макон аст, Шоҳи Тирандоз,
Қадамҷои ту рӯйи Каҳкашон аст, Шоҳи Тирандоз.

Агар Ораш ҳади кишвар ба тире карда андоза,
Туро эъҷоз дар чашми камон аст, Шоҳи Тирандоз.

Надида то кунун аз тири тирандоз кас озор,
Ба некӣ номи ту андар забон аст,Шоҳи Тирандоз.

Агар дар чашми мо хомӯшу сокит менамояд кӯҳ,
Ба шабҳо розгӯ бо ахтарон аст Шоҳи Тирандоз.

Қудуми маргхези душманон шуд пок аз кишвар,
Чу Рустам ҳофизи Боми Ҷаҳон аст Шоҳи Тирандоз.

Агар Фарҳод зад бар Бесутун теғу кушода ҷӯй,
Зи адлат ҷӯйи адл аз кӯҳ равон аст, Шоҳи Тирандоз.

Зи хоки пок мерӯяд гули хушбӯй дар гулшан,
Зи хоки дудмони орифон аст Шоҳи Тирандоз.

Кашида қад ба сӯйи осмонҳо пайкари ҳайбат,
Чӣ асроре дар ин пайкар ниҳон аст, Шоҳи Тирандоз.

Ба кӯҳи Тӯр Симурғ аз ту гӯяд қисса то имрӯз,
Садое аз карон то бар карона аст, Шоҳи Тирандоз.

Зиёратгоҳ шуда бар зоирини шашдари олам,
Ҳама аз лутфи Яздони ҷаҳон аст, Шоҳи Тирандоз.

Ба пастиҳо намезебад макон афроди бихрадро,
Баландтар аз баландият макон аст, Шоҳи Тирандоз.

Кунад бо моҳу хуршеди ҷаҳон рӯзу шабон сӯҳбат,
Чу хуршеду маҳи шаб ҷовидон аст Шоҳи Тирандоз.

* * *

Мужда, эй дил, ки масеҳонафасам боз омад,
Хизри сарчашмаи ишқу ҳавасам боз омад.
Муддате буд, ки он гумшуда аз дида бирафт,
Эй хуш, он рафта зи ман бар қафасам боз омад.
Бахти саркаш зи барам бурд варо сӯйи дигар,
Бахти ман ханда ба лаб бар фарасам боз омад.
Мани танҳою шаби зулмату кошонаи танг,
Мужда, он ёри ману субҳу касам боз омад.
Чун Сулаймон шуда аз даст маро чаллаи ишқ,
Ё раб, он гавҳари якдонарасам боз омад.
Аз кафам рафт бурун мурғаки дастомӯзам,
Шод зӣ, дил, ки ҳама баръабасам боз омад.
Сорбони раҳи ишқам ба қатор аз ман рафт,
Субҳ бар гӯш азони ҷарасам боз омад.

* * *

Оташи ишқи мо гулистон шуд,
Бахти гумгашта боз хандон шуд.
Ончунонки зи нор сабза дамид,
Деви ғам бар Халил ҳайрон шуд.
Хонаи меҳри мо шитойӣ дошт,
Ишқи мо офтоби тобон шуд.
Саҷда дар пойи бахт хоҳам кард,
Бахти мо ишқро нигаҳбон шуд.
Рехт девори ҳаҷр аз нами васл,
Ёр аз нав ба хона меҳмон шуд.

* * *

Ман шунидам бо маҳи шаб гуфтугӯйи Яхшивол
Нури маҳ полида шаб бар рӯю мӯйи Яхшивол[1],

Маҳ фуруд омад зи кохи осмонҳо бар замин,
Шуд хиромон гӯиё он дам ба сӯйи Яхшивол.

Бӯса мезад маҳ ба рӯи мардуми дар хоб маст,
Дидаам дар нури маҳ ман шустушӯйи Яхшивол.

Моҳи шаб чун духти поки осмон дар оби рӯд
Тан бишӯяд, то барояд рӯ ба рӯйи Яхшивол.

Аз чӣ имшаб хоби харгӯшони ҷангал шуд дароз,
Моҳи ошиқро ба дил буд орзӯйи Яхшивол.

Мекунад бо лаҳни ширин роз бо ду соҳилаш
Нуқраосо об андар қалби ҷӯйи Яхшивол.

Нури маҳ андоми кӯҳро ранги испедӣ диҳад,
Ҳамчу роҳи мардуми поку накӯйи Яхшивол.

Сангзорон шуд биҳиштӣ боғ аз оби ҷабин,
Сурхрӯйиҳои мардум обрӯйи Яхшивол.

Кӯдакон дар марғзорон ҳою ҳуйе мекунанд,
Гоҳ дар хобам дарояд ҳою ҳуйи Яхшивол.

Лаълҷубаро аз ғазалбӯстон маҳи шаб дод гул,
Аз гули шеърам расад ҳар лаҳза бӯйи Яхшивол.

---

[1] Яхшивол деҳаест дар ноҳияи Ишкошим.

* * *

Донаи борон ба дарё чун расад, дарё шавад,
Тифл бар саҳни ҷаҳони нав расад, дунё шавад.
Гул агар танҳо бирӯяд дар замин, гулзор нест,
Чун ба боғ ояд, на гул, бал гулшани зебо шавад.
Нест ҳайбат ҷӯйро, чун воҳид аст дар корзор,
Чун бипайвандад ҷӯй бо ҷӯ, баҳри нопайдо шавад.
Дар само исторае тобад, заиф асту наҳиф,
Саф кашанд историҳо, дунёи мо бино шавад.
Як дарахт ҳаргиз надорад бори ҷангалро ба бор,
Чун ба ҳам якчанд оянд,бешае пайдо шавад.
Ҳолиё, кай метавон лашкар гумоштан як савор,
Панҷа аз ангушти ваҳдат қудрати якто шавад.
Ҳарчи дар танҳоӣ омад, ҷуз Худованди карим,
Оқибат беманзалат, беобрӯ, расво шавад.

* * *

Имшаб ба ёди рӯй ту аз дида хоб рафт,
То пойи субҳ аз басарам ҷӯйи об рафт.
Дар маҳфиле, ки созу навою тарона буд,
Ҷуз ҳусни ту дигар ба назар чун ҳубоб рафт.
Дуздида дида-дида туро маҳв мешудам,
Охир ҳама зи даст шуду ҳам ҳиҷоб рафт.
Дуздида дида-дида маро, ин чӣ сеҳр буд,
Сабре, ки доштам, зи барам бошитоб рафт.
Рафтӣ,ба шаб супурдамат,эй шамъи шабравон,
Он ҳусну зулфу қомату нозу итоб рафт.
Ман рашк мебарам ба шабе, к-он туро рабуд,
Моҳ дар канор буда, паси моҳтоб рафт.
Оне, ки бо ту чашми ба чашм буд, оқибат
Бо дидаҳои пурнаму ҳоли хароб рафт.,
Эй дил, дигар манолу ту, ай чашм, хоб рав,
Он моҳ зи ман гузашта бари офтоб рафт.

* * *

Душвор буд омаданат бар диёри ман,
Осон зи даст додамат, эй шаҳриёри ман.

Ҷустам туро ба рӯшании шамъи дидагон,
Пайдо набуд нақши паят, дилшикори ман.

Аз чашми ахтаре, ки маро дид хушклаб,
Ашке чакиду гашт чу борон ба тори ман.

Моҳи само чу дид маро, пушти абрҳо
Худро панаҳ намуд зи чашмони чори ман.

Гуфтам ба боғбон, ки гули ман куҷост: Гуфт:
Аз ман мапурс, пурс кунун аз ҳазори ман.

Эй осмон, чӣ чора кунам, ёри ман куҷост,
Гуфто: Бубин ту ҳолати абри баҳори ман.

Гуфтам ба марди пир: чаро бевафост ёр,
Гуфто: Бубин ту қомату ҳам ҳоли зори ман.

Гуфтам ба сорбон, ки куҷо ёбамаш: Бигуфт:
Кайҳост по кашида зи байни қатори ман.

Ман сар ниҳода бар сари зонуи ғам, ки кард
Як лаҳза ханда гиряи садсола бори ман.

Эй Лаълҷуба, чӣ ҷойи зи бегонагон гила,
Бегона гашту аҳдшикан ғамгусори ман.

* * *

Дар домани зиндагӣ ҳама мисли ғуборем,
Гулханда шавему дар кафи боди баҳорем.

Кӯтоҳнафасӣ гарчи бувад ҳамнафаси мо,
Қассоси худ аз олами хушчеҳра барорем.

Дар баҳри худӣ завраќи идрок биронем,
З-асрори худӣ гавҳаракеро ба каф орем.

Мо гавҳари покему ҷаҳон чун садафи мо,
Боке зи сиёҳпардаи атроф надорем.

Дар баҳри муҳит пок шавад гавҳари нопок,
Аз гавҳари нопоки муҳит зору низорем.

Имрӯз шуморем агар ҳар қадами хеш,
Тарсанда чаро мо ҳама аз рӯзи шуморем.

Дар боли ҳавасҳои мушавваш чӣ нишинем,
Чун тифлаки нодидаҷаҳон чӯбсаворем.

Эй пардаи ҷон, ҳифз намо гавҳари худро,
То нақш дар ин гунбади даввор гузорем.

## СУХАН ШУД ДАР ЗАМИНИ ДИЛ
## ҒАЗАЛДАРЁИ ШАЙДОЙӢ

*(Аз силсилаи «Ғазали дарё»)*

Ҷудо аз ту шуда, якҷо шудам бо мотами дарё,
Ғами танҳоиям афзун намуда мотами дарё.

Ҷудоӣ аз ту охир ҳамнишини соҳилам бинмуд,
Шунидам нолаи Маҷнун зи савти мотами дарё.

Дар ин раҳпоиҳо испед шуд мӯйи ҷавониам,
Садои гиря дорад аз Зулайхо мотами дарё.

Шунидам ман шабе ово, ки меорад ба сӯйи ман
Суруди Юнуси дар батни моҳӣ мотами дарё.

Ба ҷуз дарёи шаб атрофро бори хамӯшӣ аст,
Ба гӯшат мерасад шабҳо суруди мотами дарё.

Танамро рехтам дар домани дарё шабе бо ғам,
Нишастам то дари субҳи саҳар дар мотами дарё.

Ғамамро шустушӯ дарё ба дасти мавҷаи худ дод,
Ғами ман кӯҳи ғам шуд оқибат дар мотами дарё.

Ба доман модари дарё сиришки дида мерезад,
Ду соҳил ашкрезон ёфтам дар мотами дарё.

Кунам бо ашки шодӣ шустушӯи пайкари дарё,
Туро ман сур месозам шабе, ай мотами дарё.

* * *

Чӣ ҳусне мефизояд лутфи маҳ бар хандаи дарё,
Ҷаҳонро пур кунад бо хандаи худ хандаи дарё.
Фалак хандон зи моҳу майса аз шодобии соҳил,
Ба зери моҳи хандон ғарқаам дар хандаи дарё.
Ҷаҳон ҳусни дигар гирад чу боғи хулд ин лаҳза,
Маро дар лаб кунад гул хандае бо хандаи дарё.
Ба нармӣ сила созад соҳилашро ҳар замоне об,
Бибӯсад рӯю мӯйи сабзаҳоро хандаи дарё.
Лаби хандон сафар дорад ба марзи охири дунё,
Ҷаҳон худ хандазорон мешавад аз хандаи дарё.
Гули истора механдад ба боғи ҷаннати гардун,
Гузорад сар маҳи шаб бар фарози хандаи дарё.
Чӣ эъҷозе намуда моҳтоби шабравон аз бом,
Шаби зулмат шуда равшан зи нури хандаи дарё.
Ҳама дар хоби нозу мисли ман бедор моҳи шаб,
Кӣ бедор аст, то бинад чӣ зебо хандаи дарё?!
Ба рӯйи маҳ расад аз мавҷи дарё қатра-қатра об,
Ки ман бо хандаам пурмавҷ созам хандаи дарё.
Замин то дуриҳо бар оби дарё медиҳад фатво,
Бирӯяд хандаи дунё ҳама аз хандаи дарё.
Туро субҳи Бадахшон саҷда бинмоям, аё дарё,
Саломам то ба дуриҳо барӣ, эй хандаи дарё.
Худоё, лутф кун, то ханда аз дарё ҷудо н-нафтад,
Расад то охири дунёи инсон хандаи дарё.

* * *

Зи субҳ то шом биншаста лаби дарё ману дарё,
Гириста, навҳа карда дар дили шабҳо ману дарё.
Замонро пардаи зулмат гирифта дар канори худ,
Ба коми бепаноҳиҳо тани танҳо ману дарё.
Яке гирён равон асту яке дар соҳиле сокит,
Ба зери ашкборони ҷудоиҳо ману дарё.
Ҳама дар гӯши ҳам розу ниёзи хеш мегӯянд,
Ду хомӯши пур аз фарёду аз ғавғо ману дарё.
Ситора бо қамар дар базми шаб афсонагӯёнанд,
Дар ин дунё бурун аз шашдари дунё ману дарё.
Хамӯшӣ мевазад чун боди нармак дар бари соҳил,
Ду ҳамсӯҳбат ба зери шӯълаҳои маҳ ману дарё.
Маро дар паҳлуи дарё нигаҳдорӣ кунад соҳил,
Ду ғамдорему ғампечидаи дунё ману дарё.
Ба рӯйи мо ҳама дар баста шуд дар соҳили уммед,
Бадар гаштем охир аз ҳама дарҳо ману дарё.
Ба сони мавҷ гоҳо дар нишебӣ хона месозем,
Зи пои худ сар афрозем то боло ману дарё.
Ба ҳам гуфтем рози хеш бо ҳарфи хамӯшиҳо,
Ба ҳам пайванд созанд ин хамӯшиҳо ману дарё.
Хамӯшӣ дар хамӯшӣ лона месозад хамӯшона,
Чӣ асроре хафӣ кардем дар дилҳо ману дарё.
Чӣ зебоӣ дар ин хилват шаҳаншоҳӣ кунад, ёро,
Биё, то ҳамнишин бошӣ даме ту бо ману дарё.

* * *

Сухан шуд дар замини дил ғазалдарёи шайдойӣ,
Равон мафтун зи оҳанги ғазалдарёи шайдойӣ.

Сафири дилфиребӣ мурғи шабгир ояд аз ҳар сӯй,
Саҳаргаҳ мурғи дил хонад ғазалдарёи шайдойӣ.

Ғазалхонӣ ба зери партави маҳ мекунад дарё,
Шуо аз қатра хезад чун ғазалдарёи шайдойӣ.

Ба дарё қатраҳои мавҷ ҳарфи мисраи шеъранд,
Ки хезанд аз дили он чун ғазалдарёи шайдойӣ.

Фитад як қатра бар соҳил, дигар васл аст бо дарё,
Зи шодию ғам овардам ғазалдарёи шайдойӣ.

Ба боли мавҷа хезад мисраъ аз умқи дили дарё,
Бурун шуд субҳгоҳ аз дил ғазалдарёи шайдойӣ.

Ман аз ҳар мисраи дарёӣ хонам қиссаи дарё,
Дили шайдоиям хонад ғазалдарёи шайдойӣ.

Саҳар эъҷоз бинмояд ба соҳилҳои ин дарё,
Сабоҳи ишқ бинвисад ғазалдарёи шайдойӣ.

Биё, ай ёри дурафтода, шоме бишнав аз дарё
Ғами ишқи маро ту аз ғазалдарёи шайдойӣ.

* * *

Бурун кардам ғами дилро саҳаргоҳ дар лаби дарё,
Ғамам мавҷи талотум гашта, мерезад лаби дарё.

Зи абри чашми ғамзо донаҳои ашки оташхез
Фурӯ шуд ришта-ришта пойкӯбон дар лаби дарё.

Ғамам дар қалби дарёи дамон гардид тӯфонзой,
Зи амвоҷи ғазалфавворахо пур шуд лаби дарё.

Лаби дарё зи оҳи ҳасрати ман хушк хоҳад шуд,
Агарчи мавҷ дорад бӯсаборон бар лаби дарё.

Хамӯшию ғиреви рафтани дарё чӣ дарсе буд,
Сабақхонӣ намудам то саҳаргаҳ дар лаби дарё.

Ҳама амвоҷ дар оғӯши ҳам оянду мерақсанд,
Ғами ман бо ғами дарё шукуфон дар лаби дарё.

Зи соҳил то ба соҳил ранги гулгун нақш месозад,
Ба ашки хунфишон аҳмар намудам ман лаби дарё.

Ғами мо байни соҳилҳо талотум карда мепечад,
Бичинам бо лаби худ донаи ғам аз лаби дарё.

Ба ҷорӯби шамоли нарм ғам аз дил бурун ояд,
Худоё, хандаро рақсон намойӣ дар лаби дарё.

* * *

Ба худ печад гули соҳил сабоҳ аз рафтани дарё,
Дилам хун шуд даруни синаам аз рафтани дарё.

Фуруд ояд зи болоҳо ба пойи худ басе амвоҷ,
Пас аз боло паридан меравад бо рафтани дарё.

Фурӯ афтад зи боло қатраю дарё шавад охир,
Ҷудоиро ба васлат мекашонад рафтани дарё.

Басе амвоҷ аз дарё ба соҳил мефитад, афсӯс,
Бимирад мавҷ дар соҳил зи баъди рафтани дарё.

Нахоҳад рафтани дарё яке ҷонвар, ки дар дарёст,
Кашад моҳӣ ба хомӯшӣ маҳори рафтани дарё.

Макаш сар аз канори модари худ, мавҷаи саркаш,
Бимонӣ беватан, ай мавҷ, пас аз рафтани дарё.

Ҳама ҷо майсаҳои лаб-лаби дарё тиҳиҷонанд,
Шаҳиди ишқи дарёянд пас аз рафтани дарё.

Чӣ розе дар садои рафтани дарёст маъвогир,
Дареғогӯйи худ дарё шавад бо рафтани дарё.

Чӣ розу ҳикмат аст ин гуна рафтанро, аё инсон,
Ки умри мо бувад як нусхае аз рафтани дарё.

* * *

Шунидам ман садоямро саҳар аз гиряи дарё,
Ки ояд сӯйи ман аз дуриҳо бо гиряи дарё.

Зи пушти қатра мехезад ҳазорон қатраи хаста,
Ба сангон сар занад мавҷу равон бо гиряи дарё.

Ба рӯъё печам андар худ зи шаб то пойгоҳи субҳ,
Фитад оташ зи оҳи ман саҳар дар гиряи дарё.

Зи сар то пой гаштам гиряи хунин ба хомӯшӣ,
Ба сони гиряи мардон гарон аст гиряи дарё.

Чакад ашкам ба рӯйи синаи дарё ба гоҳи шаб,
Ситора мефитад аз осмон дар гиряи дарё.

Шабонгаҳ гиряи дарё аҷаб гирён намуд қалбам,
Ки танҳо ахтару маҳ мениюшад гиряи дарё.

Ту ай инсон, ба хобию равон дарёи гирён аст,
Ҳазорон гиря хуфта дар ҳазорон гиряи дарё.

Бишинам дар лаби дарё чу як ғамдидаи дигар,
Бигирям аз ҷудоӣ дар ҳавои гиряи дарё.

Шаберо мекунам ҳамчун шаби ханда лаби соҳил,
Бихандад то шабе бо хандаи ман гиряи дарё.

* * *

Барои гиряҳои шому рӯзам гиряи дарёст,
Барои бохтҳои бахти саркаш гиряи дарёст.

Ба дарё қисса кардам як шабе афсонаи дилро,
Фиғон аз қиссаи пурмотамам дар гиряи дарёст.

Само андӯҳбор асту маҳ ашколуд мечархад,
Ситора хастаю зардинарӯ аз гиряи дарёст.

Кашад сар бар фарозу зуд ояд зери по мавҷе,
Барои кӯтаҳии умри мавҷе гиряи дарёст.

Бигуфтам: Аз чӣ дорӣ нолаву афғон, аё дарё,
Бигуфт: Аз рафтани бе омаданҳо гиряи дарёст.

Сари ҳар сангро дар рафтанаш дарё кунад сила,
Аз ин мушкилҷудоӣ шому рӯзон гиряи дарёст.

Пур аз ғам майсаю сангони соҳил, мурғи шабоҳанг,
Ба кунҷи сина мурғи дил ғамин аз гиряи дарёст.

Бихон шодию ношодӣ зи шебу аз фарози мавҷ,
Ҳама афсонаи дунё хафӣ дар гиряи дарёст.

* * *

Чӣ асроре шабу рӯзон гиреҳ андар дили дарё,
Гиреҳ афтода аз пушти гиреҳҳо дар дили дарё.

Талотум мекунад дарёю мавҷ аз мавҷ мерӯяд,
Гуҳар андар садаф омад саҳаргаҳ дар дили дарё.

Чӣ эъҷозе кунад дарё дар ин базми шабонгоҳӣ,
Маҳу ахтар зи боми шаб фитода дар дили дарё.

Бубинӣ қатрае боло парад, болотаре дигар,
Дареғо, мефитад поёну мирад дар дили дарё.

Паноҳ шуд зери абри осмон маҳтоби оламсайр,
Фалак аз дида борад ашки хунин дар дили дарё.

Бипечад бар тани дарё маҳи шаб пардаи партав,
Дарахти равшанӣ сабзад саҳаргоҳ дар дили дарё.

Равон байни ду саҳил оби дарё чашм сӯйи мо,
Дили ғампарвари ман ҳамсадо шуд бо дили дарё.

Сабақ бигрифтам аз дарси шабу рӯзонаи дарё,
Дилам дарёӣ шуд аз ҳамнишинӣ бо дили дарё.

Сари санги Бадахшон, рӯи соҳил рози дил кардам,
Шунав рози дилам, эй ёр, як шаб аз дили дарё.

* * *

Ғами танҳоиям дар сина печад чун ғами дарё,
Магар андӯҳи ман ҳамранг бошад бо ғами дарё.

Равон дарё ба дуриҳои дури дури беохир,
Ғамам дар мавҷи дарё сабз гардад бо ғами дарё.

Чӣ эъҷозе, ки мерақсад миёни мавҷ мурғи шаб,
Ҳама ғамҳо буруни қалбҳо шуд аз ғами дарё.

Зи соҳил пок шуд андӯҳи дарё дар лабони субҳ,
Чу ман ғам мехӯрам бо соҳили шаб дар ғами дарё.

Хазад дар пойи кӯҳ дарёю мегирад зи домонаш,
Фузун гардад зи беимконии кӯҳҳо ғами дарё.

Кунад маҳ аз лаби боми фалак наззора бар дарё,
Саҳаргаҳ хаста-хаста мекашад по аз ғами дарё.

Фиғон андар фиғон печон ба арғамчини мавҷи об,
Кӣ битвонад, ки бошад рӯйи соҳил бе ғами дарё.

Ғами дарё гаронсанг аст, лекин ғам нахоҳад монд,
Кунам шодон шабе бо шодиҳои худ ғами дарё.

* * *

Чароғон шуд шаби ман шомгоҳон бо шаби дарё,
Ғубори равшанӣ чархон зи боло дар шаби дарё.

Ҷудоӣ рафту зулмат равшану ғам по кашад аз дил,
Биҳиштӣ шуд ҳама зиштӣ бароям дар шаби дарё.

Ба соҳил мерасад киштии васлам аз ғарибиҳо,
Суруди васл хонад мурғи ишқам дар шаби дарё.

Наомад хониши чуғз ин саҳар аз боми уммедам,
Сукути тӯтии ҳаҷр омада андар шаби дарё.

Худои ишқ толеи накӯро дар канорам дод,
Агар лабханд бо ман буд, он ҳам дар шаби дарё.

Шавад садпора обу боз бо ҳам мешавад пайванд,
Ҳама ҳикмат бубин бо дидаи дил дар шаби дарё.

Маҳи шабро даруни шишаи дарё ба килки чашм
Мунаққаш сохтам бо ранги Монӣ дар шаби дарё.

Худо шабро муҳайё карда баҳри роҳати инсон,
Чӣ роҳат доштам бо ту шабе ман бо шаби дарё.

Бимирад ташнае андар лаби дарё зи бахти бад,
Маро бахти накӯ хушбахт карда дар шаби дарё.

Сияҳбахт ошиқе гар ҳамчун ман ояд ба оғӯшат,
Чароғон бош ҳамчун шамъи шабрав, эй шаби дарё.

* * *

Ба худ печону печонам зи ғам дар соҳили дарё,
Сари зону ниҳодам сар шабе дар соҳили дарё.

Ҳама оташ шудам сар то ба по аз ҳаҷри ёри худ,
Агарчи мавҷ боридам ба сар дар соҳили дарё.

Дар ин зулматшаби танҳоӣ мемурдам зи танҳоӣ,
Маро дар бар кашида ҳамчу дарё соҳили дарё.

Ҳама фарёд дар дарёю соҳил гӯйӣ хомӯш аст,
Чӣ фарёди хамӯшиҳо ниҳон дар соҳили дарё.

Суруди рафтани дарёи шабро гӯш медодем
Мани хомӯшу шоми безабону соҳили дарё.

Ба соҳил қатраҳои мавҷ гӯйӣ ҳарфи асроранд,
Зи асрори дили дарёст огаҳ соҳили дарё.

Ба нардбони ду чашми обиям моҳи шабонгоҳӣ
Фуруд омад зи гардун як шабе бар соҳили дарё.

Зи дарди дуриам огаҳ шуда маҳтоби дунёсайр,
Худоё, ашк резад моҳи шаб дар соҳили дарё.

Аё, маҳтоби шомам, боз о бар хонаи чашмам,
Шавад то хона пок аз акси ту дар соҳили дарё.

Ба рӯи шишаи дарё навиштам нома аз Тусён[1],
Биё, ман аз ғамат дилхуну соҳил аз ғами дарё.

Ман аз ғам хуни дил, соҳил зи оҳи рафтани дарё,
Ту раҳме кун ба ашки чашми мову соҳили дарё.

[1] Тӯсиён – номи деҳаест дар ноҳияи Роштқалъа.

* * *

Зи соҳил ман шунидам гуфтугӯ аз хонаи дарё,
Чӣ зебо маҳфиле барпо шуда дар хонаи дарё.

Гули рӯйи ситора гул кунад дар шишаи дарё,
Ба меҳмонӣ маҳи шаб омада дар хонаи дарё.

Ду моҳ андар замину осмон анвор бифрӯшанд,
Шукуфон аз чароғи осмон шуд хонаи дарё.

Миёни мавҷи рӯшноии маҳтоби фарози бом
Ғуборолуда чархад мурғаке дар хонаи дарё.

Гаҳе бар синаи дарё расонад синаи худро,
Гаҳе рақсида хезад бар фарози хонаи дарё.

Маро дар турфатулайни ғанаб амвоҷи дарёӣ
Зи ман бигсасту бурда рӯи каф дар хонаи дарё.

Шаби ором у дарё мекашад фарёдҳо ҳар дам,
Ғазал рӯяд аз ин фарёдҳо дар хонаи дарё.

Ҳама тайру вуҳушу одамӣ бо об месабзанд,
Зияд ҳар хонаи дунё ба оби хонаи дарё.

Фалак аз хонаи дарё барад бар хонаи худ об,
Замину зиндагиро ранг бахшад хонаи дарё.

Саломат аз Бадахшон медиҳам, эй ёри дури ман,
Саломи ман шунав як субҳдам аз хонаи дарё.

Фалак боло, замин поён, миён то одамӣ бошад,
Ту, ай дарё, бимонӣ ҷовидон дар хонаи дарё.

* * *

Ҳама дарё шавад пайдо зи як-як қатраи дарё,
Ҷаҳон бо ин бузургӣ ҷо шавад дар қатраи дарё.

Ҷудо аз оби дарё қатра танҳо қатраи дарёст,
Ба дарё мерасад, дигар набошад қатраи дарё.

Магӯ ин қатраро кӯчакниҳоду заъф дар нерӯ,
Бигирад дар бари худ офтобро қатраи дарё.

Чӣ бошад қатра? Ашки дидаи дарёи пасногард,
Ва ё гавҳар, ки мебинам ба шакли қатраи дарё.

Зи дарё хезаду вопас ба дарё мешавад восил,
Барои васл чандин бор мирад қатраи дарё.

Ватан ин қатраро дарёст, аз соҳил ҳазар дорад,
Чӣ покӣ мебарад дар зарфи тан ин қатраи дарё.

Чӣ бозӣ мекунад андар ҳаво ҳар донаи покӣ,
Ҳама зебоӣ дар ин қатра-қатра-қатраи дарё.

Зияд ҳар қатра дар тӯфони даҳшатбор як умре,
Вале соҳил бувад майдони марги қатраи дарё.

Зи маҳҷурӣ гиристам ёру ашкам ҳамчу дарё шуд,
Лаби дарё биёву бин ба сони қатраи дарё.

Гиреҳ карда агар раҳдурӣ пои кафтари уммед,
Умедамро гиреҳ кардам ба пои қатраи дарё.

Алайҳи гирудори рӯзгорон қудратам бахшо,
Маро ҳам сахтҷонӣ ёд деҳ, эй қатраи дарё.

* * *

Маро бедор созад ҳар саҳаргаҳ сӯҳбати дарё,
Шигифтӣ печадам сар то ба по аз сӯҳбати дарё.

Агар пирояи соҳил хамӯшӣ аст шаб то рӯз,
Сабақгирон нишаста то саҳар дар сӯҳбати дарё.

Зи пирони хирад, сад шукр, моро монда меросе,
Китоби ҳикматайни даҳр бошад сӯҳбати дарё.

Бидон инсони оқилро адаб ороишу зевар,
Ки оят – ояти одоб бошад сӯҳбати дарё.

Ба ту ман дар Бадахшон роз мегӯям лаби дарё,
Дар он дурӣ садоям бишнавӣ аз сӯҳбати дарё.

Агар боре ба санги роҳи дунё пешпо хӯрдам,
Насиҳатномае бошад бароям сӯҳбати дарё.

Ба боло ҷаста поин мешавад ҳар қатраи амвоҷ,
Раҳӣ, дарёб ин маънӣ ту аз ҳар сӯҳбати дарё.

Биё, шогирди мактабхонаи дарё шав, эй оқил,
Ки баҳси зиндагонӣ бишкуфад дар сӯҳбати дарё.

Ҷаҳонро роҳ бисёру якеро метавон тай кард,
Раҳи дунё бароят гул кунад дар сӯҳбати дарё.

Равон дарё шабу рӯзону ҳар як лаҳзаву соат,
Чӣ ҳикмат ёфт Ҳофиз як шабе аз сӯҳбати дарё.

Ғанимат ин нафас дону биё, эй ҳамнафас, субҳе,
Чу дарси Носири[1] устод ҷолиб сӯҳбати дарё.

[1] Устод Носирҷон Маъсумӣ дар назар аст (муаллиф).

* * *

Ҳама асрори олам хуфта дар хомӯшии дарё,
Забондонӣ биёмӯзад маро хомӯшии дарё.

Сукути санги соҳил безабонӣ кай шавад таъбир,
Кушояд рози санги соҳилаш хомӯшии дарё.

Чаро дарё кунад ҳар лаҳза сила санги соҳилро,
Ки донад маъниҳои ояти хомӯшии дарё.

Бишин боре лаби дарё, ки фоли бахт бикшояд
Китоби безабону бехати хомӯшии дарё.

Дар ин хомӯшиҳо деви ғирев афсона мехонад,
Ғиреви ин хамӯшиҳо кушад хомӯшии дарё.

Суруди маҳфили амвоҷ меояд ба гӯши ман,
Ба лаб мӯҳри хамӯшӣ мезанад хомӯшии дарё.

Шабонгаҳ маҳфил орояд маҳи афсунгари гардун,
Кунад зулфони маҳро шустушӯ хомӯшии дарё.

Маҳи шабгардро дарё бигирад дар канори хеш,
Гули рози ду ошиқ рӯяд аз хомӯшии дарё.

Мани шогирди ту, дарё, якумра ҳастамат шогирд,
Китобамро ғазал бахшо, аё хомӯшии дарё.

* * *

Суруди рӯзгорон мечакад аз мавҷаи дарё,
Ҳама хунёгарон бинишаста рӯйи мавҷаи дарё.

Дар ин андоми кӯчак ин чӣ нерӯ аст, эй дарё,
Зи поён сӯйи боло метаровад мавҷаи дарё.

Замин боронкаш аст, аммо чӣ боронест дар дарё,
Чу борон сар кашад бар осмонҳо мавҷаи дарё.

Зи гардан мӯҳраи дарё фурӯ резад ба зери по
Ба сони донаи барчоши мушти мавҷаи дарё.

Рухи маҳтоби шаб аз акси рӯят қиссаҳо мегуфт,
Чӣ зебо дар шуои маҳ ғубори мавҷаи дарё.

Бигуфтам: Қатра, мон, то гирамат, афсӯс, дарё шуд,
Чу рӯйи каф гирифтам донаҳои мавҷаи дарё.

Занад бар синаи санги канори хештан дарё,
Ба тораш узрхоҳон мерасад бо мавҷаи дарё.

Чу покӣ қатра дорад, оби Замзам ёфт қадр аз он,
Ки рӯ шӯяд фаришта шомгоҳ дар мавҷаи дарё.

Зи рӯйи сафҳаи дарё бихонам дарси покиҳо,
Маро дарё сабақ бидҳад ба килки мавҷаи дарё.

Шабе номи туро,эй дури ман,эй рафта аз дида,
Навиштам рӯйи дарё бо ҳуруфи мавҷаи дарё.

Аё, эй ғамгусорон, ёри моро ҳифз бинмоед,
Ниёзи дил расонам бар шумо бо мавҷаи дарё.

## ПОРАҲО

Бе меҳри ватан чу булбули бечаман аст,
Бегонатарин чеҳраи хоки ватан аст.
Оне, ки напайваст ба хоки ватанаш,
Дар хоки ватан чу мурдаи бекафан аст.

Дӯст бояд буд дар олам ҳама,
Нек бояд буд чун Ҳотам ҳама.
Беҳ зи хулде буд ин дунёи мо,
Як бародар буд гар одам ҳама.

Шукронаи он, ки ин ватан аст маро,
Ин ҷо сари болою сухан аст маро.
Ман булбуламу ватан чу боғест шариф,
Ҳар гӯшаи ин боғ чаман аст маро.

Хандаи гулҳои рӯят аз танам ҷон мебарад,
Бӯсаи лабҳои ту бар сӯйи тан ҷон мебарад.
Мекушӣ бо ҳусну созӣ зинда бо гулбӯсаҳо,
Эй масеҳолаб, лабат ҷон медиҳад, ҷон мебарад.

Бӯсаат гул мекунад дар равзаи лабҳои ман,
Ин ҳарорат нур бахшад дар дили шабҳои ман.
Мешавам гум ҳар замон дар зери мавҷи бӯсаҳо,
Гӯйӣ олам гум шавад дар тобу ҳам табҳои ман.

Хонаи тангу ману ту бо чароғи ошно,
Лаҳзае пайваст моро риштаҳои бӯсаҳо.
Ман яқин оби ҳаёт аз чашмае меёфтам,
Эй агар лабро зи лабҳоям намекардӣ раҳо.

Назди дар меоям, аммо заҳраи дидор ку?
Тарс аз бегонагон дорам, нидои ёр ку?
Мекашам аз дастаи дар, то бубинам ёрро,
Дастаи дар гӯядам, зуд о, ки он ағёр ку?

То кач̣ накунӣ зарф, аз он об нарезӣ,
Силӣ назанӣ, орд зи элак ту набезӣ.
Аз хок мадад ҷӯй, мададгори ту хок аст,
То такя насозӣ ба замин, рост нахезӣ.

Марди нобино равон пушти асост,
Қоматаш аз акмаҳӣ бинӣ дутост.
Сарду хомӯш аст дунёяш мудом,
Ҳикмате андар сукути ӯ хафост.

Лаб баст аввал ғунча, вале ғунча намонд,
Рухсори арӯси ноз бе бӯса намонд.
Меҳри ту ба дил ниҳон-ниҳон медоштам,
Асрори дилам зи шамъ пӯшида намонд.

Не рӯйи чу моҳу зулфи шаб мемонад,
Не ҷисму на ишқу тобу таб мемонад.
Не айшу нишоту лаззати умри шубоб,
Як зарра зи мо ба дасти раб мемонад.

Эй бародар, ману ту ҳамватанем,
Булбулони саҳари як чаманем.
Маскани мову ту гар сангин аст,
Шод амсоли ғизоли Хутанем.

Имрӯз Бадахшон чӣ ҳавое дорад,
Булбул ба дами субҳ навое дорад.
То дӯст ба васли дӯст ояд аз дур,
Аз ҳар дарае рӯд садое дорад.

Оғоз шавад зиндагӣ аз субҳи ватан,
Бо нағмаи дилнишин расад субҳи ватан.
Бо партави субҳ равшанӣ меояд,
Равшан бинамо, Худои ман, субҳи ватан.

Эй субҳ, ҷаҳон бо нафасат гулшан кун,
Ҳар субҳи Ватан зи файз пур доман кун.
Чун мешукуфӣ, мешукуфад чеҳраи даҳр,
Аз нури Худо хонаи мо равшан кун.

Мушкилу ҷонбозиҳо оғози истиқлоли мост,
Сабз дар андоми ваҳдат шаҳраги иқболи мост.
Ҳифз бояд кард истиқлолро бо нархи ҷон,
Нархи чандин ҷону ҷонҳо нархи истиқлоли мост.

Дунё, ту аҷаб сирри ниҳон сар ба сарӣ,
Гаҳ золиму гаҳ одилу гаҳ ишвагарӣ.
Ҳар тифл, ки оғӯши туро ёфт ватан,
Мепарварию зи баъди он зуд барӣ.

Дунё, ба ҳама нолаи мо гӯши карӣ,
Ё аз ғами мо огаҳӣ, ё бехабарӣ.
Дидам, ки ба рағми мушкилу наъси замон
Аз мо ту ҳазор бор бечоратарӣ.

## НАВРӮЗ, БИЁ, ДИЛ АЗ ФАРАҲ ШОД КУНЕМ

Наврӯз, биё, дил аз фараҳ шод кунем,
Ин хона зи дуди кӯҳна озод кунем.
Бар омадагони нав муборак гӯем,
З-онҳо, ки ба хок рафтаанд, ёд кунем.

Наврӯз, биё, ки хона равшан созем,
Саҳрои дили хеш чу гулшан созем.
Аз хонаи хеш дуда созем бурун,
Шогуни баҳор то мутантан созем.

Меҳри он ёр ҷой шуд дар дил,
Ман чу моҳӣ фитода дар соҳил.
Бо муроде расам ба равзани ту,
Рӯзи наврӯз гардадам ҳосил.

Наврӯз, маё, ки модарам нест кунун,
Шодист фирорӣ зи ману бахт нагун.
Шуд ханда фаромӯш маро дар олам,
Бе модари хеш гаштаам зору забун.

Наврӯз, зи ман буридаӣ шодии ман,
Вайрона шуд охир ҳама ободии ман.
Хуршеди маро зи хона бурдӣ ба кучо,
Он модари ман, олами озодии ман.

Наврӯз, ту нав рӯз ба ман кай орӣ?!
Борон, ту ба боғи умр кай меборӣ?!
Зард аст гули умеди ман дар олам,
Уммеди маро зинда нигоҳ медорӣ?!

Наврӯз, макун валвала дар манзили ман,
Кошона кушода сад ғаме дар дили ман.
Аюби дилам хаста шуд аз кирми ғамам,
Ҳар донаи мавҷ хушк дар соҳили ман.

Биё, Наврӯзу нав рӯз ор бар ман,
Биё, ки дай занад озор бар ман.
Биё, бо он ҳама бахту накӯӣ,
Ба домонат биёр ашъор бар ман.

Биё, Наврӯзу бар ман ор нав рӯз,
Биё, эй чилчароғи гетиафрӯз.
Биёву парда бардор аз рухи шаб,
Биё, эй равшании торикисӯз.

Биё, Наврӯзу оламро садо кун,
Биёву дарди дунёро даво кун.
Биё ин ҷо, маро то мисли Бежан
Аз ин чоҳи зимистонӣ раҳо кун.

Биё, Наврӯз, пазмони ту ҳастам,
Дар ин хона нигаҳбони ту ҳастам.
Нигаҳ дорам зи рӯзардии айём,
Садоқатдори паймони ту ҳастам.

Биё, эй оташи наврӯз, боз о,
Биё, чун як ҳаётомӯз, боз о.
Биёву пок кун андоми моро,
Тамоми ҷурмҳоро сӯз, боз о.

Биё, Наврӯз, нав рӯзат муборак,
Русуми оташафрӯзат муборак.
Туро пазмон шудам чун ёри дерин,
Биё, ин ёри дилсӯзат муборак.

Ба кӯҳистон биё, Наврӯзи хушпай,
Ба зери барфи дай кӯҳсор то кай.
Биё, то ғунча бандад шохаи гул,
Садо хезад зи нойи булбулу най.

Биё, наврӯзӣ дар ҳар хона ҷӯшон,
Ҷаҳонро хилъати шоҳона пӯшон.
Биё, Наврӯз, хоки мулк сард аст,
Заминро ҷуръаи мастона нӯшон.

Биё,Наврӯз, бар Боми Ҷаҳонам,
Чӣ вақте рафтаӣ аз ин маконам.
Ки бе ту гулситони мост беранг,
Ки бо ту сабз бошад бӯстонам.

Биё, Наврӯз, бо он сурхии рӯй,
Расон ин нек мардумро ба орзуй.
Туро бо он пазиро Лаълҷуба аст
Дар ин хона, дар ин барзан, дар ин кӯй.

Биё, Наврӯз, бо нав зиндагонӣ,
Заминро ҳадя кун ранги ҷавонӣ.
Биё бо фавҷи наврӯзӣ ба кӯҳсор,
Расонам Лаълҷубаро муждагонӣ.

Биё, Наврӯз, бар ҳар хонаи мо,
Бигир аз дасти дай завлонаи мо.
Биё, Бобои деҳқон интизор аст,
Ҳазорон кун ту ҳар як донаи мо.

Биё, Наврӯз, то бошем сарҷамъ,
Ҳама то соли нав бошем бо ҳам.
Туро ин сабза пойандоз бошад,
Биё, наврӯзи нав, наврӯзи олам.

Биё, Наврӯз, бо ин резаборон,
Биё, хуш омадӣ бар кӯҳсорон.
Ба рангинии ту моро хуш ояд
Садои булбулу нози ғизолон.

Ғизолон медаванд саҳро ба саҳро,
Ки аз наврӯз дебо гашта паҳно.
Ба чашмаш кӯҳу саҳро менамояд
Ҳама зебо, ҳама волову раъно.

Ҳама зебоӣ бо Наврӯз зебост,
Ҳама раъноӣ бо Наврӯз раъност.
Мадеҳ фандам ба субҳи поки Наврӯз,
Ки то соли дигар ҳарфи ту беҷост.

Бидеҳ наврӯзиам, ай ёри бедил,
Ки ман лабташна рӯйи санги соҳил.
Набуда суннати рад то ба ин дам,
Муроди ман кунад як бӯса ҳосил.

Гаҳи Наврӯз ман аз равзан оям,
Чу булбул сӯйи гул бо шеван оям.
Бидеҳ наврӯзиам як бӯса, ай ёр,
Ки то соли дигар ҳар шаб ман оям.

## ПАРВОНА БА ШАМЪ РОЗҲО МЕГӮЯД

Парвона зи шамъ як ватан мехоҳад,
Аз оташи он шамъ кафан мехоҳад.
Месӯзаду дар пойи муҳаббат уфтад,
Аз ёр муҳаббате чу ман мехоҳад.

Парвона ҳамесӯзаду оҳе накашад,
Раҳ мушкилу ӯ мушкили роҳе накашад.
Онро ҳама умр суннати зист чунин,
Мемираду миннате зи шоҳе накашад.

Шамъ ошиқи шаб гаштаву парвона ба шамъ,
Дар пардаи шаб ғунуда парвонаю шамъ.
Эй шаб, ту нигаҳ дор ду дилдодаи худ,
То шод шавад ишқ зи парвонаю шамъ.

Уқоби шаҳпари хуршедиям ман,
Сабоҳи равшани навмедиям ман.
Умедам, раҳкушоям сӯйи мақсад,
Ба зулмоти саҳар испедиям ман.

Ба гирди шамъ ҷо парвона дорад,
Магар дар қаъри оташ хона дорад?!
Шигифт аст ин усули ишқбозӣ,
Дар оташ сӯзаду ово надорад.

Даруни оташе парвона мирад,
Аҷаб месӯзаду истода мирад.
Маро рашк ояд аз ин сӯхтанҳо,
Саре бар зонуи маҳбуба мирад.

Шабе парвона дар гулшан бимирад,
Валекин дар шаби равшан бимирад.
Сари гӯраш ба шодӣ гуфт шамъе:
Басе шодам, ки он дар ман бимирад.

Хамӯш асту бисӯзад, пас бимирад,
Хамӯшӣ дар хамӯшиҳо бимирад.
Чаро парвона баъди сӯхтанҳо
Расад бар домани маҳбуба, мирад.

Шамъ месӯзад ба ҳоли зори ман то бомдод,
Ашкрезон гӯяд ҳар дам: аз ҷудоӣ дод, дод.
Аз ҷудоӣ сар ба девори шабу субҳ мезанам,
Аз ғами ман шамъ мирад,эй Худо, ин ғам мабод.

Ин зулмати шаб бор ба шамъ то рӯз аст,
Шамъ сӯзаду дар хонаи шаб ғамсӯз аст.
Парвона ба коми оташ афтад хомӯш,
Ин қиссаи парвона чӣ ғамафрӯз аст.

**МУНДАРИЧА**

Ватан, бинои тан зи сангу хоки туст........................................ 5
Сабз гардад зиндагонӣ дар кафи хоки Ватан......................... 27
Аз равзанаи дида ҷаҳон ранг ба ранг аст............................... 36
Дар шашдари дунёи худ бо зиндагӣ дар гуфтугӯ.................. 74
Мерасад киштӣ зи дарёи ғазал ............................................ 141
Сухан шуд дар замини дил ғазалдарёи шайдоӣӣ................ 150

**ЛАЪЛҶУБАИ МИРЗОҲАСАН**

# САФИРИ МУРҒИ ШАБОҲАНГ

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 05.08.2015 супурда шуд.
Чопаш 07.08.2015 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 11.0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Валиёр» чоп шудааст.